**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД-** ***339:556***

**ТКБ – 65.68+26**

**М - 94**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МУҲАММАДЗОДА ҶОМӢ АБДУРАҲМОН**

# РУШДИ МЕХАНИЗМИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ ДАР СОҲАИ ОБ

(дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

Роҳбари илмӣ:
д. и. и., дотсент
Досиев М.Н.

**Душанбе – 2026**

# МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО**..............................................................2
**МУҚАДДИМА**……………………………………………………………...…3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

1.1. Захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодиёти минтақа………………………………………………………………………..17
1.2. Принсипҳо ва заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ………………….........................………..…32
1.3. Такмили ҳадафҳои стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дурнамои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об..........................................49

**БОБИ 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ ИСТИФОДАИ ОБ ВА ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

2.1.Таҳлили вазъи кунунии истифодаи захираҳои об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ.............................................................................................66
2.2. Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ……………………….....89
2.3. Фаъолсозии механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкории минтақавии соҳаи об ……………………………………………….......................102

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

3.1. Таҳияи заминаҳои консептуалии механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об ……………………………………………………………......................117
3.2. Баланд бардоштани нақши ҳамкории минтақавии соҳаи об дар низоми истифодабарии захираҳои оби кишварҳои Осиёи Марказӣ........................................................……………………......132
3.3. Такмили сохтори ниҳодии механизми ҳамкории соҳаи об дар минтақа ..............................................................................................................144

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО**………………………………...…..160
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**……………………..…166
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**.....................184
**ЗАМИМАҲО**.........................................................................................187

# РЎЙХАТИ ИХТИСОРАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

**АИО**- Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об

**АТМЗ-** Арзёбии таъсир ба муҳити зист дар заминаи фаромарзӣ

**БМР- 2021-2025-** Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

**БРСММ**-Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ**- Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИИАО**- Иттиҳодияи иқтисодии Авруосиё

**ИҶШС**- Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИҲЗО**-Идоракунии ҳамгироии захираҳои об

**КОА**-Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КҲБХО**- Комиссияи ҳамоҳангсозии байнидавлатии хоҷагии об

**КБМП**-Кумитаи байналмилалии машваратӣ оид ба пахта

**КМИ -** Консентратсияи максималии иҷозатдодашуда

**КБРУ**- Комиссияи байнидавлатӣ оид ба рушди устувор

**МҲТБО**-Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё

**НБО**- Неругоҳи барқии обӣ

**ОМ**- Осиёи Марказӣ

**СММ**- Созмони Милали Муттаҳид

**СҲШ**-Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

**СМР-2030**– Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**САҲА**- Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

**СҲИ-**Созмони ҳамкориҳои исломӣ

**ФБНА**- Фонди байналмилалии наҷоти Арал

**ҲРҲ**-Ҳадафҳои рушди ҳазорсола

**ҶТ**-Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ғ.-ғайра**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Аҳаммияти рӯзафзуни захираҳои об дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, амиқии буҳрони ҷаҳонии захираҳои об, зиёдшавии миқёс ва шиддатёбии мушкилоти истифода, истеъмол ва ҳифзи захираҳои оби тоза тақозо менамояд, ки механизмҳои ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии об такмил ва фаъол гардонда шаванд. Моҳияти глобалии мушкилоти мазкурро ҷомеаи ҷаҳонӣ даҳсолаҳо қабл пешбинӣ ва эътироф карда буд.

Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор баромад намуда, оид ба ҳал намудани мушкилоти соҳаи об саҳми назарраси худро гузошта истодааст.

Масалан, ташаббусҳои умумиҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии васеъ пайдо намуда, амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, аз соли 2000-ум инҷониб, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳафт созишномаи марбут ба ҳалли мушкилоти обро қабул кардааст, ки муҳимтарини онҳо инҳо ба шумор меравaнд: «**Соли 2003 эълон гардидани Соли байналмилалии оби тоза, ки** бо Қарори Маҷмаи Умумии СММ аз 20 декабри соли 2000, таҳти №55/196, дар сессияи 55-ум қабул гардид. Солҳои 2005-2015 эълон гардидани **Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», ки бо** Қарори Маҷмаи Умумии СММ аз 23 декабри соли 2003, таҳти № 58/217, дар сессияи 58-ум **ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об** бо Қарори Маҷмаи Умумии СММ аз 20 декабри соли 2010, таҳти № 65/154, дар сессияи 65-ум, инчунин, солҳои 2018-2028 **Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»** бо Қарордоди Маҷмаи Умумии СММ аз 21 декабри соли 2016, таҳти № 71/222 дар сессияи 71-ум қабул гардиданд.

Ин ташаббусҳо оид ба дарки дурусти мушкилот ва чолишҳои марбут ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ, инчунин, роҳҳои ҳалли онҳо барои рушди

иқтисодию иҷтимоӣ, ҳифзи устувори муҳити зист, сулҳу субот ва рушди устувори умумибашарӣ саҳми арзанда гузоштаанд ».

Бо дарназардошти ин, мавриди истифодаи оқилонаю самаранок қарор додани захираҳои об, инчунин, ба роҳ мондани раванди идоракунии босуботи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо бо мақсади рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, балки ҷиҳати густариши ҳамкории соҳаи муҳити зист дар минтақа ва берун аз он низ аҳаммияти хоси худро дорад. Дарвоқеъ, масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об ва зарурати фаъолкунонии ҳамкориҳои минтақавии самти мазкур аз воқеияти истифодаи заминҳои минтақавӣ дар шароити минтақаҳои хушк ба вуҷуд меояд. Ин вазъият ба он алоқамандӣ дорад, ки аз як тараф, таъсири тағйирёбии иқлим афзоиш меёбад ва аз тарафи дигар, масъалаҳои марбут ба ҳолати тозагӣ ва сифати об, ки қаблан нисбати он беаҳаммиятӣ зоҳир карда мешуд, диққати бештари истифодабарандагонро ба худ ҷалб мекунанд. Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки чорабиниҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии идоракунии об дар минтақа, ки дар ибтидои солҳои 1990-уми асри XX таъсис ёфта буданд, айни замон дар ҳалли ихтилофоти афзоянда дар мавриди татбиқи стандартҳои истихроҷи об ва тақсимоти об байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилот дучор мешаванд. Ҳалли ин муаммоҳо дарёфти равишҳои навро тавассути саъю талошҳои байналмилалӣ бо мақсади ҳосил намудани механизмҳои дарозмуҳлат ва самарабахши ҳамкории минтақавӣ барои арзёбӣ намудани баъзе ҳолатҳои баҳсталаби истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаро тақозо менамояд. Истифодаи муосири обӣ дар минтақа ба талаботи истифодаи оқилонаи захираҳои об, ба зарурати объективии ҳифз ва нигоҳдории истифодаи устувори об ба ҳамоҳангии тавоноии боигариҳои муҳити зисти минтақа мусоидат намекунад. Вазъияти зикргардида ҳамкории судманди байнидавлатиро оид ба истифодаи самараноки манбаҳои обӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақаро ба инобат гирифта, ҷонибдори ҳамкориҳои судманди байнидавлатӣ дар шароити муосир мебошад. Масалан, дар қисми 8 банди 46-уми Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 чунин қайд гардидааст: «Тоҷикистон сиёсат ва дипломатияи худро дар соҳаи об мувофиқи тамоюлҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бар асоси принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби кишвар эътирофшуда амалӣ менамояд. Ҳамзамон, сиёсати кишвар дар соҳаи об манфиатҳои миллиро ба инобат гирифта, барои татбиқи самарабахши он ислоҳоти дахлдори низоми идоракунии захираҳои обро дар асоси ҷорӣ намудани идоракунии маҷмуӣ ва ҳавзавӣ бо дарназардошти ба инобат гирифтани манфиатҳои тамоми ҷонибҳои манфиатдор ба воситаи шуроҳои ҳавзавии дарёҳо амалӣ менамояд» [5].

Андешаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои дарёфти механизмҳои нави ташкилию иқтисодии истифодаи самаранок ва сарфакоронаи захираҳои об, инчунин, муҳофизат намудани зернизомҳои он дар заминаи амиқи ҳамкории давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мубрамият ва сабабҳои интихоби мавзуи таҳқиқотро муайян месозад.

**Дараҷаи таҳияи мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар иқтисодиёт ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Дар қатори таҳқиқоти умумии назариявӣ ва махсуси муаллифони дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба ИДМ ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд, махсусан, асарҳои А. А. Акаев, В. Л. Бондаренко, Н. С. Бистритская, А.Н. Барковский, К.С. А. Гончаренко, Задохина, А.В. Захарова, К.Н. Кадимова, А.А. Ковалева, К.Н. Кулматова, В.Н. Матяша, А.Н. Михайленко, Е.Г. Пономарева, Н.П. Шмелева, А.Д. Шутова, Г. Григорева ва дигарон ба муаллиф дар таҳияи таҳқиқоти илмӣ кумаки назаррас расонданд.

Маҷмуи масъалаҳои буҳронии захираҳои об, аз ҷумла равобити байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар таҳқиқоти К. М. Волмурадов[93], Г.В., Воропаев [94], , В. И. Данилов-Данилян [55], В. А. В. А. Духовний [103, 104, 105, 106], Н. С. Кожакматова [111, 112], А. Е, Кожаков [64], Д. М. Маматканов [69, 70], Г. А. Рудов [136], А. Д. Рябцев [138], Т. Т. Сарсембеков [64], Т. У. Усубалиев [81], А. С. Шалгимбаева [150], ва дигарон муфассалтар баррасӣ гардидаанд.

Дар ин замина тавсияҳои созмонҳои бонуфузи таҳлилии байналмилалӣ низ аҳаммияти назарраси методологӣ доранд. Аз ҷумла, гузоришҳои СММ оид ба вазъи захираҳои оби ҷаҳон, БРСММ оид ба рушди инсон, Институти байналмилалии идоракунии захираҳои об, Комиссияи байналмилалии обёрӣ ва дренажӣ, инчунин, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва кумитаҳои СММ оид ба масъалаҳои об ва экология, Иттиҳодияи Аврупо, Бонки Ҷаҳонӣ, Институти масъалаҳои обии Академияи илмҳои Русия ва ғайра нақши калидӣ доранд.

Инчунин, дар ин самт асарҳои олимони ватанӣ низ ҷолиби диққатанд. Таҳқиқоти илмии Абдурахмонов Ф. А.[25], Абдусамадов, М. А.[49], Ғаниев Т. Б. [151], Ғафоров, З.М.[95], Досиев М. Н. [102], Н. К. Каюмов [62], Кимсанов У. О. (Олимҷонзода У. О.) [110], Муҳаббатов Х. М. [116], Наврӯзов С. Т. [118, 119, 120], Ниёзӣ А. [123], Норов, Х. Г. [124], Обидзода Ф. С. [125], Одинаев Ҳ. А. [126, 127, 128,129, 130, 131], Пулатов Я. Э.[43], Раҷабов С. А. [135], Исайнов Ҳ. Р. (Раҳимзода Ҳ. Р.) [108, 109], Раҳматов Р. А. [134], Садриддинов М. И. [141], Саидов С. С. [139, 140], Умаров Ҳ. У. [145], Хушвахтзода Қ. Х. [149] ва дигарон ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи тамоми ҷанбаҳои мушкилоти пайдошаванда оид ба истифодаи захираҳои об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, инчунин, дар заминаи мазкур таҳияи тавсияҳо ҷиҳати коркарди механизми нави ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ба манфиати истифодаи устувори об, инчунин, амиқсозии ҳамгироӣ ва самаранокии экологию иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд. Дар айни замон, яке аз

мушкилоти ҷойдошта, ки минтақаҳои Осиёи Марказӣ дар баробари тамоми минтақаҳои ҷаҳон бо он ру ба ру гардидаанд, тағйирёбии иқлим мебошад, ки ба тамоми маҷмааи табиию иқтисодӣ, ба хусус ба захираҳои обу замин хатари ҷиддӣ мерасонад, зеро қисми зиёди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити иқлими хушки камбориш, намии бениҳоят паст, суръати баланди бухоршавӣ ва радиатсияи аз ҳад зиёди офтоб ҷойгиранд.

Аз ин рӯ, такмили механизмҳои мавҷуда ва таҳияи механизмҳои нави ҳамкориҳои минтақавии об хеле муҳим мебошад. Дар чунин шароит таъкид намудани саъю талошҳои давлатҳои минтақа оид ба масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об, механизмҳои дастгирии мутақобила ва шарикии стратегии байни кишварҳо дар соҳаи истифодаи обҳои фаромарзӣ, ки ба манфиатҳои асосии аҳолии минтақа ҷавобгӯ мебошанд, муҳим аст. Дарки густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи таъмини рушди устувор ва амнияти обию энергетикӣ дар минтақа имкониятҳои бузург фароҳам меорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392), Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, №627), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441), Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 29 ноябри соли 2000, №34) алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳқиқоти олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки

қонуниятҳои соҳаи об ва механизмҳои истифодабарии самарноки онро ошкор намудаанд. Дар рафти таҳқиқот корҳои илмии иқтисодчиёни ватанӣ оид ба механизми ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энегетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо, интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

## ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории об дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ, инчунин, пешниҳод намудани механизми нави истифодаи муштараки об мебошад.

Мувофиқи мақсади кор **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ҳолати истифодаи захираҳои об бо мақсади тақвияти тавоноии инкишофи иқтисодии минтақа, муайян намудани мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши асосии он дар такмили ҳамкориҳои иқтисодии мамлакатҳои минтақа;
2. Муайян намудани принсипҳо ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи оби кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва пешниҳоди таърифи муаллифии «истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа», инчунин, баррасии вазъи муосир ва ошкор намудани мушкилоти иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ;
3. Коркарди дурнамои мутақобилан судманди ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои об ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили заминаи консептуалии рушди ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар минтақа;

4. Муайянсозӣ ва асосноккунонии роҳҳои такмили механизмҳои идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об, инчунин пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба дурнамои такмили он.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** механизми ҳамкории байнидавлатии соҳаи об дар шароити мамалакатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

**Ба сифати предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие баромад менамоянд, ки ҳангоми истифодаи захираҳои оби минтақа ва такмили механизми ҳамкории минтақавии соҳаи об дар шароити минтақаи Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ҳамчун фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуданд, ки тибқи онҳо бо асосноккунии илмӣ рушди истифодаи самараноки захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин карда мешавад; такмили механизмҳои ҳамкории мутақобилан судманд оид ба истифодаи захираҳои об дар минтақа ба роҳ монда мешавад; механизмҳои идоракунӣ ва низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об мукаммал гардонида мешавад; ҳамзамон, дар асоси истифодаи самараноки захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳои минтақа таъмин карда мешавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Марҳилаҳои таҳқиқот солҳои 2023-2025 – ро дар бар мегиранд.

**Асоси назариявӣ ва методологии** таҳқиқот таҳлили мунтазам ва муқоисавӣ мебошад, ки ҷиҳати таҳқиқи объект ва предмети таҳқиқот дар муайянсозии унсурҳои муҳимтарин ва муносибатҳои онҳо дар асоси сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва илмӣ, маълумотӣ, маводи оморӣ, инчунин, коркарди консептуалии олимону мутахассисон шароит фароҳам овард.

Диссертатсия бо истифода аз равишҳо ва заминаи васеи сарчашмаҳое, ки дар доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи иттилоотӣ, аз ҷумла, дар суханрониҳои раҳбарони кишварҳои ҷаҳон, Конвенсияҳо ва

шартномаҳои байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои ИДМ, Иттиҳодияи иқтисодии Авруосиё, СҲШ, маводди иттилоотию маълумотии мақомотҳои сиёсати берунии Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ифода гардидаанд, ба роҳ монда шудааст. Инчунин, монографияҳо, маҷмуаҳо, мақолаҳо, таҳқиқоти илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, захираҳои интернетию маводди ВАО, маводди СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гардидааст.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқот маводди омори расмӣ ва таҳлилӣ аз ниҳодҳои байналмилалӣ, маълумоти мақомоти давлатӣ оид ба омор ва кумитаҳои давлатии захираҳои об ба ҳисоб меравaнд. Конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи муштараки захираҳои об, қонунгузорӣ дар соҳаи оби кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ гардиданд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси истифодаи умумияти илмӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва пешниҳоди гипотеза ва усулҳои ташхис гузаронида шуд. Аз ҷумла, усулҳои таҳқиқи омилҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва иҷтимоӣ барои муайян намудани механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об истифода шуданд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳое, ки дар ҳамкории минтақавии об дар шароити Осиёи Марказӣ иштирок доранд, ташкил менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизми ҳамкории минтақавии бахши об дар шароити Осиёи Марказӣ мебошад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои нави илмӣ доранд, инҳоянд:

1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об бо дарназардошти татбиқи консепсияи истифодаи устувори об, ки ҳамгироии соҳаҳои обию энергетикӣ ва мелиоративию ирригатсионӣ бо мақсади комёбӣ ба ҳадафҳои мушаххасоти рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ, инчунин, таъмини амнияти озуқаворӣ ва нигоҳдории экосистемаҳои обӣ дар минтақа имконият медиҳад, муҳокима гардидаанд; арзёбии захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодии минтақа анҷом дода, мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши бунёдии онҳо дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян карда шуд.

2. Дар заминаи таъсиси институти муосири ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ва идоракунии ҳамгирошудаи манбаъҳо ва захираҳои об принсипҳо ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи мазкур муайян гардида, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақа» пешниҳод карда шудааст, инчунин, вазъи муосир ва ошкор намудани мушкилоти иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ арзёбӣ гардидаанд.

3. Дурнамои ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати истифодаи захираҳои оби минтақа пешбинӣ карда шуда, зарурати гузариши тадриҷан ба ташаккули низоми энергетикии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар асоси принсипҳои эконизомӣ (экосистемавӣ) ва пайвастагии истифодаи об бо дарназардошти манфиатҳои мамлакатҳои минтақа бо омилҳои иқтисодию табиӣ ва таъмини рушди мутаносиби иқтисодию экологии ташаккул ва рушди минтақа таъсис ёфтааст, асоснок

гардонида шуда, оид ба такмили заминаи консептуалии рушди ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии ҳамгироии захираҳои об тавсияиҳи илман асоснок пешниҳод гардидааст.

4. Таҳия ва коркарди асосҳои консептуалии баланд бардоштани ҳамкорӣ дар самти идоракунии маҷмуии захираҳои об дар мамлакатҳои минтақа, инчунин, модели иқтисодии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об бо дарназардошти принсипҳои идоракунии баҳамгирои захираҳои об ҷиҳати масъалаҳои мусоидат ба ҳамоҳангсозӣ ва пайвастагӣ дар банақшагирӣ, танзим ва истифодаи захираҳои об аз ҷониби кишварҳои минтақа, фаъол гардонидани иштироки кишварҳои истифодабарандаи об ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи муштараки об дар минтақа пешниҳод гардида, инчунин, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба дурнамо ва асосноккунонии роҳҳои такмили механизми идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об бо дарназардошти татбиқи консепсияи истифодаи устувори об, ки ҳамгироии соҳаҳои обию энергетикӣ бо мақсади комёбӣ ба ҳадафҳои мушаххаси рушди устувори иқтисодиёт муайян гардидааст;

2. Таъсиси институти муосири ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, идоракунии ҳамгирошудаи захираҳо ва манбаҳои обӣ ва заминаҳои объективии ҳамкориҳои минтақавии обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ муайян гардида, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақа» пешниҳод шудааст, инчунин, ҳолати кунунии истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ арзёбӣ гардида, мушкилоти иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар ин самт ошкор карда шудааст;

3. Дурнамои ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати истифодаи захираҳои обии минтақа пешбинӣ карда шуда, зарурати гузариши тадриҷан ба ташаккули низоми энергетикии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ асоснок карда шудааст, инчунин, пешниҳодҳо оид ба такмили заминаи консептуалии рушди ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар минтақа таҳия гардидааст.

4. Дар доираи такмили асосҳои консептуалии рушди ҳамкориҳо дар соҳаи идоракунии маҷмуии захираҳои об дар минтақа модели иқтисодии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об бо дар назардошти принсипҳои идоракунии ҳамгироии захираҳои об таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ ва методӣ оид ба дурнамо ва мукаммалгардонии механизмҳои идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об коркард ва пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар раванди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазорату мақомотҳо бо мақсади такмили механизмҳои танзими муносибатҳои байнидавлатии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро мутахассисон метавонанд дар таҳия ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисодии соҳаи истифодаи минтақавии об ва идоракунии муштараки захираҳои оби минтақаҳои Осиёи Миёна истифода намоянд. Муқаррароти ҷудогонаи диссертатсия метавонад дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуи мазкур татбиқ ва дар раванди таълими донишгоҳҳо, дар доираи курсҳои «Муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ», «Иқтисодиёти хоҷагии об», «Иқтисоди минтақавӣ», «Ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ» ва ғ. мавриди истифода қарор дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо гузаронидани таҷрибаҳо, таҳлилҳо, ҷамъоварӣ намудани ҳаҷми кифояи маводди таҳқиқотӣ дар рафти иҷрои таҳқиқот, баррасӣ ва коркарди

нишондиҳандаҳои омории натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, дар сатҳи зарурӣ баровардани интишорот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфта, пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2–Иқтисодиёт (5.2.21– Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мувофиқат мекунад, бандҳои: 1. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ, сохтори он, қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушди он; 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир; 4. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ; 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоративу иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ. 21. Инкишофи пойгоҳи захиравии хоҷагии ҷаҳонӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии проблемаҳои ҷаҳонӣ- экологӣ, хӯрокворӣ, энергетикӣ. Оқибатҳои равандҳои ҷаҳонӣ барои хоҷагии ҷаҳонӣ, роҳҳо ва механизмҳои ҳалли онҳо. 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия асоснок шуда, мустақилона аз ҷониби муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об анҷом дода шудааст. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон,Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии вазъи ҳамкории минтақавии соҳаи об дар низоми идоракунии захираҳои об, инчунин, идоракунии захираҳои об ва заминаҳои объективии ҳамкориҳои минтақавии обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ анҷом дода шудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи идоракунии молияи давлатӣ, конференсияҳои байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 2014-2023), конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию амалӣ дар солҳои 2014-2018 (ш. Душанбе, ш. Бишкек) Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2020-2025) маъруза гардида, қобили қабул дониста шуданд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаю семинарҳои Маркази рушди устувори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ баён карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 13 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 5,8 ҷ.ч., аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссератсия** аз рӯйи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқоти муайяншуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо ва

рӯйхати адабиёт дар ҳаҷми 186 саҳифа, 15 ҷадвал ва 20 расм ва 2 диаграмма иборат мебошад.

**Дар муқаддима** муҳиммият, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети тадқиқот, асосҳои назариявӣ, методологию иттилоотӣ ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст.

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявии таҳлили масъалаҳои ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ» -** масъалаҳои захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодиёти минтақавӣ, принсипҳо ва заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, инчунин, хусусиятҳо ва тамоюлҳои ташаккули стратегияи миллии об ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби дуюм – «Вазъи кунунии истифодаи об ва ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ»,** вазъи муосири истифодаи об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, мушкилот ва сабабҳои нуқсони самаранокии ҳамкориҳои соҳаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин, нақши ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об ва фаъолсозии механизми корпоративии баландкунонии самаранокии истифодаи захираҳои об дар минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дар боби сеюм – «Самтҳои асосии такмили механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ»,** оид ба такмили заминаҳои консептуалии механизмҳои ташаккули ҳамкориҳои соҳаи об ва идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, инчунин, ҷиҳати таъсиси сохтор ва механизми мувофиқи институтсионалии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об пешниҳодҳо таҳия гардидаанд.

**Хулоса ва пешниҳоди кори диссертатсионӣ.** Дар диссертатсия натиҷаҳои тадқиқот ва як қатор пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ва рушди он манзур гардонида шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 1.1. Захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодиёти минтақа

Об на танҳо ҷузъи муҳимми муҳити зист, балки яке аз манбаъҳои иқтисодиёт буда, хусусиятҳои норасоӣ, барқароршавӣ ва осебпазирӣ дорад. Дар соҳаҳои назарраси иқтисодиёт об ҳамчун қисми ҷудонашавандаи раванди истеҳсолот ба шумор меравад. Захираҳои об бошад, ҳамчун қисми таркибии бойигарии миллӣ ба моликияти ҷудонашавандаи давлатӣ ворид мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот оид ба таъмини шароити хубу мусоид барои некуаҳволии шаҳрвандон як қатор унсурҳо ошкор карда шуд, аз ҷумла муайян карда шуд, ки захираҳои об унсури муҳимтарини нерӯи захиравӣ ва асоси зиндагии аҳолӣ маҳсуб меёбад, ки дар сарҳадҳои муайян бо таъмини шароити мусоид барои некӯаҳволии шаҳрвандон, аз ҷумла рушди экологӣ ва иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, ҳамзамон мавҷуд будани олами набототу ҳайвонот мусоидат менамояд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки «об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт дорои қобилияти тавлид намудани неъматҳои моддии иқтисодӣ буда, барои таъмини устувории иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо омили муҳим шуморида мешавад.

Аз ин лиҳоз, ба мо лозим меояд, ки моҳияти мафҳуми «захираҳои об»-ро дарк ва таҳлил намоем. Дар адабиёти иқтисодӣ барои муайянкунонии мафҳуми «захираҳои об» ду равиш вуҷуд дорад. «Равиши аввал ба он вобаста аст, ки захираҳои об амалан тамоми обҳои табииро дар бар мегиранд, ки дар муҳити зист, яъне дар гидросфера озоданд. Ин тафсир ҷанбаъҳои васеъро дар бар мегирад, зеро ба захираҳои об обҳои Уқёнуҳои ҷаҳон, обҳои руйизаминӣ, оби дар пиряхҳо ва барф мавҷудбуда дохил мешаванд. Тибқи равиши дуюм, ба мафҳуми маҳдуди калима, захираҳои об ҳамчун обҳои тозаю минералӣ, табиӣ ва табдилёфта маънидод карда мешавад, ки ҷиҳати мақсадҳои муайян дар дурнамои

наздик ва пешбинишаванда истифода мегарданд. Ин равиши дуюм барои таҳқиқоти минбаъдаи мо асосӣ аст, зеро ин равиш дар маҷмуъ, арзиши захираҳои обро барои иқтисодиёти минтақа инъикос менамояд» [20].

Бо дар назардошти он, ки захираҳои об айни ҳол махдуд аст, истифодаи захираҳои об бояд ҳатман мувофиқи меъёру қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории давлатӣ ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз, истифодаи об таҳияи механизми дахлдори институтсионалӣ ё иқтисодию ҳуқуқӣ, истифодаи оқилонаи онҳо, инчунин, ҳифзи самарабахшро бо дар назардошти ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва экологӣ тақозо менамояд. Дар ҳуҷҷатҳои қонунгузории аксари давлатҳои ҷаҳон, инчунин, дар адабиёти соҳавӣ захираҳои об ҳамчун захираи хоҷагии халқ яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Дар робита ба ин, дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳумҳои илмии захираҳои об ва идоракунии он чунин қайд гардидааст: «Захираҳои об – обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминие, ки дар фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолият истифода мешаванд ё истифода шуда метавонанд. Идоракунии захираҳои об – маҷмӯи чорабиниҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои таъминкунандаи банақшагирии самаранок, идоракунии устувор, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, инчунин ҳифзи маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои кишоварзӣ, ҳудудҳои саноатӣ ва ҳама намуди моликият аз таъсири манфии обҳо мебошанд » [1].

Бо дарназардошти ин, мо чунин андеша дорем, ки захираҳои об ҳамчун омили асосии рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як кишвар дар раванди фаъолияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ самаранок истифода бурда мешавад.

Дар ҳақиқат, самтҳою миқёси инкишоф ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон бештар аз ҳолат ва сатҳи захираҳои об вобаста аст. Дар баробари ин, фаъолияти имрӯзаи истеҳсолию хоҷагидорӣ бештар ба дараҷаи оқилона истифода бурдани об

бо дарназардошти омилҳои табиию иқлимӣ ва дигар омилҳо вобаста мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар радифи афзоиши истеҳсолот ва зиёд гардидани қувваҳои истеҳсолкунанда, бешубҳа, таъсири манфии инсон ба муҳити зист ва экология меафзояд. Яъне, дар ин ҷараён таъсири манфии одамон ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба муҳити атроф, махсусан, нобудшавӣ, ва олудашавии сарватҳои табиӣ бештар ба назар мерасанд. Бо дарназардошти ин, айни замон дар кишварҳои ҷаҳони муосир масъалаи зарурати кор карда баромадани механизми самарабахши иқтисодии идора намудани истифодаи захираҳои табиӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбад.

Ёдовар мешавем, ки бо сабабҳои гуногун ва ҳолатҳои истифодаи сершумор об захираи бештар истеъмолшаванда дар ҷаҳон мебошад. Ҳамин тариқ, истеъмоли умумии об дар ҷаҳон аз истеъмоли дигар навъҳои сарватҳои табиӣ тақрибан 100 маротиба зиёд аст. Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои илмию амалии истифодаи самараноки захираҳои об аҳаммияти хоса дорад. Ба ин муносибат дар асоси усули умумии методологии тамоми иқтидори захиравӣ таҳқиқот гузарондан лозим аст. Захираҳои об ҷузъи таркибии тавоноии иқтисодӣ буда, ба монанди захираҳои дигар ҳамчун қисми асосии таъмини босуботи иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар ва дар маҷмуъ, минтақа маҳсуб меёбад.

Шалгимбаева А.С. қайд менамояд, ки «вобаста ба он, ки дарёҳо дар ҷаҳон бештар хусусияти фаромарзӣ доранд, истифодаи оқилонаи захираҳои об ба роҳ мондани ҳамкориҳои байни кишварҳоро дар соҳаи об тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҳамкории давлатҳо ҷиҳати истифодаи муштарак ва самараноки захираҳои оби фаромарзӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Дар айни замон аз 200 ҳавзаи дарёҳои дараҷаи аввал (дарёҳое, ки ба уқёнус, баҳр ё кӯл ҷорӣ мешаванд) дар ҷаҳон 148-тоашро ду кишвар тақсим мекунанд ва 52-тоаш манбаи захираҳои об барои 3-то 10 кишвар мебошад» [150]. Захираҳои обии сарҳадӣ ҳамчун захираҳои

табиии муштарак тасниф карда мешаванд, зеро онҳо тавре ҷойгир шудаанд, ки қисматҳои алоҳидаи онҳо дар ҳудуди ду ё зиёда давлатҳо ҷойгир шудаанд. Аз ин лиҳоз, байни давлатҳои ҳамҷавор, ки дарёҳо ё кӯлҳо аз марзи онҳо гузашта, дар наздикии сарҳади давлатӣ ҷойгиранд, масъалаҳои калоне ба вуқуъ мепайвандад, ки на танҳо ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, балки ҷустуҷӯ ва таъсиси механизмҳои иқтисодии ҳамкории байни кишварҳои минтақаро дар соҳаи об тақозо менамояд.

Ба ақидаи мо, мукаммалгардонии ҳуқуқи истифодаи об ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад, ки тартиб ва шароити истифодаи объектҳои об, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандагони об ҳамчун институти муҳимтарини ҳамкории минтақавии соҳаи об ва заминаи институтсионалии рушди механизмҳои ҳамкории байниҳукуматиро ба танзим медарорад. Маҷмуи ваколатҳои мушаххаси субъектҳои истифодабарандагони об нисбат ба объекти обе, ки барои истифода дода шудаанд, такмил додан зарур аст.

Калонтарин дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ табиати фаромарзӣ доранд. Кишварҳои минтақа онҳоро, инчунин, дар якчанд бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар таъмини об ва гидроэнергетика истифода менамоянд. Таъминоти обӣ ва ирригатсионӣ барои аҳолии кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна амри зарурӣ ва доимӣ буда, таърихи ҳазорсола дорад, вале гидроэнергетика дар солҳои наздик, махсусан, дар замони шуравӣ, вақте ки аввалин нерӯгоҳи барқи обӣ сохта шуда буд, рушд намуд.

Бо мурури замон дар давраҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон тавассути истифодаи мавқеъҳои ибтидоии афзалиятноки худ (махсусан, захираҳои сӯзишворӣ ва манбаъҳои энергетикӣ) рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои худро ба роҳ монданд.

Дар Қирғизистон ва аз ин ҳам бештар дар Тоҷикистон оқибатҳои буҳрони системавиро, ки ба азбайнравии ИҶШС вобаста буд, бартараф

мекарданд. Аз ин лиҳоз, рушди нобаробари иқтисодии кишварҳо дар нимаи дуюми солҳои 90-ум ва аввали солҳои 2000-ум дар масъалаҳои истифодаи обҳои фаромарзӣ, ки бо мухолифатҳои нав дучор шуд, зоҳир гардид.

Дар Қирғизистон ҳуҷҷатҳои муҳимми зерин қабул шуданд: «Фармони Президенти ҶҚ «Дар бораи асосҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи истифодаи захираҳои обии дар Қирғизистон тавлидшуда ва ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя ҷоришуда», соли 1997; Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи истифодаи байнидавлатии - объектҳои об, захираҳои об ва иншооти хоҷагии обии Ҷумҳурии Қирғизистон», соли 2001».

Ин ҳуҷҷатҳо сиёсати давлатии Қирғизистон ва мавқеъи асосии онро дар соҳаи истифодаи дарёҳои байнисарҳадӣ, инчунин, объектҳои ба он алоқамандро инъикос менамоянд: (расми 1.1)




**Расми 1.1 Сиёсати давлатии Қирғизистон дар соҳаи истифодаи дарёҳои байнисарҳадӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [135].

Аз маълумоти расми 1.1 бармеояд, ки принсипи музднокии истифодаи

об дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон истифода бурда мешавад.

Ҳарчанд ин муқаррарот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул нашуда бошад ҳам, ҳукуматҳо мавқеи Қирғизистонро дар масъалаҳои истифодаи об ҷонибдорӣ менамоянд. Асоси консептуалии ҳуҷҷатҳои мазкурро принсипи «ҳуқуқи моликият» ташкил медиҳад, ки заминаи ҳуқуқии талаботро оид ба аз нав дида баромадани низоми мавҷудаи тақсимоти об ва истифодаи об дар минтақа муайян мекунад. Дар истифодаи захираҳои об мувофиқи принсипҳои зикргардида ҳиссаи давлатҳо аз рӯйи масоҳати заминҳои обӣ ва миқдори истеъмоли об, инчунин, дар сохтори дохилии кишварҳои минтақа ва соҳаи саноат бояд муайян карда шавад.

Дар самти назариявии раванди мазкур яке аз муҳаққиқони асосӣ, академик Д. М. Маматканов ҳисобида мешавад, ки ӯ чунин қайд намудааст: «Низоми тақсимоти оби шуравӣ, ки ба принсипҳои маҳдудияти истеъмол асос ёфта буд, нисбат ба давлатҳои кӯҳсори минтақа табъиз мебошад. Ҳамин тариқ, мувофиқи муносибати мазкур Қирғизистон метавонист, танҳо 25 фоизи захираҳои оби дар ҳудуди худ ҳосилшударо (асосан, аз ҳавзаи Сирдарё) истифода барад, ки дар солҳои 1967-1987 майдонҳои обии он ҳамагӣ ба 186 ҳазор гектар афзоиш ёфт ва дар Ӯзбекистон бошад, ба 1364 ҳазор гектар расид» [69].

Бо дарназардошти ин, муаллиф қайд менамояд, ки: «Ҳолати мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки кишварҳои кӯҳистонӣ ва «таъминкунандагонни» асосии захираҳои оби ҳавзаи Амударё буда, танҳо ба 10-11 фоизи оби дар қаламрави худ истихроҷшавандаро даъво карда метавонистанд, ба вуҷуд омад. Илова бар ин, истифодаи мушаххаси об ва мавҷудияти заминҳои обёришаванда дар Тоҷикистону Қирғизистон нисбат ба Узбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон ба андозаи камтар мушоҳида мешавад. Масалан, дар Туркманистон – 0,41 гектар, дар Қазоқистон – 0,3 гектар, дар Қирғизистон ва Тоҷикистон – ҳамагӣ 0,14 ва 0,12 гектар ба ҳар сари аҳолӣ мувофиқат мекунад» [69].

Вобаста ба ин, тибқи ақидаи коршиносони Тоҷикистону Қирғизистон, зарурати бознигарии тартиби тақсими манобеи об миёни давлатҳои мустақили минтақаи Осиёи Марказӣ асоснок ва мантиқӣ ба ҳисоб меравад».

Ба андешаи мо, зарур аст, ки ҳуқуқи истифодаи об ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки истифодаи объектҳои об, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандагони обро ҳамчун институти муҳимтарини ҳамкориҳои минтақавии об ва заминаи институтсионалии рушди механизмҳои ҳамкории байниҳукуматӣ ба танзим медарорад, такмил дода шавад. Мукаммал гардондани маҷмуи ваколатҳои мушаххаси субъектҳои истифодабарандагони об нисбат ба объекти обе, ки барои истифода дода шудаанд, зарур мебошад.

Принсипи дигар «пардохти истифодаи об» мебошад. Аз миёнаҳои солҳои 90-ум масъалаи эътирофи об ҳамчун маҳсулоти комил дар ҷомеаи коршиносони Қирғизистону Тоҷикистон фаъолона баррасӣ мешавад.

Дар яке аз принсипҳои қатъномаи хулосавии ҳамоиш қайд гардидааст, ки «об дар ҳама гуна истифодаҳои рақобатпазир арзиши иқтисодӣ дорад ва бояд ҳамчун "манбаи иқтисодӣ" эътироф шавад ва ҷонибдорони ин равиш ба ҳамаи принсипҳое, ки дар ҳамин Конфронси байналмилалии об ва муҳити зист, ки соли 1992 дар Дублин таҳия шуда буданд, такя мекарданд».

Мусаллам аст, ки ҷонибдорони ғояи ҷорӣ намудани пардохт, аз ҷумла Т. У. Усубалиев дар Қирғизистон ва Н. А. Ашуров дар Тоҷикистон ба шумор мераванд. Ба ақидаи онҳо, «об мисли дигар карбогидридҳо яке аз захираҳои муҳимми иқтисодӣ буда, бояд арзиши хоси худро дошта бошад. Нархҳои муқарраршудаи захираҳои энергетикӣ - нефт, газ ва ангишт эътироз ба миён намеоваранд. Аммо, ягона фарқи байни захираҳои карбогидрид ва захираҳои об дар он зоҳир мегардад, ки об манбаи барқароршаванда буда, дар майдони пайдоиш дар ҳолати оморӣ қарор дорад, дар ҳоле ки захираҳои об дар ҳавзаи заҳкаш пӯёӣ мебошанд» [81].

Мусаллам аст, ки об ҳамчун мол дар қисми зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ муаррифӣ гардидааст. Аммо бозори байналмилалии об дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад ва қонунҳои хариду фурӯши обро муайян намекунад. Фурӯши хизмати обрасонӣ дар шароити кунунӣ хеле вусъати тоза касб намудааст.

Мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ барои истифодаи об метавон пардохти маблағ ҷорӣ намуд. Вале чуноне, ки коршиносон ва як қатор олимони муҳаққиқи соҳаи гидроэнергетика ва оби минтақа Д. М. Маматканова, А. К. Шапара, қайд менамоянд: «Маблағи обро намепардозанд, балки хароҷоти истифода ва зарари ба муҳити зист расонидашуда, фоидаҳои дар натиҷаи обхезии замин аз даст рафта ва ғайраро ҷуброн мекунанд. Дар ин маврид нархи захираҳои об аз рӯйи хароҷот ҷиҳати истифодабарии онҳо муайян карда мешавад. Ба ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон ва Қирғизистон дар натиҷаи сохтмони иншооти гидротехники майдонҳои азими заминҳои ҳосилхез зери об монданд. Ин талафоти калони иқтисодӣ дар натиҷаи аз муомилоти хоҷагӣ дур кардани замин мебошад. Ба ғайр аз ин, барои нигоҳубини солонаи иншооти обӣ маблағи калон сарф мешавад. Зиёдтар аз ин, талафот аз истеҳсоли ками нерӯи барқ дар як қатор НБО Токтогул ва нерӯгоҳи барқии обии Қайроқуми Тоҷикистон аз он сабаб буд, ки дар фасли тирамоҳу зимистон захираҳои об дар мавсими кишт барои таъмини кишварҳои ҳамсоя ҷамъ мешуданд» [70].

Дар робита ба ин, дар идомаи таҳқиқот муаллифон қайд менамоянд, ки «бояд қайд намуд, ки мамлакатҳои болооби дарёҳо дар масъалаи истифодаи об бо кишварҳои поёноби минтақа мавқеи комилан муқобилро ишғол менамоянд. Мавқеи баҳсбарангезтарин дар минтақаро раҳбарияти Ҷумҳурии Узбекистон ишғол менамояд. Созиши муайяне ҳосил намудан бо онҳо хеле мушкил буда, дар маркази даъво оид ба идоракунӣ ва истифодаи об дар минтақа ҳамеша қарор доранд. Ҷойгоҳи

мамлакатҳои поёноби Сирдарё ва Амударё ба ду мавқеъ муаррифӣ мегарданд:

а) дар ин макон об манбаи табиии бемузд буда, бар хилофи захираҳои карбогидридӣ, арзише надорад;

б) дарёҳои байнисарҳадӣ ва дар маҷмуъ захираҳои об моликияти махсуси кишварҳои алоҳида ҳисобида намешавад» [70].

Ин воқеиятро В. А. Духовний, Ю. Х. Рисбеков ва В. И. Соколов, ки кормандони Маркази илмӣ-таҳқиқотии Комиссияи байнидавлатии хоҷагидории оби Осиёи Марказӣ дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон мебошанд, ҷонибдорӣ менамоянд. Ба ақидаи онҳо, «об бо дар назардошти аҳаммияти беназири худ барои инсон, табиат ва ҷомеа як ҷавҳари ҳаётан муҳим ва ивазнашаванда ба шумор меравад. Дар баробари ин, В. А. Духовний чунин мешуморад, ки кӯшиши ба ҳайси мол номгузории об ғайритавоноӣ мебошад» [105].

Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҳияи илмии тамоми маҷмуи масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳамкории байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо ҳангоми азхудкунии захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ дар шароити идоракунии глобалӣ бо мушкилоти нави асри XXI, инчунин, вазифаҳои наве, ки дар рафти ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба миён омадаанд, шарҳ дода мешавад. Ба ин қатор на танҳо мубориза бо терроризми байналмилалӣ, қочоқи инсон, маводди мухаддир ва таназзули муҳити зист, балки зарурати роҳандозии ҳамкориҳои муассиру устувор бо кишварҳои ҳамҷавор, таҳкими субот ва бехатарии минтақавию ҷаҳонӣ, барои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об шароити мусоид фароҳам овардан ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об низ дохил мегардад.

Арзёбии ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар рушди фазои дарёҳои фаромарзӣ дар заминаи идоракунии глобалӣ аз нуқтаи назари илмӣ зарурати таъхирнопазири дарки тамоюлҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

Мубориза то андозае барои захираҳои об ба таърихи рақобати нафту газ монандӣ дорад, ки кишварҳоро ба соҳибмулки ин захираҳо ва онҳое, ки ворид мекунанд, ҷудо менамояд. Ягона фарқият дар он аст, ки дар мавриди нафту газ мо метавонем, дар бораи манбаъҳои ашёи хом ё роҳҳои алтернативии таъминот сӯҳбат намоем, пас, дар робита ба захираҳои об ин кор хеле мушкилтар ва гаронтар ба ҳисоб меравад.

Табиист, ки дарояндаи наздик захираҳои об метавонад бо арзиши ашёи хоми карбогидридӣ – нафт, муқоиса кунад, ё зиёдтар гардад. Бисёр лоиҳаҳо оид ба гузаронидани онҳо ба минтақаҳои беоб (масалан, лоиҳаи ба Осиёи Миёна гузарондани дарёҳои Сибир) бинобар вазъияти молиявӣ, гидрологӣ ва сиёсӣ татбиқ нашудаанд.

Имрӯз масъалаи дарки ҳифзи захираҳои об, сарфи назар аз тафовутҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва дигар тафовутҳое, ки байни кишварҳо ва халқу миллатҳои гуногун мавҷуд аст, бояд ҷузъи таркибии фарҳанги ҳифзи сарватҳои табиӣ гардад.

Дар робита ба ин, ба андешаи мо, «захираҳои об унсури муҳимтарини нерӯи захиравӣ, муҳимтарин ҷузъи муҳити зист, инчунин, сарчашмаи осебпазир ва маҳдуд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ захираҳои об бояд ҳамчун сарчашмаи ҳаёт ва фаъолияти аҳолии дар ин минтақа истиқоматкунанда, таъминкунандаи рушди иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии мардуми минтақа, инчунин, омили мавҷудияти олами ҳайвоноту наботот оқилона истифода бурда шуда, таҳти назорат ва ҳифз қарор дода шаванд».

Муҳаққиқон чунин қайд намудаанд, ки «..беҳамтоии об ҳамчун манбаи табиӣ дар он аст, ки он барои ноил шудан ба натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ мусоидат намуда, инчунин, имкони таъмини устувории иқтисодию иҷтимоии минтақаҳоро фароҳам меорад. Инчунин, баробар ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда хамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо муҳити зист пайваста афзоиш ёфта, аксаран, боиси хуб гардидани вазъи

он мегардад, вале дар айни замон ба камшавӣ ва ифлосшавии захираҳои табии таъсири манфӣ мерасонад».

Дар робита ба ин, кор карда баромадани механизми самарабахши иктисодии идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ, махсусан, об хеле мубрам ва амри зарурӣ ҳисобида мешавад.

Ҳамчуноне ки қайд карда шуд, захираҳои об ҳамчун обҳои табиии тоза ва маъданӣ фаҳмида шуда, айни замон ва минбаъд ҳам бо мақсадҳои муфиди муайян истифода бурда мешаванд. Маҳз дар радифи андешаи зикргардида мо дар таҳқиқоти илмии минбаъда захираҳои обро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор хоҳем дод, зеро ин раванд барои иқтисодиёти минтақа дар маҷмуъ, арзиши захираҳои обро инъикос ва муайян менамояд. Аз сабаби гуногун будани истифодабарӣ, об ҳамчун захираи бештар истеъмолшаванда дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Азбаски истеъмоли умумии об дар ҷаҳон назар ба истеъмоли дигар навъҳои захираҳои табиӣ қариб сад маротиба зиёд мебошад,ин бевосита ба камшавии он оварда мерасонад.

Бояд гуфт, ки мушкилоти асосии об дар минтақа ифлосшавии кӯлҳо, обанборҳо ва дарёҳо аз партовҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, аз заминҳои кишоварзӣ ва шаҳрӣ шуста шудани моддаҳои ифлоскунанда, инчунин, обҳои партови иншооти тозакунӣ мебошанд.

Дар баробари ин, сарфи назар аз фаровонии захираҳои об, бинобар ифлосшавии васеъ, сифати об пайваста паст мешавад. Умуман бад шудани вазъияти экологӣ ва ифлосшавии барзиёди обҳои руйизаминӣ ва зеризаминӣ, алалхусус, шароити истифодаи обро хеле душвор мегардонад. Ифлосшавии объектҳои об сабаби норасоии об, ки барои таъмини оби ошомиданӣ ва хоҷагидорию маишӣ, коҳишёбии маҳсулнокии моҳии дарёҳо ва дигар оқибатҳои манфӣ мегардад.

Дар робита ба ин, мавҷудияти мафҳуми қонунӣ тасдиқшудаи захираҳои об ва усулҳои истифодаи онҳо масъалаи асосӣ дар муайянкунонии ҳудуди асосӣ мебошад, ки дар доираи талаботи он

коркард ва ташаккули идоракунии самараноки истифода ва ҳифзи захираҳои об дар низоми нав ба нақша гирифта шудааст. Мо чунин мешуморем, ки ба таҳқиқи истифодаи самарабахши манбаҳои обӣ бо ба инобат гирифтани равиши умумии методологӣ, пурра ошкор намудани иқтидори захираҳо амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Зеро захираҳои об қисми таркибии ин навъи иқтидор буда, ҳамчун захираҳои меҳнатӣ, захираҳои моддию техникӣ ва заминӣ бояд ба низоми умумии таъминоти устувории ҷамъиятию иқтисодии минтақа дохил карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки таъмини суботи иҷтимоию иқтисодии минтақа ба таври объективӣ боиси такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об мегардад.

Инчунин, Б. А. Красноярова, В. Ф. Резников қайд намудаанд, ки «...ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об равандест, ки ба рушд ва идоракунии ҳамоҳангшуда дар маънои васеи иҷтимоии на танҳо об, балки дигар захираҳои марбут ба он мусоидат мекунад, ки ба натиҷаҳо дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бо зарари камтарин ба муҳити атроф ноил шаванд. Он ба рушди муносибатҳои маҷмуӣ барои ноил шудан ба созиш байни эҳтиёҷоти рақобатпазир ба захираҳои обии табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои манфиатдор, фароҳам овардани шароит барои ташкили ҳамкории самарабахши байни онҳо ва таҳияи стратегияҳои ҳамоҳангшудаи рушд, ки манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ ба инобат мегиранд, мусоидат мекунад» [36].

Аз ин рӯ, ҳадафи ҳамкории минтақавӣ таъмини идоракунии мувофиқи захираҳои об дар раванди рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Айни ҳол, механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об бо мақсади устувории экологӣ ва комёбӣ ба баробарии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул ва такмил дода мешаванд. Таҷрибаи амалӣ дар механизмҳои ташкилӣ ва институтҳои ҳамкории байнидавлатии

минтақавӣ ҷамъ оварда шуда, асосҳои консептуалии механизмҳои обҳои минтақавӣ муқаррар гардидаанд, ки дар расми 1.2 нишон дода шудаанд.




**Расми 1.2 Асосҳои консептуалии механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об**
**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти[1].

Аз маълумоти дар расм пешниҳодгардида маълум мегардад, ки барои дастгирии Ташкилотҳои хоҷагии об ва ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ механизмҳои гуногун бояд такмил дода шуда, бо мақсади амалӣ гардидани он гуруҳҳои алоҳидаи корӣ таъсис дода шаванд.

Вобаста ба ин, олимони ватанӣ Садриддинов М. И., Неъматов М.А., Расулов С. Г. чунин қайд намудаанд: «Ҳамасола дар доираи салоҳиятҳои Комиссияи доимоамалкунандаи ҳамгиройи хоҷагии обӣ (МКВК) гурӯҳи

махсус таъсис дода мешавад ва ҳадафи асосии он тақсимоти захираҳои обии ҳавзаи дарёҳои обии давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи ин, Комиссияи Федератсияи Россия ҳамчун мушоҳид иштирок менамояд. Маҳз, дар ҳамин комиссия масъалаҳои истифодаи самаранок, тақсимоти захираҳои обӣ ва истифодаи технологияҳои обӣ мавриди ошкор қарор мегиранд. Дар ҳоли имрӯз бисёр масъалаҳои дараҷаи обистифодабарӣ дар доираи салоҳияти комиссия мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд» [141].

Муҳимтарин ниҳодҳои ташкилӣ Фонди байналмилалии наҷоти Арал (ФБНА) ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО) мебошанд. Хусусияти тавсифноки марҳалаи муосири инкишофи механизмҳо, ин на танҳо талош ба масъалагузории вазифаҳои нав, балки истинод ба сохторҳои самарабахши бисёртарафа низ мебошад, ки мунтазам мустаҳкам карда мешаванд. Масалан, Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО), ки вазифаҳои гуногуни техникиро дар шароити куллан тағйирёфта иҷро мекунад, чандинсолаҳо аз харобшавии низомҳои таъминоти ҳаётии комплекси ягонаи хоҷагидорӣ наҷот дода, новобаста ба ҳамаи душвориҳои моддию ташкилотӣ, фаъолияти онҳоро дастгирӣ намуданд.

Ба шарофати фаъолияти ҳамарӯза коршиносон ва мутахассисони гуногун, аз ҷумла намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, мунтазам дастгирии иттилоотӣ мегирифтанд, ки имкониятҳои банақшагирии асосии рушдро васеъ менамуд.

Маҳз фаъолияти Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО) мебошад, ки дар Осиёи Марказӣ барои идоракунӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои обии фаромарзӣ, сарфи назар аз ивазшавии доимии давраҳои камобӣ ва обхезӣ, ҷудошавӣ аз моддию ҳуқуқии қаблан мавҷудбуда тадбирҳои ташкилиро амалӣ менамояд. Инчунин, дар раванди таъмини об ба кишварҳои Осиёи

Марказӣ аз ҳолатҳои ҷиддии низоӣ каноргирӣ карда тавонистанд ва дар ҳудудҳои алоҳида заминаҳои истифодаи кафолатноки обро ҳифз ва аз нав барқарор гардониданд.

Дар чаҳорчӯби Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии об дар Осиёи Марказӣ (КБҲХО), мақомоти ваколатдори обии панҷ кишвари Осиёи Марказӣ барои банақшагирӣ ва идоракунии босуръати хизматрасониҳои соҳаи об дар ҳавзаҳо Сирдарё ва Амударё якҷоя фаъолият менамоянд. Самаранокии кӯшишҳои онҳо нишон медиҳад, ки захираҳои муштараки обӣ барои рафъи монеаҳо ва ҳамкории судманди давлатҳо имконият фароҳам меорад.

Дар марҳалаи муосир Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО) ба татбиқи Идоракунии ҳамгироии захираҳои об (ИҲЗО) таваҷҷуҳи махсус дорад. Рушди Идоракунии ҳамгироии захираҳои об (ИҲЗО) дар минтақа, асосан, тавассути лоиҳаҳои хурди озмоишӣ, ки дар якҷоягӣ бо шарикони хориҷӣ ва бо дастгирии молиявии онҳо татбиқ мегарданд, амалӣ карда мешавад.

Ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти муосири Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО) аз талошҳо барои таҳкими эътимод ва фароҳамоварии замина барои ҳамкорӣ байни созмонҳои хоҷагии об ва доираи васеи субъектҳои марбут ба истифодаи захираҳои об иборат аст. Инчунин, дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ низоми ахборотӣ таҳия гардида, дастгирии ҳуқуқии фаъолияти гурӯҳҳои кории Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБҲХО) ва ҳамкорӣ дар соҳаи об оид ба муносибсозии (оптимизатсияи) қоидаҳои танзим ва истифодаи захираҳо дар ҳавзаи Сирдарё ва Амударё идома дорад.

Муҳим он аст, ки ҳамаи ин самтҳо на танҳо дар шакли таҳияи мизи корӣ, балки дар муҳокимаҳои васеи конфронсҳои илмӣ ва нашри мунтазам сурат мегиранд. Онҳо заминаи ҳамоҳангсозии амалҳои байни Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ

(КБҲХО) ва ташкилотҳои донорӣ мегарданд. Фаъолияти Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии обӣ (КБҲХО), умуман, аз дастгирии ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бархурдор аст.

Бояд тазаккур дод, ки вактҳои охир ба комиссия якчанд маротиба тавсия карда шуд, ки кори мақомоти ҳокимияти иҷроияро тақвият бахшида, ба барқарор намудани ҳолати хуби экологии ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё аҳаммияти махсус зоҳир намуда, барои ҳамкории бисёртарафа дар шакли созишномаҳои нав заминаи мустаҳкам ба вуҷуд оварад.

### 1.2. Принсипҳо ва заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ

Солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтани сифати об, инчунин камбудӣ ва норасоии он ба назар мерасад, ки ин, бешубҳа, яке аз мушкилоти муҳимтарин барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳисобида мешавад. Пайдоиши ҳолати мазкур, аз назари мо, натиҷаи номунтазам ва номутобиқи тақсимот ва истеъмоли об, ҳаҷми хароҷоти он мебошад, ки дар баробари ин, сол то сол сатҳи ифлосшавии об зиёд гардида, боиси камшавии дастрасии захираҳои воқеии он мегардад. Ин ҳама, дар навбати худ, боис гардид, ки масъалаҳои об ба яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти иқтисодиёти давлатҳои минтақа табдил ёбад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир, назорат аз болои равандҳои истифодаи муштараки захираҳои обии фаромарзӣ, таваҷҷуҳ ва пайвастагии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи мазкур хеле зарур мебошад. Амалҳои зерин, пеш аз ҳама, барои он зарур мебошанд, ки «обҳои фаромарзӣ (объектҳои об) – ин ҳама гуна обҳои руйизаминӣ ё зеризаминӣ мебошанд, ки сарҳадҳои байни ду ва зиёда давлатҳоро убур мекунанд ва ё дар чунин сарҳадҳо ҷойгир шудаанд. Дар он ҷое, ки обҳои фаромарзӣ мустақиман ба баҳр ҷорӣ мешаванд, ҳудуди чунин обҳои

фаромарзӣ бо хатти росте маҳдуд мегардад, ки резишгоҳи онҳо дар байни нуқтаҳои хатти поёни оби дар соҳил воқеъбуда, мегузаранд» [35].

Бисёре аз муҳаққиқон муътақиданд, ки аз ҷониби ҳамаи давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қабули созишномаи мушаххас ва судманд оид ба масъалаҳои мубрами истифодаи захираҳои об метавонад тавассути таҳияи стратегияи ягонаи умумии истеъмоли онҳо, стратегияи умумии истифодаи оқилона ва ҳифзи эконизом суръат бахшад. Ғайр аз ин, он метавонад вазъияти комиссияҳои ҳамоҳангсозии дар минтақа ташкилшударо хеле беҳтар намояд. Дар ин бобат изҳороти роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ як ваколати ниҳоят муҳим мебошад. Дар он аз зарурати таъсиси комиссияи махсуси СММ шаҳодат медиҳад, ки ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои донор барои ҳалли масъалаҳои ҳавзаи баҳри Арал масъул мебошанд [70]. Пас аз эълони истиқлоли давлатӣ, ҳама панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ба таҳияи қонунгузории об дар сатҳи миллӣ шуруъ карданд. Ҳамаи кишварҳо кодексҳо ё қонунҳоеро қабул кардаанд, ки муносибатҳои обро танзим мекунанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии мазкур дар ҷадвали 1.1 оварда шудаанд:

**Ҷадвали 1.1 Санадҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи об**

| № | **Номгӯйи мамалакатҳо** | **Номгӯйи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ** | **сана** |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кодекси об | 27.12.1993<br>2.04.2020 |
| 2. | Ҷумҳурии Қазоқистон | Кодекси об | 31.03.1993<br>09.07.2003 |
| 3. | Ҷумҳурии Қирғизистон | Қонуни об | 14.01.1994<br>27. 06 2025 |
| 4. | Ҷумҳурии Узбекистон | Қонун дар бораи об ва истифодаи об | 6.05.1993<br>30.07.2025 |
| 5. | Ҷумҳурии Туркманистон | Кодекси об | 27.12.1972<br>03.06.2023 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти** [22].

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки бо мақсади танзим ва назорати давлатии истифодабарии оқилонаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин амал мекунанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022.

Месазад зикр намуд, ки дар кодексу қонунҳои ҳамаи панҷ давлат об мутобиқи Конститутсияҳои онҳо моликияти давлатӣ эътироф карда шудааст. Ҳуқуқи истифодаи махсуси об дар асоси пулакӣ амалӣ карда мешавад.

Дар қонунгузории чор давлат (ба истиснои Туркманистон) моддаи алоҳида муқаррар карда шудааст, ки, агар дар шартномаи байналмилалӣ ғайр аз қоидаҳои дар қонунгузории ин давлатҳо пешбинишуда қоидаҳои дигаре муқаррар шуда бошанд, талаботи шартномаи байналмилалӣ татбиқ хоҳанд шуд.

Вале ин стратегияҳои давлатии об дар ҳолатҳое, ки дар байни давлатҳои минтақа механизми муассири ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ҷорӣ шудааст, татбиқи муваффақона ва аҳаммияти хосса пайдо менамоянд.

Мусаллам аст, ки ҳар як мамлакати минтақа доир ба масъалаи об ва истифодабарии самараноки он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намуда, дар онҳо принсипҳои махсус дар бораи захираҳои об ва истифодаи самараноки он пешниҳод намудаанд.

Дар робита ба ин, месазад қайд намуд, ки ҳангоми риоя намудани принсипҳои мазкур дар ҳамаи кишварҳои минтақа истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об роҳандозӣ гардида, пешгирӣ намудани ифлосшавии захираҳои об, идоракунӣ ва ҳифзи он таъмин карда мешавад

Масалан, дар моддаи 4-уми Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои зерин муқаррар карда шудаанд: (расми 1.3)




**Расми 1.3 Принсипҳои истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти** [1].

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки соли 1992 дар шаҳри Дублин дар ҳамоиши байналмилалӣ оид ба об ва муҳити зист принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об татбиқ гардиданд, ки дар он ақидаҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

а) афзоиш, идоракунӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои об бояд дар байни кишварҳое, ки обро мунтазам истифода мебаранд, баробар тақсимбандӣ карда шавад;

б) беохир набудани захираҳои оби тоза, инчунин, об рушди босуботи ҷомеа ва асоси ҳаёт маҳсуб меёбад;

в) аз сабаби оне ки об арзиши иқтисодӣ дорад, бояд онро ҳамчун неъмати иқтисодӣ эътироф намоем [81].

Дар робита ба ин Б. А. Краснoярова ва В. Ф. Резников қайд намудаанд, ки «...мақсади асосии ин ташаббус ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) дар бахши идоракунӣ ва оқилона истифода бурдани захираҳои об ба шумор меравад. Татбиқи принсипҳои ҳамкории минтақавии об имкониятҳои ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани сиёсати об, такмили қонунгузории рушди устувори захираҳои об ва таҳияи стратегия, инчунин, фароҳам овардани заминаи институтсионалии татбиқи онҳо ва таҳияи омилҳои идоракуниро муайян менамояд» [36].

Ҳамзамон, оид ба таъмини мувозинати экологӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои судмани кишварҳои истифодабарандаи об дар минтақа шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар ин раванд олими ватанӣ Олимҷонзода У. О. чунин қайд менамояд: «Бояд гуфт, ки дар ҳоли ҳозир бахши обу энергетика яке аз мушкилтарин бахшҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳамин ҳол, сарфи назар аз ҳама талошҳо, барои ба роҳ мондани муносибатҳои муассир байни кишварҳо дар самти истифодаи муштараки захираҳои об ва энергетикии дарёҳои фаромарзӣ, бо иштироки кишварҳои пешрафта, созмонҳои байналмилалӣ, бонкҳо ва дигар сохторҳои молиявӣ то ҳол комёбиҳо хеле кам буданд»[110].

Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳамкориҳои судманд бо мамлакатҳои минтақа ва бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии онҳо принсипҳои зерини дар расми 1.4 пешниҳодгардидаро дар сиёсати соҳаи оби худ амалӣ менамояд:




**Расми 1.4 Принсипҳои татбиқи сиёсати соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти** [5].

Аз расми 1.4 маълум мегардад, ки ҳамкорӣ дар соҳаи об, то андозае ҳам раванди иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад, ки ба ҳалли ихтилофҳо нигаронида шудааст ва зарурати худи онро зарурати ноилгардӣ ба адолат ҳангоми тақсимоти захираҳои об муайян мекунад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии об барои давраи то соли 2040 қабул гардидааст, ки

дар он мазмунан  чунин принсипҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об пешниҳод гардидаанд:

• «Таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба оби нӯшокӣ ва санитария. Пешбинӣ шудааст, ки таъминоти об ба хамаи истифодабарандагони об низ кафолат дода мешавад.

• Идоракунии маҷмӯии захираҳои об дар асоси идоракунии ҳавзаҳо.

• Муваффақ шудан ба идоракунии захираҳои об аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор ва аз ҷиҳати экологӣ асоснок.

• Муносибати фарогир. Ин иштироки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо,  мақомоти маҳаллӣ, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва дигар ташкилотҳоро дар ба нақша гирифтан ва идоракунии истифода ва ҳифзи захираҳои об дар назар дорад.

• Дипломатияи об дар сатҳи минтақавӣ, ки ба принсипҳои ҳамсоягии нек, баробарӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд асос ёфтааст» [5].

Вобаста ба ин, месазад қайд намуд, ки принсипҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об муносибати муттаҳидро ба идоракунии захираҳои об пешниҳод намуда, чаҳорчӯбаи умумиро барои расонидани хадамоти бахши об таъмин мекунанд.

Маврид ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истифодаи захираҳои об манфиатҳои кишварҳои минтақаро ба инобат гирифта, бо мақсади таъмини амнияти экологӣ ва санитарию эпидемиологии захираҳои об, инчунин, бо мақсади риояи принсипҳои истифодаи одилона ва оқилонаи об тамоми чораҳоро андешида, ҳуқуқу уҳдадориҳои дар соҳаи об доштаи худро самаранок истифода мебарад.

Дар робита ба ин, олими ватанӣ Олимҷонзода У. О.,, қайд намудаанд, ки «дар шароити Осиёи Марказӣ барномаи дарозмуддати мақсадноки рушди ҳамаҷонибаи соҳаи обу энергетика, аз ҷумла заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ барои татбиқи самараноки тамоми раванди технологӣ аз истифодаи об, таҷдиди нерӯгоҳҳои мавҷуда ва сохтмони

нерӯгоҳҳои барқи обии ба нақша гирифташуда то содироти нерӯи барқ ба кишварҳои ҳамсоя, ки ба оби тоза ниёз доранд, зарур аст. Ба манбаъҳои устувори маблағгузори, аз ҷумла маблағҳои буҷетҳои сатҳи гуногун, манбаъҳои ғайрибуҷети, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, амалиёти лизингӣ барои хариди таҷҳизоти обу энергетикӣ, маблағҳои сармоягузор (дохилӣ ва хориҷӣ) барои беҳтар намудани вазъи соҳаи обу энергетика дар маҷмуъ диққати махсус дода шавад. Танҳо дар сурати дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии соҳаи обу энергетика бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ аз самтҳои дар боло зикргардидаи таъмини амнияти обу энергетикии ҷумҳури натиҷаҳои пешбинишударо ба даст овардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, афзоиши истеҳсоли нерӯи барқи обӣ ва ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикӣ зич алоқамандӣ дорад » [110].

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки бисёр мутахассисони минтақавӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии масъалаҳои марбут ба захираҳои об ва усулҳои истифодаи онҳо андешаҳои гуногун доранд. Барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи об талаботи Консепсияи умумияти манфиатҳо бо дар назардошти хусусиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ташкили ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об аҳаммияти хусусӣ дорад. Дар робита ба ин, метавон принсипҳо ва самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкории давлатҳои минтақаро дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об мухтасар ифода намуд, ки аз муқаррароти Консепсияи умумияти манфиатҳо асос ёфтааст.

Мувофиқи самтҳои асосии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, ки дар ҷадвали 1.2 пешниҳод гардидаанд, ҳамгирой оид ба истифодаи самараноки об бояд дар асоси расмиёти мувофиқашудаи кишварҳои минтақа ба роҳ монда шуда, ҳангоми истифодаи он ба мамлакатҳои ҳамсоя зарари иқтисодӣ расонида нашавад.

**Ҷадвали 1.2 Принсипҳо ва самтҳои асосии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об**

| Принсипҳои ҳамкорӣ | Самтҳои асосии ҳамкорӣ |
|---|---|
| - эътирофи дарёҳои Сирдарё ва Амударё ҳамчун низоми ягонаи обию энергетикии ҳавзаи баҳри Арал, ки дорои объектҳои обҳои фаромарзӣ мебошад;<br>- истифодабарии объектҳои обии фаромарзӣ дар асоси реҷаи мувофиқашудаи механизмҳои убур ва меъёри истеъмоли об, ки ба манфиатҳои ҳама давлатҳои минтақа, аз ҷумла минтақаи ташаккули резиши дарёҳои фаромарзӣ асос ёфтааст;<br>- баррасии муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва сохтмони иншооти нави гидротехникӣ дар дарёҳои фаромарзӣ, инчунин, навсозии иншооти мавҷудаи гидротехникӣ дар сурати татбиқи муштараки онҳо;<br>- ҳамкорӣ дар шароити баробарии соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва нафъи мутақобила аз истифодаи одилонаи захираҳои обию энергетикӣ бо дар назардошти таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи об;<br>-ҳуқуқи истифодаи захираҳои об ва энергетикӣ дар ҳудудҳои марзӣ мутобиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ бо назардошти режими иҷозатдодашуда ва меъёрҳои истеъмоли об, ки давлатҳо мувофиқа кардаанд;<br>- нарасонидани зарар ба давлатҳои ҳамсоя;<br>- муносибати ҳавзавӣ ба ташкили таъминоти обӣ, истифодабарии обӣ ва ҳифзи об;<br>– огоҳии саривақтии чорабиниҳои пешбинишуда оид ба истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, ки метавонанд ба манфиатҳои дигар давлатҳо, ҳодисаҳои сунъӣ ва табиат таъсир расонанд;<br>- батанзимдарории баҳсҳои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои обию энергетикӣ дар асоси расмиёти мувофиқашудаи кишварҳои минтақа | - ташаккули сиёсати ҳамоҳангшудаи минтақавӣ оид ба рушд ва истифодаи оқилонаи захираҳои об бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалии об;<br>- татбиқи давравии сиёсати мутобиқшудаи минтақавӣ бо дар назардошти манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии ҳамаи давлатҳои ҳавзаҳои Сирдарё ва Амударё;<br>- муттасилии танзими низомҳои обию энергетикии минтақаҳои Осиёи Марказӣ дар шароити реҷаи истеъмоли қувваи барқ, таъмини захираҳои сузишворию энергетикӣ;<br>- амалӣ намудани сармоягузориҳои муштарак ба сохтмон ва таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ ва хоҷагидории обӣ, ки дорои аҳаммияти минтақавӣ дар асоси судманд мебошанд;<br>- фаъолгардонии мақомоти мавҷуда ва таъсиси мақомотҳои нави байнидавлатии идоракунӣ ва иҷроияи дорои мақоми дахлдор, ки барои иҷрои вазифаҳои худ оид ба танзими реҷаи обию энергетикии дарёҳо заруранд;<br>- таҳияи лоиҳаҳои азхудкунӣ ва истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, танзими реҷаҳои ҷараёни байнидавлатии нерӯи барқӣ ва таъмини захираҳои энергетикӣ вобаста ба татбиқи реҷаи мувофиқашудаи обию энергетикии дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ғайра [62]. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [62].

Ҳамгироӣ дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об бояд ҳамчун истифодаи муштараки захираҳои об дар асоси татбиқ намудан ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ширкаткунандагони муносибатҳои ҳамгироӣ мавриди арзёбӣ қарор гиранд.

Дар идомаи таҳқиқот Б. А. Красноярова ва В. Ф. Резников қайд намудаанд, ки «ҳадафи барномаи бахши оби Швейтсария ин иқтидори дохилӣ ва рушди захираҳои инсонии марбут ба сармоягузориҳои мустақим ба инфрасохтор, дастгирии рушди институтсионалӣ, инчунин,ҳамоҳангсозии донорҳои дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалбшуда ва дастгирии шарикии минтақавӣ ба шумор меравад.

Ин стандартҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ-танзимкунанда, тақвият бахшидани муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, истифодабарандагони об, дастгирии шаҳрдорӣ, такмили идоракунии об ва истифодаи самараноки он дар сатҳи микроӣ, инчунин, таъмини дастрасии шаффоф ва озод ба ахбори марбут ба бахшро барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тақозо менамояд» [36].

Дар ҷорӣ намудани унсурҳои ҳамкории минтақавӣ дар ҷаҳон таҷрибаи назаррас андӯхта шудааст. Масалан, Таиланд ва Ҳиндустон, Хитой, Уганда, Квебек ва Бразилия бо кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ омилҳои ҳамгироиро амалӣ карда истодаанд. Кишварҳои ИА ҳамкориҳои бахши обро дар чаҳорчӯбаи Дастури истифодабарии об густариш медиҳанд.

Таҷрибаи татбиқи Стратегияи оби Швейтсария барои Осиёи Марказӣ, ки ҳадафаш таҳкими иқтидори минтақавии идоракунии захираҳои об мебошад, ҷолиб ба назар мерасад, ки дар асоси принсипҳои раванди ҳамгироӣ ба роҳ монда шудаанд.

Аз принсипҳои раванди ҳамгироӣ, ки дар расми 1.5 пешниҳод гардидаанд, маълум мегардад, ки иштироки васеи ҷомеа дар идоракунӣ, банақшагирӣ ва истифодаи захираҳои об ба инобат гирифта шуда, ба эҳтиёҷоти инсон афзалият дода мешавад, ки принсипҳои мазкур хусусияти башардӯстона доранд.

Вобаста ба ин бояд зикр намуд, ки раванди ҳамкорӣ дар раванди идораккунӣ ва истифодаи самараноки об бояд ба принсипҳои асосии зерин замина ёбад: (ниг. ба расми 1.5)

- иҷроиш дар доираи гидрографӣ (иҷро намудани идоракунии захираҳои об дар доираи низоми муқарраргадидаи соҳаи об);
- бо дарназардошти хусусиятҳои иқлимӣ дохил намудани ҳама намудҳои об;
- робитаи зич байни истифодаи об ва ҳамаи субъектҳои иштирокчӣ бояд ҳам ба таври уфуқӣ дар байни бахшҳо ва ҳам дар байни сатҳҳои иерархияи идоракунии муносибатҳои об ба роҳ монда шавад;
- иштироки васеи ҷамъият дар идоракунӣ, банақшагирӣ ва истифодаи захираҳои об;
- иҷроиши раванд бояд дар шароити таъмини иттилоотии мувофиқ, ошкорбаёнӣ ва шаффофияти он амалӣ карда шавад;
- афзалият бояд ба эҳтиёҷоти таъхирнопазири инсон дода шавад;
- барои мубориза бар зидди талафоти бесамари истифодабарандагони об бояд ҳавасмандгардонӣ истифода шавад.

**Расми 1.5 Принсипҳои раванди ҳамгироӣ дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [140].

Илова ба ин, консепсияи ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар заминаи як қатор гурӯҳи ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ асос ёфтааст, ки дар ҷадвали 1.3 аз рӯйи принсипи ташкили ҳамкориҳо дар соҳаи об оварда шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои байналмилалии мазкур эътирофи дарёҳои Сирдарё ва Амударё ҳамчун алтернативаи фаъолияти ҳаётии аҳолӣ ва вазъи минтақаи Осиёи Марказӣ зарурати объективии таъсиси низоми ягонаи обию энергетикии ҳавзаи баҳри Аралро дар шароити нави рушди

кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа ва зарурати такмили механизмҳои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об бо мақсади истифодаи оқилонаи объектҳои обии фаромарзии минтақаро муайян месозад.

**Ҷадвали 1.3. Санадҳои асосии қонунгузорие, ки принсипҳои ҳамкории минтақавиро муайян мекунад**

| **Ҳуҷҷатҳое, ки дар доираи Созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» қабул шудаанд** | **Ҳуҷҷатҳое, ки дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё қабул шудаанд** |
|---|---|
| 1.Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи захираҳои обии манбаъҳои байнидавлатӣ (ш. *Алма-Ато, 18 феврали соли 1992*);<br>2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои сӯзишворӣ, энергетика ва об, сохтмон, истифодабарии қубурҳои газ дар минтақаи Осиёи Марказӣ (ш. *Тошкент, 5 апрели соли 1996*);<br>3. Изҳороти сарони давлатҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ (ш. *Бишкек, 6 майи соли 1996*);<br>4. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ дар ҳавзаи дарёи Сирдарё (*Бишкек, 17 марти соли 1998*);<br>5. Протокол дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ дар ҳавзаи дарёи Сирдарё аз 17 марти соли 1998 (ш. *Бишкек, 17 июни сли 1999*);<br>6. Эъломияи Тошканд оид ба Барномаи махсуси СММ оиди иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (ш. *Тошканд, 26 марти соли 1998*);<br>7. Қарор дар бораи консепсияҳои таъсиси консорсиумҳои обию энергетикӣ, озуқаворӣ ва нақлиётӣ дар доираи Созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ( *Душанбе, 18 октябри соли 2004*);<br>8. Протокол дар бораи ҳамгироии Созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 23 июни соли 2006. | 1. Созишнома дар бораи ҳамкории системаҳои энергетикии давлатҳои иштирокчии Шартнома дар бораи амиқсозии ҳамгироӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ аз 29 марти соли 1996, ки 24 ноябри соли 1998 қабул шудааст;<br>2. Асосҳои сиёсати энергетикии давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, ки бо қарори Шурои байнидавлатии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (дар сатҳи сарони ҳукуматҳо) аз 28 феврали соли 2003, №103 тасдиқ шудааст;<br>3. Самтҳои афзалиятноки рушди ИИ АвруОсиё барои солҳои 2003-2006 ва солҳои минбаъда ва Тадбирҳои татбиқи онҳо, ки бо қарори Шурои байнидавлатии ИИ АвруОсиё (дар сатҳи сарони давлатҳо) аз 9 феврали соли 2004, № 152 тасдиқ шудаанд;<br>4. Қарори Шурои байнидавлатии ИИ АвруОсиё (дар сатҳи роҳбарони давлатҳо) аз 23 июни соли 2006 №300 «Дар бораи рафти иҷрои қарорҳои Шурои байнидавлатии ИИ АвруОсиё (дар сатҳи роҳбарони давлатҳо) аз 25 январи соли 2006, вобаста ба таъмини расмиёти ҳуқуқии ҳамгироии Созмони «Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ» бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё»,<br>**Муқаррароти ҳуҷҷатҳои дигар**;<br>5. Созишнома дар бораи амалиёти муштарак оид ба ҳалли масъалаҳои баҳри Арал ва минтақаи Арал, ободонии экологӣ ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Арал аз 26 марти соли 1993 (Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон);<br>6. Созишнома байни Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи вазъи Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва ташкилотҳои он аз 9 апрели соли 1999 [62]. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [62].

Мавриди зикр аст, ки муқаррарот ва принсипҳои асосии ҳамкориҳои обии минтақа дар «Созишномаи байни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар бораи ҳамкорӣ оид ба ҳифзи захираҳои обии манбаҳои байнидавлатӣ ва дар соҳаи идоракунии муштараки истифодаи он» (ш. Алма-Ато, 18 феврали соли 1992)», дар санадҳои қонунгузорӣ ва созишномаҳои минбаъда принсипҳои ҳамкорӣ муайян ва баъзе нуқтаҳои он васеъ карда шуданд.

Умуман, дар ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷадвали 1.3 пешниҳод гардидаанд, дар амал татбиқ намудани принсипҳои низоми истифодаи захираҳои об дар кишварҳои минтақа муайян карда шудаанд, ки дар асоси унсурҳои зерин асос ёфтаанд:

- манфиатҳои кишварҳои минтақаро ба инобат гирифтан;

- таҳия ва татбиқи муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди низоми минтақавии обию энергетикии иншоотҳои гидротехникӣ ва ғайра;

- истифодаи одилонаю оқилонаи захираҳои обии минтақа ва ҳамкории мутақобилан баробарҳуқуқи судманд;

- оид ба амнияти иттилоотии идоракунӣ ва истифодабарии захираҳои об дар сатҳи ҳамкориҳои минтақавӣ пешниҳод намудани ахбори возеҳу равшан ва шаффоф;

-таҳия ва таҳлили нишондиҳандаҳои амнияти об ва самаранокии истифодаи он, инчунин, таъсиси расмиёти илмӣ асоснок ё ниҳодҳое, ки мушкилот ва масъалаҳои ҳамкории минтақавиро дар соҳаи об ба танзим медароранд.

Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии олимон, инчунин, маълумоти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Бонки Осиёии Рушд, Бонки ҷаҳонӣ, СММ ва ғайраро принсипҳои минтақавӣ ва байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи об ба назар мегиранд.

Аммо, ба андешаи мо, дар оянда бо дарназардошти принсипҳое, ки ба истифодаи оби байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ

муносибанд, ба баъзе созишномаҳои байнидавлатии мутааллиқ ба бахши ҳамкориҳо дар самти захираҳои об тағйирот ворид намудан лозим аст. Бояд қайд намуд, ки принсипҳои муосири истифодаи захираҳои обию энергетикии фаромарзӣ аз «дом»-и парадигмаи классикии дар асоси принсипи аз рӯйи Парето мувофиқкардашуда бармеояд. Аз ин лиҳоз, дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои обию барқӣ дар оянда бояд дар асоси принсипҳои тақсимоти одилонаи фоида аз истифодабарии он асос ёбад. Ин воқеияти муносибатҳои муосири обро инъикос хоҳад кард, ки ба манфиатҳои муштараки кишварҳои минтақа ва обанбори обҳои фаромарзӣ асос ёфтааст. Дар ин шароит бояд муассисаҳои ҳамоҳангсозӣ ва эътимод фаъолият кунанд. Вобаста ба ин, бояд заминаи консептуалии механизмҳои татбиқи бандҳои созишномаҳои байналмилалӣ ва таҳияи стандартҳои назорат, инчунин, шароити одилона тақсим намудани фоида аз истифодаи захираҳои об дар минтақа таҳия карда шавад. Инчунин, принсипҳои банақшагирӣ ва пешгӯйии истифодаи обро дар асоси нишондиҳандаҳои сарфи об ба воҳиди маҳсулот дар амал татбиқ кардан лозим аст. Принсипи банақшагирии захираҳои об дар шароити имрӯза муҳиммияти назаррас дорад. Азбаски имрӯз хароҷоти мушаххаси истифодаи об, махсусан, ба низоми обёришаванда ба қадри кофӣ эътибор дода нашудааст, ки ин ба роҳ додани хатоҳо дар ҷараёни банақшагирӣ боис гардида, дар ниҳоят сабаби паст гардидани ҳавасмандии кишварҳои минтақа оид ба истифодаи самараноки захираҳои об мегардад.

Омили муҳимми дигари раванди ҳамкории минтақавӣ идоракунии пешниҳоди захираҳои об ва талабот ба шумор меравад. Масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, коркард ва истифодаи такрории обҳои партов ва истифодаи такрории об самаранокии истифодаи онро таъмин менамояд. Тағйир додани рафтори истифодабарандагони об тавассути маҳфилҳои иттилоотӣ, ҳалли масъалаҳои технологӣ, насб намудани ҳисобкунакҳои об, инчунин, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва самаранокии истифодаи об таъмин карда мешавад.

Дар шароити кунунӣ ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ низ нақши муҳим дорад. Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки ҳамкориҳои минтақавӣ, ҳамзамон, равишҳои зеринро барои ҷалби бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои соҳаи об арзёбӣ менамояд: (расми 1.6)




**Расми 1.6 Равандҳои ҷалби бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои соҳаи об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ [150].

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки идоракунии самараноки таъминоти об ин такмил додани технологияи истихроҷ ва таъмини он низ ба шумор меравад. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи об маънои таъмини бештари об ва бунёди инфрасохтори нав оид ба идоракунии талабот, яъне тағйир додани шакли истифодаи об ва сарфаи онро дорад. Инчунин, аз

пардохтҳо барои истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ самаранокии истифодаи об низ вобастагӣ хоҳад дошт.

Вобаста ба ин, ба механизмҳои иқтисодии обтаъминкунӣ ва истифодаи об нисбатан афзалият дода мешавад. Бо дар назардошти ба даст овардани муваффақият бояд об дар нуқтаи таъминот захираи ройгони таъмини номаҳдуд бо арзиши сифрӣ ҳисобида нашавад, ки дар он истифодабарандагони об бояд танҳо як қисми хароҷоти интиқол, истихроҷ, партов ва коркарди онро пардохт намоянду халос, балки бояд хароҷоти берунии об, масалан, нигоҳ доштани сифати об дар обанборҳо низ ба инобат гирифта шавад.

Унсури муҳим, ҳамчунин, ташкили базаи иттилоотӣ мебошад, ки метавонад идоракунии устувори захираҳои обро таъмин намояд. Мутаассифона, айни замон ҳам базаи дахлдори минтақавӣ дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ вуҷуд надорад, ки ин ба рушди ҳамкориҳои минтақавии об ва такмили механизмҳои идоракунии он монеа мешавад. Бояд тазаккур дод, ки механизми мавҷудаи ҷамъоварӣ, коркард ва интишори иттилоот дар бораи вазъи захираҳои обии минтақа ба эҳтиёҷот ва талаботи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи олими ватанӣ Абдураҳмонов Ф.А, «...мубодилаи ахбор ташкили як фазои иттилоотиро дар назар дорад, ки дар доираи он тамоми ҷонибҳои манфиатдор аз рӯйи стандартҳои умумии иттилоотӣ ва техникӣ кор мекунанд. Унсурҳои ин фазо бояд на танҳо маълумот дар бораи об ва дигар захираҳои марбут ба об, балки, инчунин, пойгоҳҳои иттилоотиро дар бораи ҷонибҳои манфиатдор ва шарикон низ дар бар гиранд. Аммо таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, ки ҳатто, дар ҳудуди минтақавӣ табодули густурдаи иттилоот ва маълумотро таъмин кардан душвор аст. Дар ин ҳолат, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми пойгоҳи маълумотҳои тақсимшуда, ки дар он далелҳои аслӣ бо ҷониби

ташаббускор боқӣ монда, ҳисоботҳо ба шарикони дигар аз рӯйи дархостҳо дар «шакли дӯстона» фиристода шаванд» [25].

Сарфи назар аз он, ки захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ба ҳадди кофӣ мавҷуданд, бо вуҷуди ин, бисёре аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, мушкилоти дастрасии захираҳои об, тақсимоти онҳо дар байни кишварҳои минтақа ва истифодаи онҳо ҳанӯз ҳам ҳалли худро ба таври бояду шояд наёфтааст.

Бешубҳа, ҳалли баҳсҳои байни кишварҳо дар мавриди истифодаи захираҳои энергетикӣ ва обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорои аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ мебошад. Зеро он ба ҳайси яке аз шартҳои муҳимми ташкили фазои рушди устувори иқтисодӣ ва эътимоднокии экологӣ дар Осиёи Марказӣ баромад мекунад. Вазифаҳои маъмултарин дар ин замина танзими мушкилоти захираҳои обию энергетикӣ, инчунин, аутсорсинги сармоягузориҳои муҳимми дарозмуддат барои сохтмони иқтидорҳои нави муосири гидроэнергетикӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар айни замон, новобаста аз таъсиси заминаи институтсионалии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об, мухолифати ҳалнашудаи давлатҳои резиши болооб: Тоҷикистону Қирғизистон ва поёноб Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон дар мавриди истифодабарии обанборҳо аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ то ҳол боиси эҷоди механизми матлуби истифодаи муштараки захираҳои об ва захираҳои оби баҳри Арал нагардидааст. Аз ин рӯ, аксари созишномаҳои байни кишварҳои минтақа ва принсипҳои асосии онҳо оид ба истифодаи самараноки захираҳои обию барқӣ ва ҳифзи муштарак мустақим ё ғайримустақим мавриди амал қарор намегиранд.

Бояд тазаккур дод, ки ба муддати тулонӣ амалӣ гардонидани принсипҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ба қабули қарорҳо оид ба таъмини омилҳои самараноки ҳамгироии марбут ба истифодаи захираҳои

об ва дигар захираҳои табиӣ дар раванди рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии минтақа нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, зарурати дарёфти роҳҳои ҳалли механизмҳои мушкилоти маҳаллии ҳамкории минтақавӣ ба миён меояд. Ҳамзамон, принсипҳои ҳамкории минтақавии об раванди давраӣ мебошанд, ки самаранокии онро тавассути нишондиҳандаҳо ҳангоми мониторинг арзёбӣ кардан мумкин аст, ки дар ҳолати зарурӣ ҷиҳатиислоҳоти нақшаи чорабиниҳо ва ба ин васила ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷории ба миёномада имконият фароҳам меорад.

### 1.3. Такмили ҳадафҳои стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дурнамои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об

Дар шароити муосир яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди минбаъдаи кишварҳои минтақа ин тавсеаи мунтазами ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои об маҳсуб меёбад. Тавре коршиносон дуруст қайд мекунанд, «ҳамгироӣ – ин гузариш ба ҳамкориҳои низомӣ мебошад, ин эҷоди механизмҳое мебошад, ки низоми ташаббусҳою лоиҳаҳои муштаракро татбиқ ва пешбарӣ мекунанд. Ин муҳайё намудани шароит барои иҷроиши бомуваффақияти онҳо мебошад.

Аз ин рӯ, дар маҷмуъ, аз нав дида баромадани муносибатҳо ба вазъият ва тамоми низоми муносибатҳои марбут ба истифодаи захираҳои об усули муассири ҳалли ихтилофот ва мушкилот мебошад. Вобаста ба мушкилоте, ки дар самти инфрасохтори имрӯзаи ҳамкорӣ дар соҳаи об вуҷуд дорад, ин ҳамгироӣ ба низоми ягонаи обию энергетикӣ мебошад.

Дар робата ба ин, Юлдошева Г.И. чунин қайд намудааст: «Мушкилоти асосие, ки феълан ба суръати ҳамгироии минтақа монеъ мешаванд, нобаробарии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар пасманзари вазъи мураккаби геополитикӣ дар минтақа, боқӣ мондани мушкилоти ҳалношудаи фаромарзӣ дар минтақа ва набудани механизми муассир барои қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад» [48].

Дар давраи афзоиши офатҳои табиӣ ва экологӣ, ифлосшавии объектҳои обӣ, гармшавии иқлим ва обшавии пиряххо малакатҳое, ки дорои захираҳои зиёди оби тоза мебошанд, ба таври худкор ба зумраи кишарҳои соҳибқудрати обӣ шомил мешаванд. Чунин кишварҳои тавоно дар ҷаҳон зиёданд, аз ҷумла Тоҷикистону Қирғизистон ҷойи панҷумро дар сатҳи ҷаҳон ишғол намудаанд. Зиёда аз 60% захираи оби минтақа дар Тоҷикистон мебошанд, ки ин ашёи хоми стратегӣ ва сарвати миллӣ мебошад. Аммо дарёҳо ва ҳавзаҳои обии ҳудудҳои фаромарзӣ тавассути роҳҳои обӣ пайвастанд ва ҳама аз онҳо истифода мебаранд.

Бархе аз коршиносон ба монанди И. Кирсанов мегӯянд: «Таноқуз дар он аст, ки об дар Осиёи Марказӣ ба қадри кофӣ мебошад. Талафоти аз ҳад зиёд ҳангоми истифодаи об дар Осиёи Марказӣ аз низоми куҳнаи кишоварзӣ ба амал меояд, ки дар он сарфаи об ба як воҳиди маҳсулот аз сатҳи ҷаҳонӣ се ва баъзан даҳ маротиба зиёдтар аст. Ба ақидаи коршиносон, гузариш ба технологияҳои муосири кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи об имкон медиҳад, ки дар як сол то нисфи маҷрои дарёҳои фаромарзӣ дар минтақа сарфа шавад. Мушкилӣ дар он аст, ки навсозии хоҷагии қишлоқи Осиёи Марказӣ маблағҳои зиёди дохилӣ ва маблағгузориҳои беруниро талаб мекунад» [33].

Чӣ тавре ки дида мешавад, на танқисии захираҳои об, балки дараҷаи нисбатан пасти қолибияти сармоягузорӣ, инчунин, сатҳу сифати пасти истифодабарии захираҳои об дар шароити тақсимоти ноодилона дар сатҳи минтақа зарурати фаврии таҳия ва қабули стратегияи ҳамкории соҳаи обро талаб мекунад.

Дар айни замон барои ҳама кишварҳои минтақа, ки масъалаҳои истифодаи якҷояи захираҳои обро танзим мекунанд, ҳанӯз созишномаҳои ягона тартиб дода нашудааст. Дар ин радиф, бояд тазаккур дод, ки бо дарки зарурати мазкур оид ба мушкилоти замон ва муттаҳидсозии дурнамои фаъолияти муштараки хоҷагидории обии тамоми кишварҳои минтақа стратегияи ҳамкории соҳаи об дар шакли барномаи мукаммал

мусоидат менамояд. Аҳаммияти стратегияи мазкур ба мавҷудияти шумораи зиёди лоиҳаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани инфрасохтори об вобастагӣ дорад. Ҷамъоварии ғояву лоиҳаҳои созанда дар як ҳуҷҷати ягона имкон дод, ки талошҳои давлатҳои минтақа ба як самт равона карда, дар бунёди ҳамгироии воқеии Осиёи Марказӣ асос гузошта шуданд.

Мавриди зикр аст, ки мушкилот ва масъалаҳое, ки ба истифодаи самараноки захираҳои об дар Осиёи Марказӣ марбутанд, ҳалли муштараки ҳаматарафаро талаб менамоянд, зеро минтақа хусусиятҳои хос ва муайяне дорад, ки бояд зери назар қарор дода шаванд. Масалан, дар минтақаҳои парокандашавии об Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ки кишварҳои ҳамвор мебошанд, ҷойгир шудаанд Тоҷикистону Қирғизистон бошанд, мавзеъҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар мавқеи ташаккул ёфтани ҷараёни об воқеъ гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, дар минтақа манфиатҳои давлатҳо ҷиҳати истифодаи захираҳои об хусусиятҳои гуногун доранд, яъне барои кишварҳои кӯҳистонӣ манфиати истифодаи об дар истеҳсоли нерӯи обӣ ва барои кишварҳои водӣ бошад, бо мақсади хоҷагидории қишлоқ – обёрии замин, мушоҳида мешавад.

Албатта, ду нуқтаи асосӣ мавҷуд аст: гидроэнергетика обро истеъмол намекунад, балки онро аз қубурҳои НБО мегузаронад. Обёрӣ барои зироаткорӣ бошад, бебозгашт маҷрои дарёро гирифта, як қисми ками онро бармегардонад, вале об ба сифати паст ва дар шакли маҷрои заҳкашӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, ҳалли мувофиқтарин бояд якчанд ҷузъҳоро дар бар гирад. Пеш аз ҳама, мавҷудияти захираҳои молиявӣ бояд бо механизмҳои бозорӣ ва, инчунин, механизмҳои ҳамкории сиёсӣ пурра карда шаванд. Бояд гуфт, ки истифодаи самараноки захираҳои об дар минтақа, танҳо дар асоси бозор ва дар доираи танзими байнидавлатӣ имконпазир мебошад.

Заминаи механизми мавҷудаи ҳамкории соҳаи об дар минтақаро созишномаҳои минтақавӣ ва қонунгузории миллӣ ташкил медиҳанд. Қонунгузории миллии кишварҳои минтақа ва бархӯрдҳои онҳо ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши об таваҷҷуҳи хоса дорад. Қонунгузории миллӣ дар соҳаи танзими масъалаҳои идоракунии захираҳои оби минтақавӣ дар муқарраротИ Конститутсия, қонунҳо дар бораи об ва кодексҳои оби давлатҳои минтақа, инчунин, санадҳои зерқонунӣ ифода ёфтааст. Тақрибан, дар конститутсияи қариб ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ муқаррар шудааст, ки об моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар соҳаи об қабулгардида, инчунин, «Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, таҳти №627 қабул гардидааст», ки дурнамои истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ва ҳамкориҳои судмандро дар байни кишварҳои минтақа муайян менамояд.

Инчунин, дар қонунгузории миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифодаи об, дар маҷмуъ, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи муштараки захираҳои об шароити мусоид фароҳам оварда, зиддиятҳои амиқтари ҳамкориҳои масъалаи мазкурро дар бар намегирад. Дарҳои кишварҳои минтақа ба дараҷаҳои гуногун барои муколама оид ба истифодаи дарёҳои фаромарзӣ боз ҳастанд. Байни дороии сарчашмаҳои дарё ва сатҳи омодагӣ ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои тақсимоти онҳо алоқаи муайян мавҷуд аст. Ҳамин тариқ, қонунгузории кишварҳои поёноби дарёҳои асосии фаромарзӣ - Қазоқистон ва Ӯзбекистон, барои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи муштараки об ошкортар мебошад.

Дар ин замина, дар Кодекси оби Қазоқистон принсипҳои ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои тақсимоти об, механизмҳо ва асосҳои иқтисодӣ

муфассал тавсиф карда шудаанд. Илова бар ин, давлат Конвенсияи Хелсинкӣ дар бораи ҳифз ва истифодабарии обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалиро ба тасвиб расонд. Қонун дар бораи об ва истифодаи оби Ӯзбекистон низ дидгоҳи мушаххасеро дар бораи масъалаҳои ҳамкорӣ дорад.

Қонунгузории кишварҳои дарёҳои болооб, хусусан, Қирғизистон ва Тоҷикистон мафҳуми дарёҳои фаромарзиро надоранд. Тамоми қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ омодагии онҳоро ҷиҳати ҷорӣ намудани истифодаи пулакии об инъикос мекунад. Дар баробари ин, фаҳмиши механизмҳо ва шаклҳои истифодаи чунин об низ гуногун аст. Таҳқиқи қонунгузории ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи сиёсати об нишон медиҳад, ки барои амиқ ва таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи об иқтидори муайян мавҷуд аст.

Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар болооби ҳавзаи дарёи Амударё ҷойгиранд, бо дар назардошти манфиатҳои миллии худ бояд низоми истеъмол ва сарфи захираҳои обии худро, ки аз қаламрави онҳо сарчашма мегиранд, ба танзим даноранд. Ҳуҷҷати асосии семантикии танзими раванди истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ стратегияи обии ин кишварҳо мебошад. Ҳангоми таҳия намудани стратегияи об тамоми мамлакатҳои минтақа нуктаҳои калидии Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи захираҳои об аз манбаъҳои байнидавлатӣ»-ро, ки дар шаҳри Алмаато моҳи феврали соли 1992, аз ҷониби роҳбарони  идораҳои хочагидории обии минтақаи Осиёи Марказӣ қабул шуда буд, ба назар гирифтаанд. Ин, пеш аз ҳама, дар асоси махсусияти об барои мардуми кишварҳои минтақа ва ҳуқуқи моликият ба захираҳои обии худ доштани ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ замина гардидааст.

Дар робита ба ин, коршиноси соҳа Кожакматова Н. С. қайд намудаанд, ки «...мавҷудияти кофии захираҳои об,  такроран пурра намудани мунтазами захираҳои об ва истифодаи самараноки онҳо

метавонад дар таҳкими иқтисодиёт, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии минтақа ва саломатии онҳо, беҳбуди инфрасохтори иҷтимоӣ, ва рушди босуботи кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муассир дошта бошад. Ҳамаи ин, бидуни шак, ба принсипи ҳуқуқи табиии одамон барои истифода бурдан ва соҳиб шудан ба захираҳои об дар минтақаи зисти худ, инчунин, ҳуқуқи соҳибихтиёрии ҳар як давлат оид ба истифода бурдани захираҳои табиии кишварҳои худ мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ки эътироф гардидаанд, мувофиқат мекунанд» [63].

Ҳоло кишварҳои минтақа консепсияи гузариш ба рушди устуворро қабул кардаанд. Тибқи консепсияи мазкур рушди устувор дар минтақа ҳамчун зернизоми рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои минтақавӣ ва миллӣ ҳамчун амалигардонии ҳадафҳо ва вазифаҳои дар эъломияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ муқарраршуда амал мекунанд.

Ҳадафи стратегии гузариши кишварҳои минтақа ба рушди устувор аз истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ барои қонеъгардонии талаботи наслҳои имрӯзаву ояндаи аҳолии кишвар, комёбӣ ба сифати нави ҳаётӣ барои одамон ва экосистема, инчунин, таъмини рушди устувори иқтисодиию иҷтимоӣ ва беҳтар намудани вазъи муҳити зист иборат мебошад.

Вусъатёбии ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва ирригатсионӣ татбиқи мушаххасоти рушди устувори минтақа аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Об дар Осиёи Марказӣ ин на танҳо муҳимтарин унсури сармояи табиӣ, балки омили ҳалкунандаи амнияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ ва ҳатто, сиёсӣ буда, контурҳои муносибатҳои минтақавии ба ҳамдигар судманди экологӣ ва иқтисодӣ бештар ба он вобаста мебошад. Хушкшавии баҳри Арал ва густариши биёбоншавӣ, ки натиҷаи сиёсати беасос ва бесамари хоҷагидории об дар минтақа буда, зарурати татбиқи сиёсати оптималии мутақобилан судманди обию энергетика ва ҳамгироии мелиоративию ирригатсионии кишварҳои минтақаро бо мақсади

нигоҳдошт ва беҳтар намудани мувозинати обии минтақавӣ дар назар дорад.

Бояд ба назар гирифт, ки масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии минтақа имрӯз бояд аз призмаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар минтақа баррасӣ шаванд.

Ҳадафи стратегии Ҳукумати кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи консепсияи рушди устувор ин ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварҳо тавассути таъмин намудани суръати баланд ва доимии рушди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ин муносибат дар ҳуҷҷатҳои асосии давлатҳои минтақа инъикос ёфтааст. Аммо, набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи кишварҳо дар ҳолате ба ин ҳадафҳо ноил мешаванд, ки манфиатҳои дигар давлатҳои минтақаро ба назар мегиранд. Ин муқаррароти бунёдӣ бояд принсипи бунёдии ҳамкориҳои минтақавии об ва механизмҳои татбиқи консепсияи рушди устувор дар Осиёи Марказӣ бошад.

Кожакматова Н. С. дар идомаи таҳқиқоти худ қайд намудаанд, ки «дар воқеъ, барои донистани захираҳои умумии об яке аз омилҳои мусоидат ба ҳамгироии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бояд фаҳмид, ки истифодаи он бозии сифрӣ ҳисобида намешавад ва фоида барои як кишвар маънои зиён овардан барои кишвари дигар надорад. Айни замон мушкилот ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои обро бо роҳи маслиҳату муттаҳидӣ, ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамаи иштирокчиёни манфиатдори раванди истифодаи оқилонаи об ва истеъмоли он ҳал намудан зарур аст» [63].

Ҳамзамон, ёдовар шудан ба маврид аст, ки таъмини соҳаҳои иқтисодиёт ва қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ бо захираҳои об бо дар назардошти манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии кишварҳои минтақа бояд ҳадафи стратегии сиёсати миллии об дар оянда бошад.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи оби кишварҳои минтақа, ба андешаи мо, бояд нишондиҳандаҳое таҳия карда шаванд, ки

самаранокии ҳамкориҳои обро арзёбӣ мекунанд. Нишондиҳандаҳо бояд самтҳои зерини ҳадафҳои стратегияи об ва ҳамкории минтақавиро инъикос намоянд: (ниг. расми 1.7)




**Расми 1.7 Самтҳои асосии ҳадафҳои стратегияи об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [63].

Дар робита ба маълумоти дар расм пешниҳодгардида коршинос Кожакматова Н. С. чунин мешуморад: «Нигоҳдории захираҳо ва сифати манбаҳои обӣ ин тартиби истифодаи об мебошад, ки метавонад иқтисодиётро ба захираҳои об дар асоси сарфаи об ва технологияҳои пешқадами истифодаи об, ҳамзамон талаботи аҳолиро қонеъ гардонида, таъсири мусбии худро ба дурнамои истифодаи об расонад»[63].

Илова ба ин, дар кишварҳои минтақа ташаккули низоми ченкунии рушди устувор идома дорад. Ҳамоҳангсозии куллии ин масъала ба дӯши мақомоти дахлдори давлатии кишварҳои минтақа вогузор шудааст, аммо бо дарназардошти шароити феълӣ сиёсати обии кишварҳои минтақаро аз нав дида баромадан лозим меояд. Бо мақсади асоснок намудани зарурати

баҳамназдиккунонии мавқеи давлатҳо, мукаммал намудани заминаи ташкилӣ ва ҳуқуқии ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои об, инчунин, принсипҳои тақсимоти об бояд такроран оид ба хусусиятҳои гуногуни кишварҳои минтақа таҳқиқоти байнидавлатӣ, махсусан, таҳқиқоти илмии ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ гузаронда шавад.

Ҳамзамон, месазад қайд намоем, ки баробарвазнии арзишҳои экологӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии захираҳои об ҳангоми дар амал татбиқ намудани тамоми чорабиниҳои хоҷагидории об, дараҷаи фаъолияти механизмҳои бозорӣ дар муносибатҳои об, ҳифзи захираҳои оби тоза барои давраҳои дарозмуддат нақши муҳим ҳангоми истифодаи оқилона ва сарфакоронаи об дар сатҳи минтақавӣ дорад.

Дар идомаи таҳқиқот Кожакматова Н. С. чунин қайд намудааст: «..равшан аст, ки ба таври васеъ татбиқи принсипҳои идоракунии маҷмуи захираҳои об (ИҲЗО) барои рушди устувори минтақа дар маҷмуъ, замина маҳайё месозад. Мафҳуми ИҲЗО ҳамчун «низоми идоракунӣ ба баррасии ҳама намуди захираҳои об (обҳои рӯйизаминӣ ва бозгашт) дар ҳудуди гидрографӣ асос ёфтааст, ки манфиатҳои бахшҳо ва сатҳҳои иерархияи гуногуни истифодаи обро муттаҳид намуда, дар қабули қарорҳо тамоми ҷонибҳои манфиатдорро ҷалб менамояд, инчунин, оид ба истифодаи самараноки замин, об, ва дигар захираҳои табиӣ ба манфиати таъмини эҳтиёҷоти ҷамъият ва таъмини эҳтиёҷоти устувори табиат мусоидат менамояд», баён гардидааст»[63].

Набояд нодида гирифт, ки худи таҷрибаи истифодаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи воқеии он дар шароити муосир дар сатҳи минтақавӣ то ҳол бесамар боқӣ мемонад. Мавриди зикр аст, ки масъалаи афзоиш додани самаранокии истеъмоли захираҳои об ва азхудкунии он дар ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар раванди баҳодиҳии мушаххасоту нишондиҳандаҳои асосӣ ва ҳалли онҳо усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки мавҷударо истифода намудан муҳим аст. Мубрамият дар он ифода меёбад,ки дар замони

муосир ҳам дар минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар дигар мамлакатҳои ҷаҳони муосир яке аз унсурҳои муайянкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ба ҳисоб меравад. Зеро сатҳи истифодаи онҳо ва афзоиши ифлосшавии об дар аксари қитъаҳо ба он мусоидат мекунад, ки дар бисёр кишварҳо дастрасии аҳолӣ ба захираҳои об торафт маҳдуд мешавад. Илова бар ин, гармшавии иқлим дар саросари сайёраи Замин, ки боиси сар задани чунин офатҳои табиӣ, аз қабили хушксолӣ ва обхезӣ гардида, ба таври динамикӣ шиддат мегирад, оқибатҳои манфии онҳоро бештар шадиднок менамояд.

Тавре дар боло қайд намудем, таъмини оби нӯшокӣ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, асосан, дар ҳавзаҳои дарёҳои калон, ки дар ҳудуди ду давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ҷойгиранд, мутамарказ шудааст.

Адилхоҷаева С. М. чунин мешуморад, ки «имрӯз дар ҷаҳон 261 ҳавзаи байналмилалии об мавҷуд аст, ки онҳо 45,3 фоизи сатҳи Заминро фаро гирифта, тақрибан 80 фоизи маҷрои дарёҳои ҷаҳонро дар бар мегиранд ва тақрибан 40 фоизи аҳолии ҷаҳон дар ҳудуди зисти дарёҳо зиндагонӣ мекунанд» [85].

Ба ақидаи олими ватанӣ Азимов Х, «вобастагии баланди гидрологии байни кишварҳои минтақа, на танҳо бо шумораи зиёди иштирокчиён, балки бо тақсимоти нобаробари захираҳои об низ тавсиф мешавад. Дар миқёси сайёра Осиёи Марказӣ яке аз минтақаи баландтарини дастрасии обӣ ба ҳисоб меравад, аммо истифодаи бесамари об, набудани технологияҳои муосир, зарурати пайваста афзоишдиҳии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва саноатӣ барои таъмини аҳолии босуръат афзоишёбанда, инчунин, натиҷаи фарсудашавии иншооти ирригатсионӣ ва низомҳои сарфакунандаи об имрӯзҳо чӣ дар деҳоту маҳалҳои биёбонӣ ва чӣ дар марказҳои саноатию доманакӯҳҳо ба норасоии шадиди обӣ оварда расондаанд. Масъалаи таъминоти обӣ ва

истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан шадид мебошад» [51].

Барои тақсимоти нобаробари захираҳои об дар шароити давлати ягонаи кишварҳои кӯҳистон захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва моддию техникӣ қабул намуда, ҳифзи баробари иҷтимоии аҳолӣ таъмин гардид. Бо мақсади муҳофизати ҳавзаҳо ва минтақаҳои назди дарёҳои кӯҳӣ аз ҳисоби буҷети Иттифоқӣ маблағҳои иловагии моддию молиявӣ ҷудо карда, тадбирҳои муҳофизат ва азхудкунии минтақаҳои кӯҳӣ таҳия ва татбиқ гардиданд.

Илова бар ин, таҳлили вазъи солҳои охир нишон медиҳад, ки ҳамсояҳои ҳавзаҳои дарёҳои калони минтақа ба таҳияи механизмҳои иқтисодие, ки манфиатҳои кишварҳои болообро ба назар мегиранд, кӯшиш намекунанд.

Обанборҳои Қайроққум, ки дар шимоли ҷумҳурӣ воқеъ гардидааст, пеш аз ҳама, барои хоҷагии оби Ӯзбекистон аҳаммияти калон дорад. Он, махсусан, барои обёрии Дашти Гурусна дар Ӯзбекистон сохта шудааст. Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон оби обанбори Қайроққумро дар сатҳи кам истифода мебаранд. Аммо, хисороти экологӣ ва иқтисодии обанбори Қайроққумро танҳо Тоҷикистон бар дӯш дорад. Қариб шаш ҳазор гектари замини кишвар, ки дар соҳили ҷанубии обанбор ҷойгир аст, аз афзоиши сатҳи обҳои зеризаминӣ “азоб” мекашад. Хароҷоти нигоҳдошт ва истисмори истгоҳҳои мелиоративӣ ва чоҳҳои заҳбуркании амудӣ соле садҳо ҳазор доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Дар оянда сиёсати Тоҷикистон дар самти таъмини танзими ҷараёни дарёҳои Амударё ва Сирдарё тавассути обанборҳои Норак ва Қайроққум тақвият меёбад. Дар замони муосир, Маҷмааи барқии обии Фарҳод бо обанборе, ки аз ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати идоракунии муваққатӣ аз рӯйи энергетикаҳои ӯзбекӣ ворид гардидааст, нақши назаррас мебозад. Ҳоло бошад, зарурияти гиреҳҳои онро дар заминаи ҳамкориҳои муштарак бо Ӯзбекистон азнавсозӣ намудан пеш омадааст.

Бояд қайд намуд, ки бо дар назардошти тамоми хароҷот дар ҷараёни ташаккул ва ба истифода омода намудани давлатҳои поёноб, захираҳои об моликияти тиҷоратӣ ба даст меоранд, ки арзиши онро бо ҳисоби сода муайян кардан мумкин аст. Вале, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа масъалаи гузариш ба робитаҳои иқтисодии обиро, ки дар баъзе аз кишварҳо амалӣ мешавад, ба хотири нигоҳ доштани муносибатҳои дӯстона матраҳ намекунад. Вобаста ба ин, ҷустуҷӯйи механизмҳое ба миён меояд, ки манфиатҳои тарафҳоро дар соҳаи истифодаи об амалӣ мегардонанд. Бояд зикр намуд, ки иштироки ночизи иқтисодӣ ва техникии кишварҳои поёноб дар татбиқи тадбирҳои зикршуда барои коҳишёбии хароҷоти молиявии кишвари минтақаи кӯҳистон дар раванди ташаккули захираҳои об ва танзими идоракунии онҳо  кифоя мебошад.

Дар айни замон иқтидори асосии бунёди обанборҳои нав, аз ҷумла дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшон, Кофарниҳон, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгиранд, дар ҳавзаи дарёи Амударё мебошад. Танҳо дар дарёи номунтазами Панҷ, бо мақсади бунёди обанборҳои дорои НБО зиёда аз 10 маҷро ҷустуҷӯ карда мешавад, ки ҳаҷми умумии онҳо 36,1км$^3$ ташкил медиҳад. Инчунин, обанборҳои мавҷуда ва қитъаҳои ояндадор дар дигар дарёҳои Тоҷикистон иқтидори ба 67,0 км$^3$ зиёд намудани ҳаҷми умумии обанборҳоро дорост, ки ин 58,0 фоизи маҷрои миёнаи дарозмуддати ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, бояд қайд намуд, ки дар консепсияи истифодабарии минтақавӣ ва ҳифзи захираҳои об ҳаҷми оптималии умумии обанборҳо дар ҳаҷми 66,7км$^3$ қабул шудааст, ки ин ҷиҳати идоракунии эътимодноки истифодаи меъёрии об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, таъминоти он бо нерӯи барқӣ ва содироти он берун аз минтақа шароит фароҳам меорад.

Дар муҳити кӯҳсори минтақа дар масъалаи бо захираҳои сӯзишворию энергетикӣ таъмин намудани аҳолӣ ва хоҷагии халқ вазъияти душвор ба амал омадааст. Кишварҳои кӯҳистонӣ сатҳи пасти гази табиӣ ва маҳсулоти нафтӣ доранд, вале захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ (4%

захираҳои ҷаҳонӣ) ва ангишт доранд. Дар натиҷаи ин, маҷбур мешаванд, ки ба истеъмоли қувваи барқ ҳамасола дар фасли зимистон, бинобар сабаби кам истеҳсол гардидани неруи барқ дар кишвар, маҳдудият ҷорӣ намоянд.

Равандҳои геодинамикие, ки дар давлатҳои кӯҳӣ ба вуҷуд меоянд, ба аҳолӣ, иқтисодиёт ва дар умум, ба вазъияти экологии ҷумҳурӣ таъсири калон мерасонанд. То имрӯз беш аз 50 ҳазор қитъаи ярчӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 1200-тои он ба маҳаллаҳои аҳолинишин, роҳҳои мошинрав, иншооти обёрӣ ва дигар иншоот таҳдид мекунад. Дар оянда нақш ва аҳаммияти иншооти гидротехникӣ барои иқтисодиёт ва нигоҳдошти муҳити зисти аҳолии минтақа меафзояд. Дар байни ин иншоот осебпазиртарини онҳоро аз нигоҳи таъмини устувори обӣ, таъмини нерӯи барқ, иншоот, ҳифзи аҳолӣ ва заминҳо аз обхезӣ, сел, таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт ва фаъолияти ҳаётии аҳолии майдонҳои калони минтақаҳои кӯҳсор, ки дар онҳо киштзорҳо ва захираҳои табиӣ маҳдуданд, бояд қайд намуд. Ба чунин иншооти гидротехникӣ сарбандҳои обанборҳо, махсусан, обанборҳои нодири мураккаб (масалан, Норак, Қайроққум ва ғ.), обгузарҳо, сифонҳои калон, сарбандҳо, партовҳои обхезӣ, заҳбурҳои баста, зеристгоҳҳои насосӣ, нақбҳои обёрӣ, обанборҳои бесарбанд, роҳҳои асосии заминҳои зериобӣ ва нишебиҳо, обтаъминкунии шоҳроҳӣ ва гурӯҳӣ, низоми обёрии чарогоҳҳо ва ғ. дохил мешаванд. Нигоҳдошти иншооти мазкур маблағҳои зиёдро  талаб мекунанд. Фаъолияти онҳо аз истифодаи захираҳои обии минтақа вобаста мебошад, бинобар ин, бояд зикр намуд, ки дарёфти механизмҳои нави ҳамкории об дар мамлакатҳои кӯҳсор тамоми кишварҳои минтақаро ҷиҳати иштирок дар сохтмон ва нигоҳдории иншооти гидротехникӣ ҳавасманд мегардонад [124].

Бояд қайд намуд, ки некӯаҳволии халқҳои минтақа ба сарватҳои табиӣ, хусусан, захираҳои об вобастагии назаррас дорад. Онҳо метавонанд аз таназзули муҳити зист, ифлосшавии манбаъҳои об ва оқибатҳои офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ ва обхезӣ зарар бинанд.

Вобаста ба ин, пешгирии офатҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва тавлиди устувори нерӯи барқ яке аз ҷузъҳои таркибии стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақа ба шумор меравад. Сарфи назар аз мушкилоти зиёде, ки рушди устувор бо он рӯ ба рӯ мешаванд, пешрафти воқеаҳо нақши назарраси об ва кишоварзии махсусан обёришавандаро ҳамчун низоми муҳофизат аз буҳрон ва ҳамчун ифодаи равшантарини умед ба рушди иқтисодӣ ва коҳиши камбизоатӣ равшантар инъикос менамояд. Ин масъалаҳо ба таври объективӣ зарурати ташкили оқилонаи ҳамкории минтақавии обро ба вуҷуд меоранд.

Айни замон ва дарояндаи наздик кишварҳои минтақаро зарур аст, ки амнияти иқтисодиро, ки амнияти миллӣ ва истиқлоли воқеии кишвар дар минтақа бештар аз он вобаста аст, ба таври қобили мулоҳиза таҳким бахшанд. Ин, махсусан, барои кишварҳои кӯҳистони минтақа нигаронкунанда мебошад, зеро заминаи иқтисодиёти онҳоро истеҳсоли нерӯи барқии обӣ ва саноати маъдани кухӣ ташкил медиҳад. Масалан, дар Тоҷикистон аз сабаби норасоии сармоягузорӣ иқтидори аз ҷиҳати иқтисодӣ имконпазири нерӯи обӣ (317 миллиард киловатт соат дар як сол) ҳамагӣ 5 фоиз аз худ карда шудааст. Иқтидори мавҷуда аз истеъмоли имрӯзаи нерӯи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ тақрибан се баробар зиёд мебошад. Тоҷикистон комилан аз воридоти маҳсулоти нафтӣ ва бештар аз интиқоли газ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, сармоягузории муштарак барои азхудкунии иқтидори нерӯи обии минтақаҳои кӯҳӣ дар оянда барои тамоми кишварҳои минтақа манфиати зиёд мерасонад. Ба ибораи дигар гӯем, махсусгардонии тақсимоти меҳнат дар иқтисодиёти минтақаи Осиёи Марказӣ амиқтар карда мешавад.

Аз ин рӯ, бо истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа ва ташкили обёрӣ дар асоси муқаррароти методологии таҳияшуда, ки фарқи шароити табиӣ ва иқтисодии истеъмолкунандагони обҳои ирригатсиониро ба инобат мегирад, шароит ҷиҳати рушди мунтазами кишоварзии обӣ фароҳам оварда мешавад. Имрӯзҳо низ идоракунии

захираҳои об ҳамчун неъмати иқтисодӣ як равиши муҳим барои татбиқи истифодаи самаранок ва одилона, ҳамчунин, мусоидат ба нигоҳдошту ҳифзи захираҳои об мебошад.

Дар оянда, бо мақсади беҳбудии муносибатҳои устувор ва мутақобилан судманди обӣ байни кишварҳои минтақа, бо дарназардошти таҷрибаи мусбати байналмилалӣ ва бадастоварии натиҷаҳои самаранок коркарди масъалаҳои таҷдиди афкори ҷомеаи минтақавӣ ба он самт лозим аст, то ки онҳо муайян созанд, ки маҷмааи обанборҳои мавҷуда, сохташаванда ва ба нақша гирифташуда дар кишварҳои кӯҳистонии минтақа на ба бадтар намудани реҷаи таъминоти обӣ дар кишварҳои поёноб нигаронида шудааст, балки, баръакс, ба кафолати ҳифзи реҷаҳои мавҷуда таъсири мусбат мерасонад. Дар пасманзари тағйирёбии иқлим ва рушди ҷуғрофии обанборҳо ягона роҳ ҳалли масъалаҳои рафъи мушкилоти хушксолӣ ва беҳтар намудани вазъи экологӣ мебошанд.

Имкониятҳои рафъи ҳақиқии буҳрони экологию иқтисодии минтақавӣ бо ҳалли мушкилиҳои зиёд намудани самаранокӣ, устуворӣ ва сарфакоронаи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ ва мутаносибан афзоиши ҳосилнокии хоҷагии қишлоқ алоқамандии зич доранд. Ҳамин тариқ, тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ оид ба захираҳои об, ҷониби Ӯзбекистон бояд масъалаҳои сарфаи обро (то 40% ҳаҷми умумии об дар ҷӯйборҳо ва каналҳои онҳо бебозгашт талаф мешавад) ҳаллу фасл намояд. Ҳисоббарориҳо нишон медиҳанд, ки усулҳои пешқадами обёрӣ, ки обдиҳии баробарро таъмин менамоянд ва дар ҳолати истифода намудани технологияи муосири баҳисобгирии об ҳадди ақал 30 фоиз захираҳои об сарфа карда мешаванд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 1

Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки захираҳои об дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла истеъмоли ҳамарӯзаи аҳолӣ ва обёрӣ намудани заминҳои ҳосилхез истифода бурда мешавад, ки барои беҳтар намудани

вазъи иқтисодию иҷтимоии кишварҳо мусоидат менамояд. Бо дарназардошт ин, дар ҷамъбасти боби якум чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ихтилофи манфиатҳоро ҳангоми истифодаи бесамар ва тақсимоти нобаробари захираҳои об, инчунин, ҳангоми ба инобат нагирифтани манфиатҳои ҳамаи давлатҳо ба вуҷуд меорад. Зеро ба захираҳои оби дарёҳои байналмилалӣ вазъи иқтисодии мамлакатҳои ҳамҷавор, инчунин, сатҳу сифати зиндагии аҳолии онҳо вобастагии амиқ дорад. Яъне, ноодилона тақсим кардани захираҳои об ва аз ҳад зиёд истифода намудани истеъмоли об миёни кишварҳо сабабҳои асосии норасоии об дар минтақа гашта, ихтилофро байни кишварҳо ба миён меоварад.
2. Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ афзоиши аҳолӣ, васеъ гардидани заминҳои эҳтиёҷманд ба об, афзоиши талаботи тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба захираҳои об, инчунин, обшавии пиряххо коҳиши захираҳои обро дар Осиёи Марказӣ ба амал бароварда, сабаби асосии норасоии об дар минтақа шуда метавонанд. Аз ин рӯ, кишварҳои минтақа бояд ҳам барои истеъмол ва ҳам барои обёрии заминҳои обёришаванда истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои маҳдуди обро роҳандозӣ намуда, манфиатҳои ҳамдигарро ба инобат гиранд.
3. Чунин шуморида мешавад, ки заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ бо мақсади сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои кишварҳои минтақа бояд таҷдиди назар карда шуда, такмил дода шаванд. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи заминаҳои ҳуқуқии минтақавӣ бояд манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва миллии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба инобат гирифта шаванд.
4. Дар мавриди истифодаи муштараки захираҳои об бархӯрди манфиатҳои кишварҳои минтақа аз он иборат аст, ки баъзеи онҳо захираи обро барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ истифода мебарад ва баъзеи дигари онҳо бошад, дар баробари таъмини аҳолӣ ва

соҳаҳои муҳимми иқтисодиёт, инчунин, ҳамчун воситаи истеҳсол намудани нерӯи барқ истифода мебаранд. Ин манфиатҳо бояд тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи об ва қонунҳои байналмилалӣ ба низом дароварда шаванд.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ ИСТИФОДАИ ОБ ВА ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 2.1. Таҳлили вазъи кунунии истифодаи захираҳои об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ

Осиёи Марказӣ дар минтақаи иқлими континенталӣ ҷойгир буда, дар тобистон боришоти кам ва радиатсияи офтобӣ зиёд аст, ки ин рушди мушаххаси кишоварзӣ ва умуман, иқтисодиётро муайян мекунад. Майдони умумии заминҳои барои обёрӣ мувофиқ наздики понздаҳ миллион гектарро ташкил намудааст, ки аз инҳо дувоздаҳ миллион гектараш барои соҳаи пахтакорӣ мувофиқат менамояд. Наздик ба 6 миллион гектари ин заминҳо дар ҳавзаи Сирдарё ва 9 миллион гектари дигар дар ҳавзаи Амударё воқеъ гардидаанд. Тараққиёти минбаъдаи зироаткории обӣ дар ҳавзаҳои ин дарёҳо танҳо дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни дарозмуддати мавсимӣ ва компенсатсионӣ бо роҳи сохтани комплексҳои азими электрикии обӣ ва обёрии мошинаҳои электрикӣ имконпазир аст. Ин минтақа, эҳтимолан яке аз минтақаҳои бойтарини энергия дар ҷаҳон аст. Дар ин ҷо захираҳои бузурги газ, нафт, ангишт, энергияи обӣ ва офтобӣ ҷамъ шудаанд. Бо вуҷуди ин, онҳо нобаробар тақсим карда мешаванд. Агар Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистан аз нафт, ангишт ва газ бой бошанд, пас Қирғизистон ва Тоҷикистон аз гидроэнергетика бой буда, инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи ангишти хушсифат мебошад.

Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла газ, нафт, маъдан, ангишт ва ғайра ба шумор меравад. Ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 4 млн. $км^2$ мебошад, аз ҷумла:

Қазоқистон - 2717 ҳазор $км^2$,

Қирғизистон - 198,5 ҳазор $км^2$,

Тоҷикистон – 141,4 ҳазор $км^2$,

Туркманистон - 488,1 ҳазор $км^2$,

Ӯзбекистон - 448,8 ҳазор $км^2$.

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки «Тоҷикистон дар ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ ҷой гирифта, масоҳати умумии он 141,4 ҳазор км$^2$ -ро ташкил медиҳад. Тоҷикистон дар ғарб ва шимол бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон-1332 км, Қирғизистон -987,5 км, дар ҷануб бо Афғонистон - 1374, 2 км, дар шарқ бо Чин 494,4 км ҳамсарҳад мебошад. Дарозии умумии сарҳад бошад, 4188,1 км-ро ташкил медиҳад» [2].

Дар шимол, шимолу ғарб ва шимолу шарқ минтақа бо Русия, дар ҷануб бо Эрон ва Афғонистон, дар шарқ бо Чин ва дар ғарб бо баҳри Хазар шуста мешавад. Яке аз хусусиятҳои ҷуғрофии минтақа дар он аст, ки он аз ҳеҷ тараф ба баҳр баромад надорад ва, аз ин рӯ, минтақаи васеи беоб дар ҳавзаи пӯшидаи Аралу Хазар мебошад. Мавқеи ҷуғрофии минтақа дар биёбонҳои дохили материкӣ, дур аз баҳрҳову уқёнусҳо ва хусусияти сохтори орографӣ ва континенталии иқлим ва шабакаи гидрографии бо он алоқаманд, хусусиятҳои ташаккули дарёҳо ва ғайраро ба вуҷуд меорад. Хушкии иқлим дар амплитудаи назарраси ҳарорати миёна, хушкии ҳаво ва миқдори ками боришот зоҳир мегардад.

Кишварҳои минтақа аз ҳисоби захираҳои об, махсусан, оби нӯшокӣ бой мебошанд. Лекин он, ба монанди дигар манобеъ, миёни кишварҳои минтақа нобаробар тақсим шудааст. Аз ин лиҳоз, истифодаи самараноки захираҳои об ниёз ба кӯшишҳои созмондодашавӣ ва ҳамкории минтақавӣ дорад. Зеро баъди пош хӯрдани ИҶШС, кишварҳои минтақа натавонистанд дар шароити нави сиёсӣ ба таври самаранок фаъолият намоянд, чунки механизмҳои ҳамоҳангсозии истифодаи об аз байн рафтанд. Ба ибораи дигар, фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, тағйироти геополитикӣ ва трансформатсияи иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ нақшаи пешинаи устуворро барои истифодаи об ва фаъолияти низоми энергетикӣ ба ҳам зад ва ба давлатҳои минтақа хатарҳои воқеӣ ба амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ пеш омад. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи муштарак ва дуруст аз захираҳои об ҷустуҷӯйи механизмҳои ҳамоҳангсозиро тақозо менамояд. Барои таъмини устувор ва одилонаи

захираҳои об ҳамкории иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои оби фаромарзии дарёҳое, ки ҳавзаҳои онҳо бо сарҳади давлатҳои ҳамсоя ва хусусиятҳои хоси минтақа мувофиқат намекунанд, зарур аст [55].

Айни замон дар кишварҳои минтақа фарқиятҳои мавсимӣ ва ҳудудии истифода намудани об, инчунин, захираҳои маҳдуди он ба назар мерасад. Мусаллам аст, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз корбарони мамлакатҳои болооб кишварҳои поёноб вобастагии калон доранд. Аз дигар ҷониб, ба монанди Тоҷикистон кишварҳои дигари болооб, доир ба дархосту пешниҳодҳои кишварҳои ҳамҷавори поёноб ба мушкилӣ дучор гардидаанд. Воқеан, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои истифодаи захираҳои об ба ҳамдигар вобастагии зич доранд. Беш аз 80 фоизи захираҳои оби хавзаи баҳри Арал дар болооби дарёҳо, дар ҳудуди Қирғизистон ва Тоҷикистон ташкил меёбад (Ҷадвали 2.1).

Маҷрои об аз ҳаҷми умумии ҳавзаи баҳри Арал, ки 115 км$^3$ мебошад, дар Тоҷикистон ба миқдори 64 км$^3$ ташаккул ёфтааст. Вале бо дарназардошти Сирдарё, ки аз ҳудуди ҷумҳурӣ мегузарад, ҳаҷми обе, ки дар ҳудуди Тоҷикистон мавҷуд аст, 80 км$^3$ -ро ташкил намудааст. Тибқи маълумоти коршиносони Бонки ҷаҳонӣ, Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМХО ҶТ) дар ҳаҷми маҷрои ҳавзаи баҳри Арал, ҳиссаи оби дарёҳо дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ чунин тақсим шудааст, ки дар ҷадвали 2.1 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2.1 Ҳиссаи оби дарёҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба маҷрои ҳавзаи баҳри Арал**

| № | Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ | ҳиссаи оби дарёҳо (бо %) |
|---|---|---|
| 1. | Тоҷикистон | 55,4 |
| 2 | Қирғизистон | 25,3 |
| 3 | Ўзбекистон | 7,6 |
| 4 | Афғонистон | 5,4 |
| 5 | Қазоқистон | 3,9 |
| 6 | Туркманистон | 2,4% |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [70].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1 маълум мегардад, ки ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷрои баҳри Арал нисбат ба кишварҳои дигари минтақа ба маротиб зиёд мебошад. Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ аз оби Сирдарё ва Амударё ҳаҷми муайяне ворид мегардад, ки дар ҷадвали 2.2 пешниҳод гардидааст:

**Ҷадвали 2.2 Ҳаҷми оби Сирдарё ва Амударё ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ**

| № | Номгӯйи кишварҳо | Ҳисса (млрд м$^{3}$) | ҳиссаи оби дарёҳо (бо %) |
|---|---|---|---|
| 1 | Аз Сирдарё ба Тоҷикистон | 1,9 | 15,9 |
| 2 | Аз Сирдарё ба Ӯзбекистон | 8,8 | 73,9 |
| 3 | Аз Сирдарё ба Қирғизистон | 0,27 | 2,3 |
| 4 | Аз Амударё ба Тоҷикистон | 7,0 | 12,6 |
| 5 | Аз Амударё ба Ӯзбекистон | 16,02 | 28,9 |
| 6 | Аз Амударё ба Туркманистон | 15,5 | 28,0 |
| 7 | Аз Амударё ба Қирғизистон | 0,27 | 0,6 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [91].

Аз ҷадвали 2.2 бармеояд, ки ҳиссаи зиёди оби Сирдарё ба Ҷумҳурии Узбекистон ва Амударё бошад, ба Туркманистон ворид мегарданд.

Пиряххои худуди Қирғизистон ва Тоҷикистон дар афзоишу ташаккули Сирдарё ва Амударё ҳамчун калонтарин роҳҳои обии Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи баҳри Арал нақши калон мебозанд. Дар тамоми кишварҳои минтақа таъсири тағирёбии ҷаҳонии иқлим ба ҳаҷми пиряххо, манбаъҳои ғизоӣ, оби дарёҳо ва дар ниҳоят ба дастрасии об барои минтақаҳо ва давлатҳои поёноб бевосита таъсир расонида, ба низоми муносибатҳои байни кишварҳо таъсир мерасонад. Кӯли Сарез 17 км$^{3}$ оби ошомиданӣ дорад. Маҷрои солонаи кӯли Сарез тақрибан 2-2,5 км$^{3}$ обро ташкил медиҳад. Сирдарё ва Омударё яке аз дарёҳои калонтарини минтақаи Осиёи Марказӣ буда, сарчашмаҳои онҳо аз кӯҳҳои Қирғизистон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Чин маншаъ мегиранд [2].

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки ташаккулёбии обҳои рӯизаминӣ дар ҳавзаи баҳри Арал манбаи асосӣ ва муҳим барои рушди ҳамаҷонибаи динамикаи гидрологияи минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ҳавзаи баҳри Арал, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ воқеъ гаштааст, айни ҳол он ба мушкилоти коҳиш ёфтани миқдори об дучор гаштааст.




**Расми 2.1 Ҳавзаи баҳри Арал**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти[39].

Обҳои рӯйизаминӣ дар ҳавзаи баҳри Арал, асосан, аз манбаъҳои оби дарёҳои бузург, ба монанди Амударё ва Сирдарё, ки аз кишварҳои Осиёи Марказӣ сарчашма мегиранд, ташаккул меёбанд.

Бо дарназардошти ин, дар ташаккули баҳри Арал кишварҳои Осиёи Маркзӣ ҳиссаи муносиб гузошта, аз муҳофизати он ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар ҳифз намудани захираҳои оби баҳри Арал кишварҳои минтақа пайваста чораандешӣ намуда, оид ба наҷот додани он аз мушкилот саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Манбаъҳои ташаккулёбии обҳои рӯйизаминӣ дар ҳавзаи баҳри Арал дар ҷадвали 2.3 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2.3 Ташаккулёбии обҳои рӯйизаминӣ дар ҳавзаи баҳри Арал**

| Кишварҳо | Омударё | | Сирдарё | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | км$^3$ | % | км$^3$ | % | км$^3$ | % |
| Қазоқистон | - | - | 4,5 | 12,12 | 4,5 | 3,89 |
| Қирғизистон | 1,90 | 2,42 | 27,4 | 73,77 | 29,3 | 25,35 |
| Тоҷикистон | 62,9 | 80,17 | 1,1 | 2,96 | 64 | 55,36 |
| Туркманистон (бо Эрон) | 2,78 | 3,54 | - | - | 2,78 | 2,4 |
| Ӯзбекистон | 4,7 | 5,99 | 4,14 | 11,15 | 8,84 | 7,65 |
| Афғонистон | 6,18 | 7,88 | 0 | 0 | 6,18 | 5,35 |
| Ҳамагӣ | 78,46 | 100 | 37,14 | 100 | 115,6 | 100 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти[152].

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.3 бармеояд, ки ташаккулёбии обҳои рӯйизаминӣ дар ҳавзаи баҳри Арал аз ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба мамлакатҳои дигари минтақа зиёд буда, 64 км$^{3,}$ яъне, 55,36 фоизро ташкил медиҳад.

Теъдоди умумии дарёҳо, дарёчаҳо ва маҷроҳои муваққатӣ дар Тоҷикистон беш аз 25 ҳазор адад буда, дарозии умумии онҳо 90 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Миқдори дарёҳое, ки аз 10 километр зиёданд, 947 адад буда, дарозии умумии онҳо 28,5 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Калонтарин дарёҳои Тоҷикистон Панҷ, Вахш, Сирдарё, Зарафшон, Кофарниҳон, Қизилсу ва Қаратоғ мебошанд. Пас аз ба ҳам омадани дарёҳои Панҷ ва Вахш дар Тоҷикистон Омударё ном мегирад ва пас аз ба ҳам омадани Қарадарё ва Норин дар Қирғизистон Сирдарё ном мегирад. Дарёи Зарафшон дар шимолу ғарби Тоҷикистон аз шарқ ба ғарб ҷорӣ мешавад ва сарфи миёнаи дарозмуддати он 5,14 км$^3$ мебошад. Дар дохили Тоҷикистон ҳамагӣ 4%-и маҷрои ин дарё истифода мешавад ва қисми боқимонда ба қаламрави Ӯзбекистон мегузарад ва пурра барои обёрӣ ва дигар эҳтиёҷоти иқтисодӣ истифода мешавад. Ҳоло дар

Қазоқистон мушкилии дастрасӣ ба об шадидтар мешавад. Таъминоти махсуси об дар кишвар 6 ҳазор м3 ба як нафар дар як сол мебошад, ки дар миёни кишварҳои ИДМ ҷойи охиринро ишғол мекунад. Ин вазъият бо афзоиши камшавии захираҳои об сахттар мешавад. Ин ба он далел аст, ки тақрибан ҳамаи дарёҳои Қазоқистон фаромарзӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, ҷумҳурӣ аз мамлакатҳои хамсояи Осиёи Марказӣ вобаста аст. Дар оянда наздик ин мушкилот на танҳо дар Қазоқистон, балки дар дигар қитъаҳои поёнии кишварҳои минтақа низ ба вуқуъ хоҳад пайваст.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки талаботи рақобатпазир ба захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз иқтидори мавҷудаи об бештар аст. Ин тамоюл дар оянда ҳам вусъат ёфта, камобӣ торафт бештар мешавад. Махсусан, дар натиҷаи афзудани шумораи аҳолӣ ва васеъ шудани майдони заминҳои обӣ ин мушкилӣ боз ҳам зиёдтар мегардад.




Ҷумҳурии Афғонистон – 21,6 км³ Ҷумҳурии Қирғизистон – 1,6 км³
Ҷумҳурии Тоҷикистон – 49,9 км³ Ҷумҳурии Туркманистон – 1,5 км³
Ҷумҳурии Узбекистон – 4,7 км³ Ҳамагӣ – 79,3 км³

**Расми 2.2 Дарёи Омударё: ҷараёни дарёҳо дар дохили давлатҳои алоҳида ва тақсимоти мавҷудаи об**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [2].

Аз маълумоти расми 2.2 маълум мегардад, ки чараёни дарёҳо дар дохили давлатҳои алоҳида ва тақсимоти мавҷудаи об гуногун сурат гирифта, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 49,9 км$^3$, дар Ҷумҳурии Узбекистон 4,7 км$^3$, дар Ҷумҳурии Туркманистон – 1,5 км$^3$, Ҷумҳурии Афғонистон – 21,6 км$^3$ ва Ҷумҳурии Қирғизистон – 1,6 км$^3$–ро ташкил медиҳад. Аз нишондиҳандаҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷараёни дарёҳо дар дохили баъзе давлатҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон миқдори камро ташкил медиҳад.

Зиёда аз 40 сол боз оби дарёи Зарафшон ба Омударё намерасад. Захираҳои миёнаи маҷрои дарёҳои дарозмуддати ҳавзаи дарёҳои Омӯ ва Сир дар расми 2.3 ва 2.4. нишон дода шудаанд [2].




**Расми 2.3 Захираҳои миёнаи ҷараёни дарёҳо дар ҳавзаи Омударё**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [2].

Аз таҳлилҳои расми 2.3 бар меояд, ки захираҳои миёнаи ҷараёни дарёҳо дар ҳавзаи Омударё аз ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон 62,9 км$^3$ , Ҷумҳурии Узбекистон 4,7 км$^3$ ва дигар давлатҳо бошад, 10,4 км$^3$ -ро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи Тоҷикистон мутаносибан нисбат ба кишварҳои дигари минтақа зиёд мебошад.

Қисми зиёди минтақаи Осиёи Марказӣ аз мавзеъҳои хушку нимхушк ҷойгир аст. Ин сабаби бухоршавии фавқулодаи об мегардад. Бояд гуфт, ки барфу пиряххои доимии кӯҳҳои Тоҷикистону Қирғизистон захираҳои бузурги оби тозаро таъмин менамоянд.




**Расми 2.4 Захираҳои миёнаи ҷараёни дарёҳо дар ҳавзаи Сирдарё**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [2].

Аз таҳлилҳои расми 2.4 бар меояд, ки захираҳои миёнаи ҷараёни дарёҳо дар ҳавзаи Сирдарё аз ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,1 км$^3$, Ҷумҳурии Узбекистон 4,08 км$^3$, Ҷумҳурии Қазоқистон 5,6 км$^3$ ва Қирғизистон бошад, 28 км$^3$ -ро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи Қирғизистон нисбат ба давлатҳои дигари минтақа зиёд мушоҳида карда мешавад.

Аммо ин ба мушкили олудашавии муҳити атроф ва обшавии глобалии кунунӣ табдил меёбад. Мутахассисон захираи обро 170–180 ҳазор км$^3$ ҳисоб мекунанд. Гарчанде ки дар манбаҳои гуногун ҳисобҳои мухталиф нишон дода шудаанд, вале сатҳи умумии захираҳои об дар ҳудуди Туркманистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, ва Ӯзбекистон дар умум барои беш аз 50 миллион нафар шароити зист фароҳам меорад.

Барои қонеъ сохтани эҳтиёҷоти обёрӣ қисми асосии захираҳои об дар поёноби дарёҳо - дар Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон

мавриди истифода қарор мегиранд. Зиёда аз 83% заминҳои обёришавандаи минтақа дар ин кишварҳо мутамарказ шудаанд (ниг. Ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2. 4. Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи захираҳои обию заминии ҳавзаи баҳри Арал (барои солҳои 1960-2024)**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 1960 | 1970 | 1980 | 1990 | 2000 | 2020 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ | млн. наф. | 14,1 | 20 | 26,8 | 33,6 | 41,5 | 60 | 76 |
| Масоҳати заминҳои обёрӣ | ҳаз. гек. | 4510 | 5150 | 6920 | 7500 | 8100 | 9300 | 10500 |
| Майдони обёришаванда ба ҳар сари аҳолӣ | гек/наф. | 0,32 | 0,27 | 0,26 | 0,22 | 0,19 | 0,16 | 0,17 |
| Истеъмоли умумии об | км$^3$/сол | 60,61 | 94,56 | 120,69 | 116,27 | 105 | 100 | 112 |
| Аз ҷумла, барои обёрӣ | км$^3$/сол | 56,15 | 86,84 | 106,79 | 106,4 | 94,66 | 90 | 80 |
| **Ҳиссаи истеъмоли об аз ҷараёни миёнаи дарозмуддат** | % | 52,4 | 81,8 | 104,4 | 100,6 | 90,8 | 90 | 80 |

**Манбаъ:** Таҳияи муалиф: дар асоси захираи электронӣ, mts.tj МТС **[7].**

Тибқи ҳисобҳои Институти захираҳои ҷаҳонӣ, захираҳои оби тоза дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар як сол 293 млрд м$^3$ ва ба сари аҳолӣ 6100 м$^3$-ро ташкил медиҳад [98].

Мусаллам аст, ки иқтидори обии минтақа, асосан, аз ҳисоби маҷрои рӯизаминии якчанд дарёҳои фаромарзӣ: Омударё ва Сирдарё (Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон), Чу ва Талас (Қирғизистон ва Қазоқистон), Илӣ (Чин, Қазоқистон), Тарим (Чин, Қирғизистон, Тоҷикистон), Ишим (Қазоқистон, Руссия,) ташаккул меёбад. Аз нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ҷойи аввалро Омударё ва баъд Сирдарё аз ҷиҳати хаҷми майдони обпарто ишғол менамояд.

Ҳаҷми умумии оби ҷоришавандаи дарёҳои мазкур 100-120 км$^3$/ -ро дар як сол ташкил медиҳад, ки ба таъмини эҳтиёҷоти шаҳрвандони

давлатҳои Осиёи Марказӣ тақрибан ба миқдори 80 фоиз мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки маҷрои асосии Омударё дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад. Аммо ба сохтори кунунии ҳамкории байнидавлатӣ оид ба идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи Омударё кишварҳои зерини Осиёи Марказӣ дохил мешаванд: Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Дар баробари обёрӣ намудани заминҳо, инчунин, гидроэнергетика ҳам яке аз қисмҳои муҳимми хоҷагии оби мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, бо дарназардошти ин, дар ҳавзаи Сирдарё ҳамаи иншооти барқию обӣ ба таври комплексӣ бино гардидаанд.

Асоси идоракунии захираҳои оби ҳавза ба ҳам пайвастани оқилонаи эҳтиёҷоти обёрӣ ва гидроэнергетика мебошад. Дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ аксари аҳолии минтақа ба соҳаи кишоварзӣ шуғл варзида, қариб ба истеҳсоли тамоми навъҳои маҳсулоти ин соҳа машғул мебошанд. Инчунин, дар кишварҳои минтақа барои истеҳсоли маҳсулот аз саноати баланди технологӣ, захираҳои оби маъдан ва коркарди он низ самаранок истифода мебаранд. Аммо барои минтақаи Осиёи Марказӣ захираҳои маҳдуди об ва нобаробарии мавсимӣ ва ҳудудии истифодаи онҳо хос аст. Норасоии об ва олудашавии он ба як мушкили ҷиддӣ табдил меёбад, ки иқтисодиёти кишварҳои минтақа бо он рӯ ба рӯ аст. Маълум аст, ки афзоиши норасоии об боиси коҳиши шуғли аҳолӣ ва амнияти озуқаворӣ мегардад, ки мубориза бо фақру паст кардани сатҳи камбизоатиро дар кишварҳои минтақа душвор мегардонад. Ифлосшавӣ ва камшавии захираҳои об ба вазъи экологии тамоми мамлакатҳо низ таъсири манфӣ расонида метавонад. Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба рӯйхати минтақаҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо мушкилоти захираҳои об бо тамоми зуҳуроташ зоҳир мегардад. Кишварҳои минтақа, сарфи назар аз рушди саноати истихроҷи маъдан, коркард ва саноати баланди технологӣ, асосан, кишварҳои аграрӣ мебошанд. Тақрибан 60 фоизи аҳолии минтақа

ба кишоварзӣ машғул мебошанд. Хоҷагии обӣ, ки дар минтақа тараққӣ карда, қариб тамоми маҳсулоти хоҷагии халқро истеҳсол мекунад. Соҳаи кишоварзӣ барои мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамеша аҳаммияти калон дошт ва дорад. Сарфи назар аз он ки минтақа дар ҷойи хушкӣ воқеъ аст, фонди замини азими барои обёрӣ мувофиқ мебошад, ба ҳар сар аҳолӣ на он қадар зиёд - 0,19 гектар замини корами обӣ, таъмин карда мешавад. Заминҳои корам 40,4 миллион гектарро ташкил медиҳанд, вале онҳо дар байни мамлакатҳо, умуман, захираҳои об нобаробар тақсим карда шудаанд. Майдони умумии замини воқеии обӣ 7,9 миллион гектарро ташкил медиҳад. Аммо захираҳои мавҷуда ғайриқаноатбахш истифода бурда мешаванд. Дар ин росто, захираҳои обе, ки барои рушди устувори иқтисоди минтақа заруранд, аҳаммияти хоса доранд. Ба монанди дар тамоми ҷаҳон захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ амалан доимӣ буда, афзоиши пайвастаи аҳолӣ боиси норасоии оби тоза дар минтақа мегардад. Шумораи умумии аҳолии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тақрибан 50 миллион нафар буда, ҳаҷми умумии захираҳои обҳои рӯйизаминӣ тақрибан 198,36 км$^3$ ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба ин, дар оянда камшавии захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол мушоҳида мешавад (расми 2.5).




**Расми 2.5 Динамикаи тағйиёбии захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал.**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [109].

Аз расми 2.5 маълум мегардад, ки зичии аҳолӣ дар минтақаҳои гуногун нобаробар мебошад. Ба ҳамин тариқ, дар водии Фарғона зичии аҳолӣ дар як километри мураббаъ ба 500-600 нафар мерасад, дар ноҳияҳои шимолии Қазоқистон бошад, ба 6 нафар мерасад. Яъне, аксарит аҳолӣ дар ҳавзаи баҳри Арал зиндагӣ мекунанд, ки дар он соҳаи кишоварзӣ аз қадимулайём рушд кардааст.

Ҳаҷми захираҳои оби рӯйизаминии ҳавзаи баҳри Арал 116 $м^3$ мебошад. Дар робита ба ин, ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна  дар як сол 2500 $м^3$ истифодаи об рост меояд. Аз ин лиҳоз минтақа бояд дорои захираҳои бойи обӣ  дар асоси нишондиҳандаи зикргардида ҳисобида шавад.

Агар мавҷудияти обро дар кишварҳои алоҳида ба назар гирем, он дар ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ гуногун мебошад, ки мо ҳаҷми истифодаи оби тозаро  дар ҳавзаи баҳри Арал ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷадвали 2.5 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2.5. Захираҳои оби рӯйизаминӣ ва ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол дар ҳавзаи баҳри Арал ва кишварҳои Осиёи Марказӣ**

| № | Номгӯи  кишварҳо | захираҳои оби рӯизаминӣ | ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол (ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|
| 1 | Баҳри Арал | 116 млрд.$м^3$/сол | 2500 $м^3$ |
| 2 | Қазоқистон | 37,9 млрд. $м^3$/сол | 2,5 ҳазор $м^3$ |
| 3 | Қирғизистон | 11,7 млрд. $м^3$/сол | 2,5 ҳазор $м^3$ |
| 4 | Тоҷикистон | 12,6 млрд. $м^3$/сол | 2,1 ҳазор $м^3$ |
| 5 | Туркманистон | 22,7 млрд.  $м^3$/сол | 4,9 ҳазор $м^3$ |
| 6 | Ӯзбекистон | 82,2 млрд. $м^3$/сол | 3,2 ҳазор $м^3$ |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф  дар асоси адабиёти [71].

Аз ҷадвали 2.5 маълум мегардад, ки захираҳои оби рӯйизаминӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон нисбат ба давлатҳои дигари минтақа зиёд буда, 82,2 млрд. $м^3$/сол  ва ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол бошад, 3,2 ҳазор $м^3$-ро

ташкил медиҳад. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон 12,6 млрд. $м^3$/сол захираҳои оби рӯйизаминӣ дошта, ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол ба ҳисоби миёна 2,1 ҳазор $м^3$-ро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, воқеияти ҷой доштани норасоии шадиди об дар минтақаро мубоҳиса намудан ғайриимкон аст. Дар ниҳоят, дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ норасоии об дар натиҷаи истифодаи бесамари об, инчунин, вайроншавии низомҳои обтаъминкунӣ, идоракунии нодуруст ва, қабл аз ҳама, набудани муколамаи минтақавӣ ба амал меояд.

Таҳлили вазъи кунунӣ ду сабаби асосии пайдоиши мушкилоти захираҳои обро дар минтақа муайян намуд. Аввалан, ин мавқеи ҷуғрофии минтақа ва шароити табиию иқлимӣ ва сониян, ин хусусиятҳои истифодабарии захираҳои об дар гузашта ва ҳозира ба ҳисоб меравад. Ҳамчуноне ки маълум аст, минтақаи Осиёи Марказиро панҷ давлат ташкил дода, дар маркази қитъаи Авруосиё воқеъ гардиааст. Мавқеи географии он шароитҳои табиию иқлимиро муайян мекунад, ки ба тартиботи дарозмуддати дарёҳо ва истифодаи захираҳои об бевосита таъсир мерасонад.

Ба ақидаи олими ватанӣ Саидов С. С, «таъмини устувору одилонаи эҳтиёҷоти ҷорӣ ва оянда об ҳамкории иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро дар идоракунии захираҳои оби фаромарзии дарёҳое, ки ҳаҷмашон бо сарҳадҳои мавҷудаи давлатӣ мувофиқат намекунад, талаб менамояд. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум мегардад, ки мавҷудияти захираҳои муштараки умумии об метавонад ҳам заминаи иловагии ҳамгироии иқтисодии кишварҳои ҳамсоя ва ҳам сабаби мунокишаҳои байналмилалӣ гардад» [139].

Тавре зикр гардид, алоқамандии иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои обии фаромарзӣ мустаҳкам буда, мунтазам ба норасоии шадиди об дучор мегарданд, ки дар навбати аввал аз нобаробарии захираҳои обии минтақа ва шароити табиию

иқлимӣ, дуюм, аз омилҳои антропогенӣ, аз ҷумла рушди пахтакорӣ, умуман, тамоми соҳаи кишоварзӣ ба амал меояд.

Муаллиф дар идомаи таҳқиқот чунин қайд намудаанд: «Дар ин бобат афзоиши аҳолӣ (2000 – 55,6 миллион, 2020 –60 миллион, 2024 –76 миллион) аҳаммияти калон дорад. Дар баробари ин, ҳудуди 60 дарсади аҳолии минтақа дар соҳаи кишоварзӣ машғули коранд. Дар сатҳи паст қарор доштани инфраструктура, паст будани самаранокии низомҳои обёрӣ ва истифодаи бесамари оби обёрӣ оқибатҳои вазнин доранд.

Аз сабаби хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои об дар саросари кишварҳои минтақа нобаробар тақсим шудаанд. Аз ин лиҳоз, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро метавон шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кард» [139].

Ба қатори аввал Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон шомиланд. Ин гурӯҳ бо мавҷудияти замини кофӣ барои қонеъгардонии ниёзҳои миллӣ барои ояндаи наздик тавсиф мешавад. Дар мамлакатҳои гуруҳи дуюм - Қирғизистон ва Тоҷикистон норасоии захираҳои заминӣ ба назар мерасанд.

Вобаста ба ин Ахметова Т. А. қайд намудаанд, ки «парвариши як қатор зироатҳои хоҷагии қишлоқ, бинобар шароити хоси хоку иқлим қариб дар тамоми давраи нашъунамо обёрӣ карданро талаб менамоянд. Табиати кишоварзии минтақа бештар хусусияти ҷараёни дарёро муайян мекунад. Ба гурӯҳи дуюми кишварҳо кишварҳое дохил мешаванд, ки қисми зиёди захираҳои оби рӯйизаминӣ дар ҳудуди онҳо ҷойгиранд» [26].

Инчунин, муаллиф чунин зикр намудаанд, ки «тақсимоти нобаробари заминаи захираҳо дар ҳудудҳои он дигар хусусияти фарққунандаи ин минтақа ба шумор меравад. Қариб тамоми захираҳои барқароршавандаи сӯзишвории истихроҷи ҷаҳон дар Узбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷойгир шудаанд, дар ҳоле ки Тоҷикистон ва Қирғизистон 90%-и иқтидори гидроэнергетикии аз ҷиҳати иқтисодӣ муфиди ҷаҳонро доро мебошанд. Сӯзишвории асосии нерӯгоҳҳои барқӣ

дар Қазоқистон ангишт, дар Узбекистон ва Туркманистон газ ва дар Тоҷикистону Қирғизистон неруи барқии обӣ маҳсуб меёбанд» [26].

Бояд тазаккур дод, ки азнавсозии хоҷагии қишлоқ ва харобшавии совхозҳою колхозҳои бузург дар давраи соҳибистиқлолии давлатҳои Осиёи Миёна ба вуқуъ пайваст.

Вобаста ба ин, Ахметова Т. А дар идомаи таҳқиқоти худ қайд намудаанд, ки «...шуруъ аз соли 1993 реҷаи кори нерӯгоҳи барқи обии Токтогул ба самти афзоиши якбораи ҷамъшавии об дар тобистон ва дар фасли зимистон хориҷшавии он ба манфиати рушди гидроэнергетика дар Қирғизистон тағйир дода шуд. Бояд қайд намуд, ки дар тавозуни умумии истеҳсоли неруи барқии Қирғизистон саҳми НБО-и Токтогул ба 90 фоиз расидааст. Ин ҳолат дар тобистон боиси кам шудани ҳаҷми оби сунъӣ ва дар фасли зимистон сабаби обхезӣ гардид. Чунин тағйироти реҷаи фаъолияти Токтогул дар ҳавзаи Сирдарё чӣ дар зимистон ва чӣ дар тобистон ба мушкилоти ҷиддӣ оварда расонид. Вобаста ба ин, аз соли 1994 инҷониб, яке аз мавзуъҳои асосии музокироти байнидавлатӣ ин зарурати танзими реҷаи оби Сирдарё шуморида мешуд» [26].

Дар ин бобат манфиатҳои мамлакатҳои поёноб дар таъмини об барои обёрӣ дар сурати қатъиян риоя кардани шартҳои созишномаҳо аз ҷониби се давлат конеъ гардонида мешавад. Дар амалия маълум гардидааст, ки бархӯрди манфиатҳо дар бахшҳои энергетика ва ирригатсионӣ дар иҷрои шартҳои мувофиқашудаи тақсими об байни чаҳор кишвар мушкилот эҷод мекунад ва ҳалли ҳамаҷонибаи минбаъдаро тлаб менамояд.

Ба андешаи Кажакматова Н. С., «..ба масъалаҳои экологии истифодаи об дар минтақа, ки ҳамчун категорияи муҳимтарини масъалаҳои марбут ба истифодаи рӯдҳои обҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Тахриби баҳри Арал ва ифлосшавии обҳои фаромарзӣ аз ҷумлаи масъалаҳои экологии истифодаи об ба шумор меравand. Ин мушкилоти экологӣ ҳам окибатхои иқтисодию

иҷтимоӣ ва ҳам табиӣ доранд, ба монанди аз ноҳияҳои номусоид ба амал омадани муҳоҷирати аҳолӣ, коҳиш ёфтани саноати моҳигирӣ ва коркарди он, ки боиси афзоиши бекорӣ ва паст шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мегардад» [63].

Бояд тазаккур дод, ки ақидаҳои мухталифи ҷиддӣ новобаста аз ҷониби ҳамаи давлатҳои минтақа эътироф намудани зарурати амалиёти муштарак оид ба масъалаҳои молиявӣ ба вуқуъ меояд.

«Омилҳое, ки ба пайдоиши ҳолатҳои мунокишавӣ дар байни кишварҳо сабаб мешаванд, инҳо мебошанд:

- дар натиҷаи харобшавии комплекси ягонаи хоҷагии об номуайянии ҳуқуқи моликият ба объектҳои он;
- барои захираҳои об дар байни кишварҳо ба амал омадани рақобат;
- оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии мушкилоти экологӣ» [63].

Маврид ба зикр аст, ки вобаста ба омилҳои болозикр маълум мешавад, ки ба истиснои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва даргириҳо дар водии Фарғона, ки вилояти сераҳолии минтақа шуморида мешавад, дар маҷмуъ, ҳолат муътадил гардидааст.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, норасоии захираҳои об бuҳрони кунунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро шадидтар намуда, боиси афзоиши норозигии байни кишварҳои минтақа мегардад, вале сабаби бевоситаи низоъҳо дар минтақа шуда наметавонад.

Дар маҷмуъ, сабаби асосии норасоии захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифодаи васеъ ва дар натиҷа номутаносибии истеъмоли об аз ҷониби кишварҳои гуногун ба шумор меравад. Инчунин, дар баробари кам будани захираҳои об тақсимоти бесамари он ҳангоми истифодабарӣ низ яке аз сабабҳои норасоии об дар минтақа маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки иқтидори асосии ташкили обанборҳо дар ҳавзаи дарёи Амударё — ин дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшон, Кофарниҳон, мебошанд. Танҳо дар дарёи танзимнашавандаи Панҷ, бо мақсади таъсиси

обанборҳои дорои НБО зиёда аз 10 самтбандиҳо ҷустуҷӯ карда мешавад, ки ҳаҷми умумии онҳо 36,1км$^3$ – ро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, дар дигар дарёҳои Тоҷикистон обанборҳои мавҷуда имкони ба 67,0 км$^3$ зиёд намудани ҳаҷми умумии обанборҳоро дорад, ки ин 58,0 фоизи ҳаҷми миёнаи ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки консепсияи нави истифодаи минтақавии об ва ҳифзи захираҳои об таҳия ва ҳаҷми оптималии умумии обанборҳо қабул карда шавад, ки истифодаи меъёри обро дар минтақаи Осиёи Марказӣ боэътимод идора карда, онро бо нерӯи барқ таъмин намуда, аз минтақа берун содирот мекунад [5].

Аммо маълумоти нокифоя дар бораи кӯлҳои баландкӯҳ, бахусус, дорои хатари рахнакунанда, аз қабили кӯли Сарез, метавонад дар миқёси минтақавӣ, ки масоҳати беш аз 55 ҳазор км$^3$ ва ҳудуди 6 миллион нафар аҳолӣ дорад, таъсири фалокатовар расонад. То имрӯз 700 оила бар асари офатҳои табиии вобаста ба об бояд фавран кӯчонида ва 10 037 оила дар панҷ соли оянда муҳоҷири эҳтимолии экологӣ шаванд. Дар 18 вилояти Тоҷикистон (4 ноҳияи вилояти Суғд, 10 ноҳияи вилояти Хатлон ва 3 дар вилоятҳои тобеи ҷумҳурӣ) 142 маҳаллаи аҳолинишин пайваста зери об монда, 490 маҳаллаи аҳолинишин дар давраи обёрӣ давра ба давра зери об мондаанд. Минтақаи обёрии механикӣ қариб 300 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар як қатор ҷойҳо тамоми заминҳои минтақаҳо аз истгоҳҳои насосӣ боздошта шудаанд. Минтақаи обёрии механикӣ макони зист ва манбаи зиндагии тақрибан 2,0 миллион нафар аҳолии кишвар мебошад [102].

Бояд гуфт, ки тамоми кишварҳои минтақа барои татбиқи принсипҳои рушди устувор тадбирҳо меандешанд. Натиҷаи асосии раванди таъмини об ва канализатсия барои ноил шудан ба рушди устувор бояд ин бошад: 83 фоизи аҳолии кишвар ба оби тозаи ошомиданӣ ва 58 фоизи умумии аҳолӣ ба иншооти беҳтаршудаи санитарӣ дастрасӣ дошта бошанд. Танҳо хоҳиши доимии дарёфти созиш ва қабули қарорҳои

мувофиқ оид ба масъалаҳои истифодаи об метавонад иқтидори дарёҳои байнидавлатиро ба манфиати ҳама нигоҳ дорад. Як қатор омилҳо ба рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ ва мутақобилан судманд дар ин самт таъсири манфӣ мерасонанд. Аз гурӯҳи ин омилҳо набудани зерсохтори лозимӣ, мукаммал набудани заминаи ҳуқуқӣ, инчунин, муносибатҳои нокифояи иқтисодӣ шомил шуда метавонанд.

Ҳалли бомуваффақияти ҳамаи мушкилоти дар боло зикршуда зарурати ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи обро тақвият мебахшад. Чуноне, ки Кожакматова Н. С. қайд намудааст: «Тағйироти ҷиддии сохторӣ ва институтсионалӣ дар бахши оби кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат гирифтааст. Низоми ба танзим даровардани фаъолияти хоҷагии об ба шароити бозор ҷавобгӯ таҳия карда шуда, мунтазам ташаккул ёфтааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар маҷмуъ, қонунгузории давлатҳои минтақа принсипҳои сиёсати давлатӣ, самтҳо, вазифаҳо ва ҳадафҳои онҳоро дар соҳаи истифодаи об муқаррар мекунад. Аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа ва қонунгузории амалкунанда ҳадафҳои истифодаи оқилонаи обро пурра таъмин карда наметавонанд. Вобаста ба ин, тезу тунд шудани мушкилоти афзоишёбандаи комплекси хоҷагии об истифода бурдани усулҳои нави идоракунии захираҳои обро тақозо менамояд. Идоракунии мукаммал ва баланд бардоштани самаранокӣ тавассути ҳамкории ҳамаҷониба ва устувори минтақавӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои об ба даст оварда мешавад » [63].

Дар раванди таҳқиқот ва гузаронидани таҳлилҳо маълум гардид, ки равандҳои муттаҳидшавии халқҳои сокини ин минтақаро барои азхудкунии сарватҳои табиӣ низоми умумии обҳои табиӣ қаблан ошкор намудааст.

Дар замони давлатдории Ҳокимияти Шуравӣ инкишофи ин равандҳо боз ҳам қавитар гардида, мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифта буд. Дар ин радиф, бо мақсади танзими дарозмуддати ҷараёни дарёҳо ва қонеъ гардонидани талаботи обёрӣ барои зироаткорӣ дар

мавзеъҳои кӯҳсоре, ки маҷрои обӣ ташаккул ёфта буд, нерӯгоҳи барқии обӣ ва обанборҳо бунёд карда шуданд.

Дар низоми тақсимоти байнидавлатии меҳнат Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳатман бояд ҷойи танзимгари асосии ҷараёни об ва таъминкунандаи он ба кишварҳои ҳамсоя, инчунин, содиркунандаи нерӯи барқи обии арзонро, ки захираҳои он 60 фоизи тамоми захираҳои обии минтақаро ташкил медиҳад, ишғол кунанд. Тоҷикистон метавонад дар танзими ҷараёни оби минтақа, пеш аз ҳама, тавассути нерӯгоҳи барқи обии дарёҳои Вахш ва Панҷ иштирок намояд. Нерӯгоҳи обӣ дар дарёҳои мазкур на танҳо барои ташаккули низоми энергетикӣ ва таъмини рушди саноатии кишвар аҳаммияти стратегӣ доранд, балки дар баробари ин, дар танзими ҷараёни об ва захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолона иштирок мекунанд. Нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии нерӯгоҳи обии Вахш дар ҷадвали 2.6 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.6. Нишондиҳандаҳои асосии нерӯгоҳҳои обии дарёи Вахш**

| НБО | Фишор, м. | Сарф $м^3$/сек | Насби қувва, ҳазор, квт | Коркарди нерӯи барқӣ млн. квт.с | Ҳаҷми обанбор (дар қавс - муфид) $км^3$ |
|---|---|---|---|---|---|
| Роғун | 245 | 631 | 3 600 | 17,0 | 13,3 |
| Шуроб | 55 | 628 | 850 | 2,1 | 0,027 |
| Норак | 230 | 645 | 3 000 | 11,2 | 10,5 |
| Бойғозӣ | 54 | 638 | 600 | 2,9 | 0,084 |
| Сангтӯда 1 | 58 | 624 | 670 | 2,5 | 2,7 |
| Сангтӯда 2 | 18,8 | 643 | 220 | 0,665 | 0,932 |
| Сарбанд (головная) | 25,5 | 658 | 240 | 0,96 | 0,96 |
| Резишгоҳ (Перепадная) | 38,7 | 660 | 29,95 | 0,21 | _ |
| Марказӣ | 21,8 | 660 | 15,1 | 0,1 14 | _ |
| УМУМӢ | | | 9225,05 | 33,649 | 27,543 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [24].

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.6 пешниҳодгардида маълум мегардад, ки НБО Роғун нисбат ба дигар силсила неругоҳҳои обии дарёи Вахш коркарди нерӯи барқиро зиёд намуда, 17, 0 млн. квт.с - ро ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки яке аз дарёҳои сериқтидори Тоҷикистон ва ҷузъи таркибии Амударё ин дарёи Панҷ ба шумор меравад, ки канали машҳури Туркманистон ва қисматҳои сераҳолии Ӯзбекистонро аз ҳисоби об таъмин мекунад. Гидролоиҳакашон бо дарназардошти имкониятҳои истифодаи обҳои он, инчунин, дурнамои танзими ҷараёни Амударёро ба назар гирифта, нишондиҳандаҳои техникии нерӯгоҳи барқии обии Панҷро коркард намуданд. (Ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. Нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии нерӯгоҳи барқии обии Панҷ**

| НБО | Сарфи миёнаи дарозмуддат $м^3$ /сек | Иқтидори муфиди обанборҳо $км^3$ | Таҳрезии фишор м. | Насби кувва млн. квт | Коркарди нерӯи барқӣ млн. квт.с |
|---|---|---|---|---|---|
| Панҷи Поён | 1 820 | 20.0 | 35 | 1.1 | 4.5 |
| Қоқчин | 1,065 | 1.0 | 40 | 0,8 | 3.2 |
| Московский | 901 | – | 60 | 0,8 | 4.0 |
| Ҷумар | 901 | – | 173 | 2.0 | 11.6 |
| Даштиҷум | 804 | 27.8 | 352 | 5.3 | 21.1 |
| Қалаихум | 705 | – | 237 | 1.5 | 10.5 |
| Туғон | 600 | – | 300 | 2.0 | 13.6 |
| Рӯшон | 421 | 7 | 395 | 3.1 | 12.4 |
| ҲАМАГӢ | | 61.8 | | 16.6 | 80.9 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [24].

Иншооти обии НБО-ҳои Роғун, Даштиҷум ва Рӯшон низ объектҳои танзими дарозмуддат шуда метавонанд. Барои ғунҷоиши танзими дарозмуддат дар оянда аз кӯлҳои баландкӯҳи Сарез (дар болооби дарёи Бартанг) ва Яшилқул (дар дарёи Ғунт), ки дар ҳавзаи дарёи Панҷ ҷойгиранд, истифода бурдан мумкин аст. Чунон ки аз ҷадвали 2.7. дида мешавад, НБО-и Даштиҷум дар низоми ягонаи нерӯи барқии Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи бузурги энергетикӣ ва НБО-и Панҷи Поён ва Қоқчин – иншооти обӣ, бо мақсади асосии ирригатсионию энергетикӣ шуда метавонад. Сохтмони ин неругоҳҳо имконият фарҳам меорад, ки 500 ҳазор гектар замини дар шафати Амударё, дарёи Панҷ, умуман дар

ҳудудҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, ва Туркманистон воқеъ гардидаанд, обёрӣ карда шавад.

Ҳамзамон, коршинос ва олими қирғиз Кожакматова Н. С. бар он ақида аст, ки «...тағйир додани реҷаи ҷараёни дарёҳои фаромарзӣ ба нафъи гидроэнергетика, ки дар фасли зимистон гузаргоҳҳои обро дар кишварҳои болооб ба вуҷуд меорад ва масрафи обро дар кишварҳои поёноб дар мавсими кишту парвариши зироатҳои асосии кишоварзӣ коҳиш медиҳад, як масъалаи муҳим дар равобити кишварҳои минтақа ба шумор меравад. Махсусиятҳои соҳаи кишоварзии Осиёи Марказӣ, хусусан, дар Туркманистон ва Узбекистон аз он иборат аст, ки барои парвариши як қатор зироатҳои хоҷагии қишлоқ обёрӣ намуданро қариб дар ҳамаи давраи нашъунамои кишт тақозо мекунад» [112].

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки таҳия ва амалӣ намудани нақшаҳои бузурги рушди гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бунёди НБО дар Тоҷикистону Қирғизистон ба норозигии манфии кишварҳои ҳамҷавор оварда мерасонад.

« Ба ақидаи Кожаков А. Е. Ва Сарсембеков Т. Т. яке аз масъалаҳои ҳалношуда дар ҷараёни музокирот оид ба ҳалли марзҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ мушкили тақсимоти об ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки муносибатҳои зиёди иқтисодӣ, ки дар давраҳои гузаштаи Ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омада, омили тақвият бахшидани ҳамкориҳои судманд гардида буданд, айни ҳол вуҷуд надоранд. Дар замони муосир тамоюлҳое пайдо шудаанд, ки ба ҳамкории муносиби байни кишварҳои минтақа дар шароити нави низоми иқтисодии бозорӣ мувофиқат менамоянд» [64].

Инчунин, муҳаққиқи ватанӣ А. Ниёзӣ дар мақолаи илмии худ қайд менамояд, ки «ихтилоф дар доираи тақсимоти обию заминӣ дар минтақаҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Панҷи ҷануби Тоҷикистон байни арабҳои нимкучманчӣ ва ӯзбекҳо, аз як тараф, ва аз тарафи дигар, тоҷикони қаротегинӣ мебошад» [123].

Оқибатҳои сангини ин муноқиша, саҳифаи хунинтарини ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1993-ро дар Тоҷикистон оғоз намуд, ки бешубҳа, таъсири манфии худро ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар расонид.

«Дар баробари ин, вобаста ба хеле босуръат афзудани истеъмоли об зарурати ташаккули бозори обӣ ба миён омад. Раванди коркарди об хароҷоти зиёди молиявиро барои нигоҳдории обанборҳо ва назорати иқтидори каналҳои магистралӣ ва тақсимотӣ, насби технологияҳои муосири сарфаҷӯйӣ, хизматрасонии ҷамъоварӣ ва нигоҳдории сифат, таъмини ҳаҷми кафолатноки об дар давраи муайян, назорати ҳолати захираҳои об ва ғайра талаб менамояд» [112].

Бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикии дарёҳои Амударё ва Сирдарё дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё лоиҳаи Консепсияи таъсиси Консорсиуми байналмилалии обу энергетикӣ (КБЭО) таҳия гардидааст, ки бояд ба сатҳи сифатан нав низоми идоракунии захираҳои обро рушд диҳад [109].

Дар ин бора мавқеи Бишкек чунин аст: «Дар бораи ба консорсиум вогузор намудани вазифаҳои бунёди иншооти нави гидроэнергетикӣ ва хоҷагии об танҳо ба Тошканд ва Остона мувофиқат намекунад. КБЭО барои Узбекистон ва Қазоқистон манбаи кафолатноки об барои зироаткории обӣ ба шумор меравад» [111].

Мавриди қайд аст, ки асоси ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо давлатҳои ҳамҷавор барои ояндаи наздик истифодаи самараноки захираҳои обии Қирғизистону Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Қисми зиёди оби дар қаламрави Тоҷикистону Қирғизистон ҷамъшуда дар Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон масраф мешавад. Гузашта аз ин, агар Қирғизистон қисман ҷуброн бигирад, манофеи Тоҷикистон амалан нодида гирифта мешавад. Ин вазъият метавонад боиси тасмимҳои нодурусти сиёсӣ ва ба тамоми кишварҳои ҳамсоя зарари калон расонад. Тоҷикистон барои ҷамъоварӣ ва ҳифзи захираҳои об хароҷоти зиёдеро ба дӯш мегирад. Инҳо корҳои ҳифзи соҳилҳо мебошанд,

ки ҳамасола анҷом дода мешаванд ва қисми зиёди буҷети ҷумҳуриро ташкил ва ҳолати кори сарбандҳои Қайроққум, Норак ва дигар нерӯгоҳҳо, инчунин, тарҳрезии иншооти навро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тартиботи кори сирф обёрии нерӯгоҳҳои барқи обии Қайроққум ва Норак, ки ба онҳо бор карда шудаанд, талафот ва зарари калони иқтисодӣ мебинад.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки барои кишварҳои дорои захираҳои бойи обӣ ҳастанд, аз ҷумла Қирғизистон ва Тоҷикистон, аз сабаби он ки ҳудуди онҳо, асосан, кӯҳистонӣ буда, манфиатҳои онҳоро дар соҳаи танзими истифодаи об муайян менамояд, рушди неругоҳҳои барқию обӣ муҳим шуморида мешаванд. Муноқишаи байни давлатҳо бояд дар асоси ҳусни тафоҳум ҳал карда шуда, манфиатҳои иқтисодии кишварҳои минтақа ба инобат гирифта шаванд.

## 2.2. Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ

Ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об пас аз имзои изҳороти Вазоратҳои хоҷагидории обии мамлакатҳои Осиёи Миёна 12 сентябри соли 1991 оғоз ёфт. Дар ин ҳуҷҷат зарурати ҳалли масъалаҳои истифодаи якҷояи захираҳои обии ҳавзаи баҳри Арал ҳамчун як бутун дар асоси принсипҳои умумии ҳама давлатҳо, танзими одилонаи истеъмоли онҳо бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи халқҳои сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ қайд карда шудааст. Бар асоси ин санад 18 феврали соли 1992 Созишнома дар бораи таъсиси Комиссияи ҳамоҳангсозии байнидавлатии хоҷагии об (КҲБХО) ба имзо расид. Аммо дар бораи рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи истифодаи захираҳои об дар минтақа, сарфи назар аз изҳороти чандинкаратаи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, онҳо то ҳол ба дастоварди назаррасе ноил нагардидаанд. Бояд гуфт, ки ҳама давлатҳое, ки дар ҳавзаи баҳри Арал воқеъ гардидаанд, ба муҳофизати махсуси об машғул нестанд.

Нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 2.8 пешниҳод гардидаанд, ҳаҷми истифодаи об ва истеъмоли махсуси он дар соҳаи кишоварзии давлатҳо, умуман, вазъи воқеии фаъолияти истифодаи об дар соҳаи кишоварзии кишварҳои минтақаро инъикос мекунанд.

**Ҷадвали 2. 8. Нишондиҳандаҳои истифодаи оби обёрӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ то соли 2023**

| Кишварҳои минтақа | Майдони обёрӣ, млн. га. | Ҳаҷми истифодаи об, км$^3$/сол | Истеъмоли махсуси об дар хоҷагии қишлоқ, ҳазор м $^3$/га |
|---|---|---|---|
| Қирғизистон | 0,429 | 4,3 | 10,0 |
| Қазоқистон | 0,790 | 9,5 | 12,0 |
| Узбекистон | 4,28 | 51,5 | 12,0 |
| Туркманистон | 1,744 | 21,2 | 12,2 |
| Тоҷикистон | 0,719; | 11,8 | 11,4 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [43].

Барои Ӯзбекистон масрафи хоси об дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоби миёна 12,0 ҳазор м$^3$/га -ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба Қирғизистон 1 ҳазор м$^3$/га ва Тоҷикистон 0,6м$^3$/га зиёд аст. Тибқи маълумотҳои Кумитаи байналмилалии машваратӣ оид ба пахта (КБМП), дар Ӯзбекистон ҳосили пахтаи хом тақрибан 22 сентинер дар як гектар ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23,3 сентинер дар як гектар ташкил медиҳад. Аз ин бар меояд, ки бо сарфи ками обҳо обёрӣ дар ҷумҳурӣ нисбат ба Ӯзбекистон ҳосили баланд гирифта шуд.

Сарфи назар аз коҳиши ҳаҷми умумии истихроҷи об дар ҳамаи кишварҳои минтақа, сатҳи истифодаи захираҳои об бояд нокифоя ҳисобида шавад. Истеъмоли қиёсии об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт дар Туркманистон ва Ӯзбекистон аз ҳама баландтарин ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (аз ҷумла барқӣ) дар як сол ба 1м$^3$ об мерасад, ки нишондиҳандаи баландтарин дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад.

Дар хоҷагиҳои пахтакорӣ назорат ба ҳисоби миёна меъёри обёрии «умумии майдонҳо» 7243 м$^3$/га, аз ҷумла - 2039 м$^3$/га — обшуйӣ ва

пуркунии намнокӣ ва 5204 м³/га — обёрии растанӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ба ҳисоби миёна ҳосили пахта дар сатҳи саҳро 23,3 с/га, арзиши оби обёришаванда барои як воҳиди зироат 3,11 м³ /га ва ҳосилнокии оби дар сатҳи саҳро истифодашаванда 0,32 м³/га мебошад. (Ҷадвали 2.9.)

**Ҷадвали 2.9 Муқоисаи нишондиҳандаҳои мушаххаси марбут ба истеъмоли об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ то соли 2023**

| Нишондиҳандаҳо | Ба ҳисоби миёна барои ҳавзаи баҳри Арал I | Аз ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Қазоқистон II | Қирғизистон III | Тоҷикистон IY | Туркманистон Y | Ўзбекистон YI |
| Истеъмоли махсуси об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодӣ | 2524 | 1943 | 1371 | 1843 | 4044 | 2596 |
| Истеъмоли махсуси об ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол барои таъмини оби коммуналӣ | 143,9 | 38.9 | 59.2 | 150,0 | 123,0 | 166,0 |
| Маҳсулоти махсус дар истеҳсолоти саноатӣ (аз ҷумла барқ) дар як сол ба 1 м³ об | 29.1 | 12.5 | 44,0 | 50,0 | 19.0 | 20.0 |
| Майдони махсуси обёришаванда ба ҳар сари аҳолӣ | 0,20 | 0,30 | 0,14 | 0,12 | 0,41 | 0,19 |
| Истеъмоли махсуси об ба 1 гектар замини обёрӣ дар як сол (баҳисобгирии сарҳади минтақаҳо) | 11870 | 11350 | 10120 | 13580 | 12370 | 12380 |
| Ҳамчунин бо назардошти боришоти табиӣ | 13780 | 13130 | 16560 | 16020 | 13030 | 14800 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [43].

Фоида аз як воҳиди оби сарфшуда 0,06$/м³ – ро ташкил дод. Хусусият дар он аст, ки ҳангоми парвариши пахта ҳосилнокии заминҳои обӣ аз 652 то 1314$\га, ҷав аз 674 то 1004$/га ва гандум аз 152 то 454$/га-ро ташкил медиҳад. Ба нишондиҳандаҳои арзиши аслии баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат, тавре ки дида мешавад, сиёсати нархгузорӣ дар хоҷагии қишлоқ, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ мегузаронанд, таъсири калон мерасонад[11].

Аммо бояд гуфт, ки дар тамоми кишварҳои минтақа аз усулҳои обпошӣ, обёрӣ, шаршара ва обгирандаҳо, ки аз замони шуравӣ мондааст,

истифода мекунанд. Тақрибан, дар ҳама мамлакатҳо зироатҳо ва растаниҳо бо роҳи обёрии болоӣ ва ҷўякҳо обпошӣ карда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаҳои стратегияи рушди кишоварзии обӣ дар шароити афзояндаи норасоии оби обёришаванда дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Масалан, оид ба таъмин намудании қариб 90 фоизи маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ заминҳои обёришавандаи минтақа мусоидат менамоянд. Аз ин лиҳоз, таъмини рушди босуботи соҳаи кишоварзии минтақа бидуни ҳалли мушкилоти об имконнопазир аст. Таъмини нокифояи об аз маҳдудияти захираҳои обӣ ва харҷи зиёди об барои нигоҳ доштани реҷаи мавҷудаи мелиоративӣ, инчунин, талафоте, ки дар натиҷаи полоиш ва партовҳои рўйизаминӣ аз турҳои обёрӣ ба амал меояд, вобаста аст. Бо сабабҳои зерин аксарият ин муқарраротро объективӣ мешуморанд: (ниг. ба расми 2.6)




**Расми 2.6 Сабабҳои объективии роҳҳои обёрии болоии растаниҳо дар кишварҳои минтақа**
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [82].

Аз маълумоти расми 2.6 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сабабҳои объективии роҳҳои обёрии болоии растаниҳо дар кишварҳои минтақа гуногун буда, аз ҷумла душвориҳои молиявию иқтисодии тамоми давлатҳо ва набудани механизмҳои ҳамоҳангшудаи ташкилию иқтисодии истифодаи оқилонаи захираҳои об аз муҳимтарини онҳо ба шумор мераванд.

Ба ақидаи мутахассисон аз ҳаҷми умумии об аз манбаъҳои обёрӣ гирифташуда тақрибан то 50 фоизи он дар каналҳои обёрӣ, аз 30 то 50 фоиз ва баъзан бештар аз оби ба саҳро додашуда ҳангоми обпошӣ обёрӣ талаф дода мешавад [70]. Дар ҳоли ҳозир ҳисобкунакҳои обӣ дар шабакаҳои дохилихоҷагии кишварҳои минтақа ба стандартҳо ҷавобгӯ нестанд, ки дар ташкили суратҳисобкунӣ ва тақсимоти об байни истифодабарандагон дар кишварҳои минтақа, дар ҳоле ки деҳқонон ва дигар корхонаҳои хурди хусусии обӣ хеле тез тараққӣ мекунанд, мушкилоти назаррас вуҷуд доранд. Аксари тартиботи ирригатсионӣ ва коллекторию дренажии кишварҳои минтақа, асосан, фарсуда шудаанд, махсусан, дар низомҳои обёрии мошинӣ вазъияти душвор мушоҳида мешавад, ки азкормонии таҷҳизот ба заминҳои обёришаванда таҳдид мекунад. Иншооти гидротехникии фарсуда нигоҳубин ва таъмири асосӣ, инчунин, дар баъзе мавридҳо азнавсозиро талаб мекунанд.

Яке аз пайвандҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дар минтақа ин рушди ҳамкории минтақавии соҳаи об дар самти беҳтар намудани низомҳои гидромелиоративӣ ба шумор меравад.

Таҳлили коршиносон, аз ҷумла гузоришҳои ташхисии миллӣ ба зиддиятҳои бунёдии зерин ишора мекунанд, ки ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар масъалаи об монеа мешаванд.

Муҳаққиқони соҳа ба зиддиятҳои ба амаломадаи зерин ишора менамоянд, ки ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар масъалаҳои истифодабарии об монеа эҷод менамоянд.

1. «Тоҷикистон ва Қирғизистон бар он ақидаанд, ки тараққиёти зироаткории обӣ дар давраи гузашта хеле маҳдуд буд. Вобаста ба ин, онҳо барои истеъмоли оби дохилӣ ҷонибдори зиёд намудани квота (маҳдудият) мебошанд. Мамлакатҳои дигари минтақа бошанд, дар мавриди тақсимоти захираҳои об бо нигоҳдошти "statusquo" манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ доранд. Дар сурати ба даст овардани созиш дар ин масъала дар оянда (баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ва таваҷҷуҳ ба рушди кишоварзӣ) метавонад, талаботи Афғонистон ба об мушкили шадидтар гардад.

2. Давлатҳое, ки дар минтақаи ташаккулёбии ҳавзаи обҷамъӣ қарор доранд, барои истифодаи захираҳои об ва истеҳсоли нерӯи барқ манфиатдор ҳастанд, кӯшиш намуда истодаанд, ки аз обанборҳои худ барои рушди нерӯи обию барқӣ дар Тоҷикистон устуворона об истихроҷ намоянд. Узбекистон ва Қазоқистон ҳам бо сабабҳои маълум, пеш аз ҳама, барои обёрӣ ва тараққӣ додани соҳаи кишоварзии иқтисодиёт аз истифода бурдани ин обанборҳо манфиатдор мебошанд.

3. Кишварҳои кӯҳистонӣ, ки дар болооби ин рӯдхонаҳо ҷойгир шудаанд, худро дар хатари зиёни ногаҳон ба ҳамсояҳои худ эҳсос мекунанд ва барои ҷилавгирӣ аз ин исорот бо хароҷоти нолозим рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳоди ҷуброни ҳатмии зарари ифлосшавии об ҳангоми ҳамаи давлатҳои манфиатдор дар тадбирҳои пешгирикунанда иштирок намоянд, амалӣ намудан имконпазир аст. Мақсади асосии Фонд маблағгузорӣ ва қарздиҳии амалҳои муштараки амалӣ ва барномаву лоиҳаҳои ояндадор оид ба наҷоти Арал, барқарорсозии муҳити зисти гирдуатрофи Арал ва дар маҷмуъ, ҳавзаи баҳри Арал бо дарназардошти манфиатҳои ҳама давлатҳои минтақа мебошад. Муассисони Фонд Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон мебошанд. Дар байни муассисон дар асоси баробарҳуқуқ давлатҳои дигаре низ буда метавонанд, ки мақсадҳои таъсиси Фондро дастгирӣ ва дар маблағгузории лоиҳаю барномаҳои он иштирок намоянд.

Ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ низ иштирокчиёни Фонд буда метавонанд. Аммо тавсияҳои КБҲХО оид ба таъмини шароити мувофиқашудаи тақсимоти захираҳои об ва гузариши об ба баҳри Арал на ҳама вақт иҷро мегарданд.

Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагидории обии (КБҲХО) Осиёи Марказӣ дар асоси Созишномаи байни Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистон «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва муҳофизати захираҳои обии манбаҳои байнидавлатӣ», ки 18 феврали соли 1992 дар Алмаато ба қабул гардидааст, ташкил карда шудааст. Бо мақсади одилона қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии давлатҳои муассис, инчунин, тартиб додан ва амалӣ гардондани барномаҳои якҷояи беҳтар намудани таъминоти об дар ҳавзаҳои байнидавлатии минтақаи об Стратегияи минтақавии истифода ва ҳифзи ҳавзаҳои байнидавлатӣ таҳия ва амалӣ карда шудааст.

Ҳадафҳои асосии КБҲХО инҳоянд: - татбиқи идоракунии захираҳои обии манбаҳои байнидавлатии ҳавзаи баҳри Арал бо истифода аз принсипҳои ИҲЗО; - таҳия, тасдиқ ва назорати иҷрои маҳдудиятҳои солонаи истеъмоли об барои давлатҳои муассис аз манбаъҳои байнидавлатӣ, идораи тақсимоти об дар шароити мавҷудияти воқеии солонаи об ва вазъияти кунунии хоҷагидории обӣ, банақшагирӣ ва назорати реҷаи кори обанборҳои байнидавлатӣ; -таъмини ҳарсолаи обгузаронӣ барои ҳифзи муҷтамаи табиӣ, баҳри Арал ва обгузаронии санитарӣ ба воситаи каналҳо; - таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавии экологии вобаста ба хушкшавии баҳри Арал ва қамшавии манбаъҳои об, аз ҷумла минтақаи ташаккули маҷрои об ва ботлоқзорҳо дар якҷоягӣ бо КБРУ; - таҳияи тавсияҳо ба ҳукуматҳои давлатҳои муассис оид ба таҳияи сиёсати ягонаи минтақавии нархгузорӣ ва механизмҳои ҷуброни талафоти эҳтимолии вобаста ба истифодаи захираҳои обию энергетикӣ аз манбаъҳои байнидавлатӣ, инчунин, доир ба заминаҳои ҳуқуқии байнидавлатии

истифодаи об. Имкониятҳои сохторҳои дар боло зикршуда дар соҳаи танзими тақсимот ва истифодаи об бо сабабҳои зерин маҳдуданд:

- ❖ Дар ихтиёри мақомоти ваколатдори миллӣ баъзе аз иншооти хоҷагии оби дорои аҳаммияти байнидавлатӣ ва комплексҳои муҳимтарин неруи барқию обии доройӣ обанборҳо қарор доранд;
- ❖ Мақомоти иҷроияи КБҲХО ба график ва ҳаҷми баровардани обҳои зеризаминӣ, инчунин, сифати захираҳои об назорат намекунанд;
- ❖ То ҳол минтақаҳои байнидавлатии ҳифзи дарёҳо таъсис наёфтаанд;

- КБҲХО, БОО ва мақомоти тобеи онҳо барои қабул, коркарду интиқоли иттилоот ва ғайра заминаи кофии техникӣ надоранд.

Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагидории оби (КБҲХО) Осиёи Марказӣ дар расми 2.7 амсилаи механизми иҷроиши онҳоро пешниҳод намудаем.




**Расми 2.7 Амсилаи механизми иҷроиши ҳадафҳои Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагидории обии (КБҲХО) Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои об (таҳияи муаллиф)**

Бо дарназардошти  механизми дар расм пешниҳодгардида дар ҳоли ҳозир шумораи ками кишварҳои минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон) вуҷуд доранд, ки ба нигоҳ доштани фаъолияти ниҳодҳои байниҳукуматӣ, ки ҳамкорӣ дар масъалаҳои обро ҳамоҳанг мекунанд, таҳкими иқтидори ҳуқуқӣ ва молиявӣ доранд. Аммо дар бораи инкишофи шаклҳои ташкилии хамкории дарозмуддат нуктахои назари гуногун мавҷуданд. Махсусан, коршиносон  чунин таклифҳоро қайд намуданд: «Дар бораи ҳамчун механизми молиявии таҳкими ҳамкории бахшҳои обталаби иқтисодиёти кишварҳои манфиатдор ташкил намудани консорсиуми обию барқӣ; оид ба озодии қоидаҳои гумрукӣ, сарҳади миллӣ ва дигар тартиботу қоидаҳо нисбати кормандони мақомотҳои дахлдори минтақавӣ;  доир ба зарурати рушди таъминоти иттилоотии аҳолии кишварҳои минтақа нисбати масъалаҳои ҳамарӯзаи экологӣ, ҳифзи об, пардохти хаққи истифодаи об, ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода вобаста ба истифодабарии об ва ғайра».

Ба назари коршиносон ва созмонҳои байналмилалӣ, мушкилоти аслии кишварҳои минтақа дар танзими равобити обию энергетикӣ инҳоянд, ки мушкилоти мазкур мухтасар дар расми 2.8 пешниҳод гардидаанд.

**Мушкилоти аслии кишварҳои минтақа дар танзими равобити обию энергетикӣ**

- қарорҳои қабулшуда тавсияи машваратӣ дошта  ва ҷиҳати иҷроиши онҳо масъулият мушаххас нест;
- амалҳои байни сохторҳои хоҷагии об ва шуъбаҳои энергетикӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ алоқамананд;
- мавҷудияти зиддиятҳо байни манофеи давлатҳои назораткунандаи захираҳои об;
- мушоҳидаи мавҷудияти сохторҳои ғайрисамараноки байнидавлатӣ,
- бетафовутии тарафҳои сеюм дар байни тарафҳои муноқиша

**Расми 2.8 Мушкилоти аслии кишварҳои минтақа дар танзими равобити обию энергетикӣ**
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти  [77].

Тибқи андешаи баъзе аз таҳлилгарон, мушкили истифодаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар оянда ба далели афзоиши босуръати аҳолӣ, ки дар даҳсолаи оянда ҳатман ниёз ба об афзоиш хоҳад ёфт, бадтар мешавад.

Дар натиҷа, ин вазъият метавонад ҳамчун катализатор барои муноқишаҳои байнидавлатӣ оварда расонад. Ин аз раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ тақозо мекунад, ки камолоти сиёсӣ ва ирода ҷиҳати ҳалли одилонаи мушкилоти обию энергетикӣ дошта бошанд.

Бояд ба назар гирифт, ки хислати кӯтоҳмуддати маблағгузорӣ ва чаҳорчӯбаи парокандагии он, паҳлуҳои заифи барномаҳои мавҷудаи байналмилалӣ мебошад. Ташкили шарикии бисёрҷониба бо ҷалби давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва бахши хусусӣ барои бартарафкунонии ҳама мушкилоти дар боло зикршуда мусоидат мекунад. Таҷрибаи амалии ҳамкориҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки “фосилаҳо”-и обию энергетикиро дар чаҳорчӯбаи васеътар – дар шакли барномаҳои умумиаврупоӣ ва авруосиёӣ, ҳал кардан осонтар мебошад. Илова бар ин, иқтидор ва иштироки кишварҳои ИА ва саноатӣ метавонад эътимод ва ҳамкории устуворро барои ҳифзи экононизомаҳои фаромарзии обӣ ва бо об алоқаманд тақвият бахшад.

Олими рус Сидоров О. қайд намудаанд, ки «имрӯзҳо сиёсати об дар минтақа ба «дилеммаи маҳбусон», ки дар назарияи иқтисодӣ пайдо шудааст, шабоҳат дорад, ки дар он ду маҳбус аз ҳамкорӣ – ҳатто, ба манфиати худ, даст мекашанд, агар пайгирии ҳадафҳои шахсӣ назар ба ҳамкорӣ нафъи камтар дошта бошад. Дар натиҷа, агар ҳамкории муштарак накунанд, ҳамаро дастаҷамъона аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, саволи асосӣ дар он аст, ки оё арзиши 7 миллиард доллари ИМА -и талафоти мавҷуда аз набудани ҳамкорӣ дар соҳаи обу нерӯи барқ, бе дарназардошти талафоти эҳтимолан бештар аз эҳтимолияти афзоиши мушкилоти гармшавии глобалӣ ба ҳисоб меравад» [142].

Бояд тазаккур дод, ки таҷрибаи мавҷудаи кишварҳои минтақа возеҳу равшан нишон медиҳад, ки ҳамкории иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва техникӣ барои тамоми шарикон муфид ба шумор меравад.

Дар идомаи таҳқиқот муаллиф чунин қайд намудаанд,ки «монеаи асосӣ набудани иродаи сиёсӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва механизмҳои эътимод дар истифодаи оқилонаи захираҳои об ва риояи меъёрҳои истихроҷи об, бахусус, дар партави нақшаҳои кишварҳои болооби Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷиҳати татбиқи сохтмони сарбандҳои баланд бо мақсади ҳалли мушкилиҳои тезутунди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад»[142].

Аз ин лиҳоз, сохтмони нерӯгоҳҳои нави барқи обии дорои обанборҳои бузург дар Тоҷикистон ва Қирғизистон як стратегияи афзунгардонии сарват барои тамоми минтақа ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки мавзуи аслии баҳс ва бархӯрди оштинопазир миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон сохтмони НБО-и Роғун ба шумор меравад. Нерӯгоҳи барқи обии Роғун барои тавлиди тақрибан 3,6 миллиард киловатт-соат нерӯи барқ пешбинӣ шудааст ва баландии сарбанди он 335 метрро ташкил медиҳад. Кишварҳои поёноб аз он нигаронӣ доранд, ки сохтмони Роғун боиси хушксолӣ ва халалдор шудани мувозинати об мешавад.

Дар сурате, ки ин нерӯгоҳи барқи обӣ дар ҳалли як қатор мушкилоти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон афзалияти стратегӣ ва нақши калидӣ дорад. Тараққиёти бахши нерӯи барқӣ, инчунин, бо он шарҳ дода мешавад, ки ҷумҳурӣ аз норасоии захираҳои замин бо барзиёдии захираҳои об танқисӣ мекашад.

Дар робита ба ин, таҳлилгар Сидоров О. чунин баёни андеша намудааст: «...арзёбии иқтисодию техникие, ки коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ гузаронидаанд, нишон медиҳад, ки тарҳи нерӯгоҳи Роғун аз ҷиҳати техникӣ бехатар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ қобили иҷро аст. Дар ҳолати якҷоя истифода бурдани сарбанд, ҳам кишварҳои поёноб ва ҳам

Тоҷикистон фоидаи зиёде ба даст оварда метавонанд. Аз ин рӯ, НБО-и Роғунро тавре ба кор бурдан мумкин аст, ки ҳам ҷараёни тобистон дар солҳои камобӣ зиёд шавад ва ҳам назар ба шароити обхезии таърихӣ бештар нерӯи барқ тавлид шавад» [143].

Олимони ватанӣ Пулотова М. Р., Муинов У. Б. ва Намозов Ш. И. дар мақолаи илмии худ таҳлили муқаддамотии Бонки Ҷаҳониро нишон дода, аз ҷумла қайд намудаанд, ки «кори муштараки нерӯгоҳҳои барқи обии Норак ва Роғун метавонад ҳам ба кишварҳои поёноб тавассути таъмини оби иловагӣ дар давраи хушксолӣ ва ҳам ба Тоҷикистон аз ҳисоби афзоиши тавлиди нерӯи барқ дар фасли зимистон ва содирот дар тобистон дар давраи хушксолӣ фоидаи қобили лозимӣ ба даст оварад. Истеҳсоли 3,0 миллиард киловатт-соат қувваи иловагии барқро дар давраи хушксолӣ аз ҳисоби дар солҳои намии минбаъда захира кардани ҳамин микдор ҷуброн ва пурра кардан мумкин аст. Ба таври мазкур натиҷагирӣ, бешубҳа, барои кишварҳои поёноб ва Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳо ва тамоюли таърихӣ афзалтар хоҳад буд. Дар асл, сарбандҳои НБО-и Роғун ва Норакро метавон барои баробар кардани ҷараёни солонаи солҳои гуногун ба манфиати кишварҳои поёноб ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад»[78].

Инчунин, коршиносони мазкур дар идомаи таҳқиқоти илмӣ чунин андешаронӣ намудаанд: «...мушкили Қамбар-Ота ва ҳам Роғун масъалаи эътимод ва сиёсат аст, яъне ҳадафи асосӣ байни ҳукуматҳо барқарор намудани эътимод ба шумор меравад, ки бидуни миёнарав танҳо бо музокироти мустақими кишварҳои минтақа ҳал карда мешавад. Ҳамзамон, ҳамчун кафили риояи созишномаҳо, бахусус, дар мавриди истифодаи квотаҳои истифодаи самараноки об, ки дар созишномаҳои имзогардида муайян шудаанд, мақомоти ваколатдори СММ метавонанд саҳми беғаразонаи худро гузорад» [78].

Дар навбати худ, доштани механизмҳои муассири институтсионалӣ ва молиявӣ барои мусоидат ба риояи созишномаҳо метавонад ба

барқарорсозии эътимоди сиёсӣ мусоидат кунад. Ба гуфтаи Бонки Ҷаҳонӣ, сарбанди Роғун дар ҳар сурат тавассути таҳияи механизмҳои иловагии институтсионалӣ, хоҳ уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, хоҳ кафолатҳои молиявӣ ва ё ҳар ду барои сохтан ва истифода бурдани обанбор тибқи созишномаҳо ба манфиати кишварҳои соҳилӣ хоҳад буд. Чорабиниҳои самараноки идоракунии обҳои фаромарзӣ барои дарёҳои Вахш ва Амударё бештар муфид хоҳанд буд, агар онҳо метавонистанд:

- механизмҳои ҳуқуқӣ ва техникиро дар бар гиранд;
- кафолати мувофиқат ва риояи онҳоро пешниҳод кунанд;
- ба даст овардани фоидаи ҳамаҷонибаро таъмин намоянд.

Тавре зикр гардид, низоми муштараки идоракунӣ метавонад барои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Афғонистон манфиатҳои мутақобила ба вуҷуд орад.

Дар ин бора шартномаи идораи неругоҳи Вахш агар дар он механизмхои беғаразонаи техникие, ки ба баъзе масъалаҳо роҳ надода, тавассути робитаҳои сиёсӣ ҳал карда шаванд, самарабахштар мебуд.

Дар робита ба ин, муаллифон чунин андеша доранд: «Бо таваҷҷуҳ ба эътимод ва иродаи сиёсӣ ҳам Қирғизистон ва ҳам Тоҷикистон (бахусус, дар партави аз маблағгузории лоиҳаи Қамбар-Ота-2 даст кашидани Русия) барои бунёди нерӯгоҳи бузурги обӣ аз таъсиси як консорсиуми байналмилалӣ манфиат хоҳанд дошт»[78].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тақсимоти хавфу хатарҳо тавассути иштироки дигар кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои поёнобро татбиқи дурусти чунин як лоиҳаи бузург маъмулан дар бар мегирад. Ин сохтори маблағгузорӣ метавонад аз назорати хориҷӣ бар дороиҳои стратегӣ канорагирӣ намуда, шароити мусоидро барои ҳамгирой фароҳам созад, инчунин, риояи равишҳои кооперативиро тибқи реҷаи амалиёт таъмин намояд

Бояд қайд кард, ки ин ташаббус ба манфиати ҳамаи давлатҳои соҳилӣ хоҳад буд, зеро он иштироки васеи байналмилалии ҳамаи

давлатҳои соҳилиро дар мониторинги риояи қоидаҳо таъмин мекунад ва дурнамои ҳамкориҳоро беҳтар мекунад.

## 2.3. Фаъолсозии механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкории минтақавии соҳаи об

Фаъолсозии механизми корпоративии ҳамкориҳои минтақвии обӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар минтақа, бахусус, барои ҳавзаҳои обии фаромарзӣ муҳим мебошад. Ин раванд, пеш аз ҳама, ҳамкории байни давлатҳо, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои саноатиро тақозо менамояд. Инчунин, баланд бардоштани самранокии истифодаи об, ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолсозии механизмҳои корпоративии ҳамкориҳои минтақавии ба шумор рафта,он бояд ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ татбиқ шавад.

Ташкилоти корпоративӣ ва бахши хусусӣ метавонанд нақши муҳимро дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об бозанд. Масалан: бахши хусусӣ метавонад саҳми бузурги худро тавассути тадбиқи техналогияҳои пешрафта дар ҳали мушкилоти обӣ ва сармоягузорӣ ба инфрасохтори об гузорад. Корхонаҳои соҳаи саноат бошанд, имкон доранд, то ки коркарди дубора ва кам кардани партовҳои саноатиро, бо истифода аз технологияҳои муосир, ба роҳ монда, дар ҳифзи обу табиат саҳми муассири худро гузошта бошанд.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии оқилонаи истифодаи об, такмил додан ва иҷро намудани якчанд чораҳои муҳим амри зарурӣ маҳсуб меёбанд:

- Такмили истифодаи оқилона ва идоракунии самараноки захираҳои об;
- ҳамгироии муштаракро дар соҳаи об амалӣ намудан;
- Ба роҳ мондани тақсимоти об дар байни соаҳои саноат, кишоварзӣ ва таъмини оби нӯшокӣ;
- Пешбурди низомҳои рақамӣ оид ба мониторинги об;

- Ҷалби сармоя ва рушди ифрасохтор;
- Таъсиси ҷамъятҳои махсус барои маблағгузории лоиҳаои самараноки обӣ;
- Истифодаи технологияҳои нави пешрафта, барои коркарди дубораи об.

Ҳадафи асосии эҷоди шаклҳои нав ва такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об баланд бардоштани самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии истифодаи захираҳои об мебошад.

Бо дарназардошти ин, бо ташаббус ва кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти истифодаи самараноки захираҳои об, ҳукумати кишвар фаъолияти худро дар самтҳои зерин амалӣ менамояд:

- «татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузории соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи стратегияҳо, барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳои рушд;
- танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об;
- мусоидат ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об;
- назорати давлатӣ ва назорати бехатарии иншооти гидротехникӣ;
- пешбурди кадастри давлатии об дар бахши истифодаи об;
- таҳияи лоиҳаҳо ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи об» [24].

Дар ин самт олими ватанӣ Саидов С. С. чунин қайд намудааст: «...ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об як чолиши марҳалаи муосир - марҳилаи гузариш ба консепсияи рушди устувор ва навсозии экологии иқтисодиёти муосиру соҳаҳои он, мебошад. Барои қонеъ гардонидани устувории эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ояндаи захираҳои об, ҳамкории иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои оби фаромарзии дарёҳое, ки ҳавзаҳои ҳавзаашон бо сарҳадҳои мавҷудаи давлатӣ мувофиқат намекунанд, зарур шуморида мешавад» [139].

Инчунин, бояд зикр намуд, ки равандҳои мазкур дар доираи консепсияи рушди устувор таҳияи равишҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодию экологӣ ва иҷтимоии истифодаи захираҳои обро тақозо мекунанд. Дар айни замон равиши истифодаи низоми нишондиҳандаҳои рушди устувор бештар паҳн шудааст.

Ҳадафҳои асосии консепсияи гузариш ба рушди устувор ин ноил шудан ба амнияти иҷтимоӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, амнияти энергетикӣ, ноил шудан ба огоҳии аҳолӣ аз масъалаҳои экологӣ ва идоракунии самаранок, кабудизоркунии маҳалҳои наздишаҳрӣ, таъмини устувории экологӣ, консепсияҳои экологӣ ва иҷрои уҳдадориҳои кишвар, инчунин, ислоҳоти қонунгузорӣ ба шумор меравад. Ин консепсия ба амалӣ гардондани сиёсати мамлакат оид ба муътадил гардонидани вазъи экологӣ ва иқтисодии мамлакат, ба танзим даровардани ҳифзи табиат ва ташаккули самаранокии низоми иқтисодию экологӣ асоснок шудааст.

Ин стратегия дар тамоми кишварҳои минтақа таҳия шудааст ва дар ҳоли татбиқ қарор дорад. Дар доираи консепсияи рушди устувор стратегияи оби кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба истифодаи минтақавӣ ва муштараки об нигаронида шудааст. Ҳукуматҳои ин кишварҳо ҳоло равшантар дарк мекунанд, ки муҳимтарин шарти ноилшавӣ ба ҷанбаҳои рушди устувор тавсеа ва амиқсозии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи экологӣ, иқтисодӣ ва обӣ тавассути иштироки бештар дар созишномаҳои байналмилалӣ оид ба соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи низомҳои экологӣ мебошад. Кишварҳои минтақа ҳамчун комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ҳангоми таҳияи созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об муқаррароти Конвенсияҳои зерини экологиро ба назар мегиранд:

**Ҷадвали 2.10 Протокол ва Конвенсияҳои ҳамкори кишварҳои минтақа дар соҳаи об**

| № | Номгуи протокол ва конвенсиҳо | Соли қабул |
|---|---|---|
| 1. | Конвенсияи СММ оид ба гуногунии биологӣ; | 1997 |
| 2. | Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо биёбоншавӣ; | 1997 |
| 3. | Протоколи Монреал оид ба моддаҳое, ки қабати озонро вайрон мекунанд; | 1998 |
| 4. | Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон; | 1998 |
| 5. | Ислоҳоти Лондон ва Копенгаген ба Протоколи Монреал оид ба моддаҳое, ки қабати озонро вайрон мекунанд ; | 1998 |
| 6. | Конвенсияи чаҳорчӯбаи СММ оид ба тағйирёбии иқлим (1998); | 1998 |
| 7. | Конвенсияи Ромсар дар бораи ботлоқзорҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, бахусус ҳамчун макони зисти паррандагони обӣ ; | 2000 |
| 8. | Конвенсия оид ба ҳифзи навъҳои муҳоҷирати ҳайвоноти ваҳшӣ; | 2000 |
| 9. | Конвенсияи Орхус; | 2001 |
| 10. | Конвенсия оид ба арзёбии таъсир ба муҳити зист дар заминаи фаромарзӣ (АТМЗ); | 2004 |
| 11. | Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои органикии доимӣ. | 2007 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [37].

Низоми нишондиҳандаҳое, ки Комиссияи СММ оид ба рушди устувор таҳия кардааст, маҷмуи асосии 50 нишондиҳанда ва маҷмуи пурраи 96 нишондиҳандаро, ки ба ғайр аз нишондиҳандаҳои асосӣ нишондиҳандаҳои иловагиро низ дар бар мегирад ва барои таҳлили муфассалтар шароит фароҳам меорад. Низоми нишондиҳандаҳо ба соҳаҳо ва зерсоҳаҳо гурӯҳбандӣ шудааст. Дар ин ҷо уқёнусҳо, баҳрҳо ва соҳилҳо, оби нӯшокӣ ва гуногунии биологӣ як соҳаи алоҳидаро ташкил медиҳанд. Бисёр тадқиқот истифодаи равиши рейтингиро барои арзёбии самаранокии сиёсати экологӣ дар минтақаҳо асоснок мекунанд. [67]. Дар низоми рейтинги экологӣ нишондиҳандаҳои мутлақ ва мушаххаси самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, таъсири манфӣ ба муҳити зист, инчунин имконияти арзёбии самаранокии иқтисодиёт дар маҷмуъ, аз рӯйи соҳаҳо ба назар гирифта мешаванд. Ҳамин тариқ, таҷрибаи мавҷудаи самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва арзёбии устувории рушд,

махсусан, истифодаи оқилонаи захираҳои обро ҷамъбаст намуда, чунин равишҳои асосиро зикр намудан имконпазир аст: а) бунёди нишондиҳандаи интегралӣ ва маҷмуӣ; б) бунёди низоми нишондиҳандаҳое, ки ҳар яки онҳо ба як соҳаи мушаххаси масъала мувофиқат мекунанд. Ин нишондиҳандаҳои интегралӣ баҳодиҳии то андозае содакардашударо таъмин намуда, манзараи умумии рушдро пешкаш мекунанд. Равишҳои дар боло зикршуда барои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои об дар минтақа заминавӣ мебошанд.

Дар баробари ин, нишондиҳандаи мушаххаси умумишудаи самаранокии истифодаи захираҳои обӣ, ки ҷанбаи комилан иқтисодиро тавсиф мекунад, муқоисаи ҳаҷми оби истеъмолшуда бо натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, яъне обталабии он мебошад. Дар миқёси умумии иқтисодиёт онро метавон чунин чен намуд:

W - интенсивии обии даромади миллӣ;

R1 - истеъмоли солонаи оби тоза;

R2 - ҳаҷми солонаи обтаъминкунӣ.

Шиддатнокии обӣ сатҳ ё ҳаҷми захираҳои обиро нишон медиҳад, ки барои ба даст овардани воҳиди даромади миллӣ бояд сарф карда шаванд. Динамикаи ин нишондод яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои об мебошад. Чунин нишондиҳандаҳо ҳам барои комплексҳои саноатӣ, ҳам барои соҳаҳои алоҳида ва ҷӣ барои минтақаҳои алоҳида ҳисоб карда мешаванд. Ин нишондиҳанда воситаи муҳимми танзими истифодаи об дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об мебошад.

Ташкили истифодаи оқилона ва сарфакоронаи об унсури асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар ҳамон соҳаҳое мебошад, ки об ҳамчун омили асосии истеҳсолӣ ба шумор равад. Ин ба оби тоза низ дахл дорад. Он аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи сарфаи об ва кам кардани истифодаи он барои эҳтиёҷоти хоҷагӣ ба даст меояд. Самти дигар, бартараф намудани талафоти зиёди об дар тамоми

марҳилаҳои истифодаи он мебошад, ки танҳо ҳангоми аз манбаъҳо ба истеъмолкунандагон расонидани об ҳар сол 8,5 км$^3$ сарф мешавад.

Дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ташаккул меёбад. Дарёфт намудани механизмҳои нав барои ҳамкориҳои самараноки минтақавӣ аз он иборат аст, ки дар навбати аввал дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти обёрии заминҳои кишоварзӣ, ба ҳар як сокини минтақа истеъмоли об ниҳоят баланд аст. (диаграммаи 2.1.). Ин рақам нисбат ба мамлакатҳои саноатӣ даҳ баробар зиёд мебошад. Ба гуфтаи коршиносон, таъмини оби нӯшокӣ дар тамоми кишварҳои минтақа 62-90 фоизи ниёзҳои маишии аҳолиро дар шаҳрҳо ва 70-76 фоизи аҳолиро дар деҳот ташкил медиҳад. Баробари афзудани ифлосшавии дарёҳо ва бадтар шудани иншооти муоличавӣ сифати худи об бадтар мегардад. Илова бар ин, тақрибан сеяки сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Вазъияти кунунӣ татбиқи ислоҳоти дахлдори сиёсати иқтисодӣ ва таҳияи механизми боэътимоди идоракунии муштараки захираҳои обро, ки ба баланд бардоштани устувории ҳамкориҳо дар ин самт нигаронида шудааст, тақозо менамояд. Бесабаб нест, ки имрӯз ба захираҳои барқию обӣ ва, пеш аз ҳама ба қисматҳои обе, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ алоқамандӣ доранд, дар минтақаи Осиёи Марказӣ диққати махсус дода мешавад.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар минтақаи Осиёи Миёна мушкили истифодаи об аз он сабаб ба миён меояд, ки дар ин минтақа норасоии фалокатовари захираҳои обӣ вуҷуд дошта, сол то сол ҳолатҳои бадтар мушоҳида карда мешавад.

Сониян, мушкилоти истифодаи об дар Осиёи Марказӣ аз он сабаб ба миён омадааст, ки дар ин минтақа камбуди об ба таври фалокатовар вуҷуд дорад ва вазъ сол то сол бадтар мешавад. Аз ҷиҳати назариявӣ ин набояд рӯй диҳад: аҳолии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистони Ҷанубӣ аз 50 миллион нафар зиёд нест ва маҷрои умумии оби рӯйизаминӣ

дар як сол қариб 116 километри мукаабро ташкил медиҳад, ки ин об барои истеъмол дастрас мебошад.




**Диаграммаи 2.1 Ҳаҷми истифодаи оби тоза ба ҳар сари аҳолӣ**
**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [92].

Ҳамин тавр, ба ҳар сари аҳолӣ зиёда аз 2320 метри мукааб рост меояд, ки ин аз рӯйи стандартҳои ҷаҳонӣ аз кифоя зиёд аст. Аммо дар асл, аз сабаби оне ки хоҷагии қишлоқ ба обёрии сунъӣ ва талафоти калон эҳтиёҷоти баланд дорад, на кам аз нисфи ҳаҷми умумии истеъмоли он норасоӣ мавҷуд аст. Маълум аст, ки парвариш ва нигоҳубини як қатор зироатҳо, пеш аз ҳама пахта ва шолӣ  қариб дар тамоми давраи кишт бинобар шароити хоси хоку иқлим обёриро тақозо мекунад, ки ин хусусияти хоси хоҷагидории кишварҳои  Осиёи Марказӣ, махсусан, Ӯзбекистон  ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин, дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ низоми васеи обёрӣ ба роҳ монда шуд [92].

Сеюм, як «нуқтаи дарднок» ва ниҳоят ҳассоси минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи тақсимоти об ва истифодаи маҷрои оби дарёҳои фаромарзӣ мебошад. Як қатор дарёҳо дар Осиёи Марказӣ аҳаммияти байнидавлатӣ доранд монанди Сирдарё, ки аз ҳудудҳои Ӯзбекистон Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон мегузарад. Маълум аст, ки қариб тамоми оби истифодашаванда, ки аз кӯҳҳои Тиёншон ва Помир сарчашма гирифта, ба баҳри Арал мерезанд, аз ду дарёи бузурги фаромарзии Амударё ва Сирдарё сарчашма мегирад. Аз ҳудуди Қирғизистон бошад, Сирдарё тавассути Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҷорӣ мешавад. Ҳамин тариқ, кишварҳое, ки дар поёноб қарор дошта, дорои захираҳои бойи нафту газ ва дигар ашёи хом ҳастанд, аз ҷумла Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, нисбат ба давлатҳои боло зиёдтар аз об вобастагӣ доранд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ташаккули обҳои рӯйизаминии минтақа саҳми Қирғизистон ва Тоҷикистон тақрибан 85%-ро ташкил додааст. Аз сабаби оне ки Қирғизистон ва Тоҷикистон захираҳои назарраси карбогидрид надоранд, онҳо барои азхудкунии нерӯгоҳҳои барқи обии худ ва рушди онҳо дорои манфиат мебошанд. Аммо як гурӯҳ кишварҳои “поён”, ба хусус, Ӯзбекистон барои таъмини кишоварзии худ ба ҳаҷми бузурги об таваҷҷуҳ доранд.

Мушкилоти захираҳои об дорои иқтидори бузурги низоъ буда, ба як усули фишор дар муносибатҳои байнидавлатӣ табдил меёбад. Ҳамин тариқ, дар посух ба гузариши шеваи кории обанборҳои Токтогул ва Норак дар Қирғизистон ва Тоҷикистон аз обёрӣ ба нерӯи барқ, Ӯзбекистон газро қатъ мекунад ва Қазоқистон бо истифода аз тарифҳои нақлиётӣ дастёбӣ ба Қирғизистонро ба бозорҳои ғарбӣ маҳдуд мекунад.
То соли 1990 обанбори Токтогул, асосан, барои обёрӣ истифода мешуд. Резиши об аз обанбор, махсусан, дар давраи баҳору тобистон сурат гирифта, сарфаи умумии об ба 75 фоиз расид [92].

Дар ҳақиқат, дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бештар аз 90 фоизи тамоми маҳсулоти зироатӣ дар заминҳои обӣ кишт ва парвариш карда мешавад, ки дар диаграммаи 2.2 нишлн дода шудааст:




**Диаграммаи 2.2 Масоҳати заминҳои обёришаванда, ҳазор км².**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [92].

Дарёҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон - ин дарёҳои пуроби Сибиру Русия нестанд, аз ин рӯ, барои таъмини кори бефосилаи дар НБО воқеъбуда, речаи муайяни истифодаи захираҳои обии мавҷударо талаб мекунад. Дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта тартиби аз обанбори Токтогул баровардани об ба куллӣ тағйир ёфт. Дар даҳсолаи охир барои тавлиди нерӯи барқ, ки барои Қирғизистон зарур аст, истихроҷи асосии об дар фасли зимистон анҷом дода мешавад, ки дар давоми он тақрибан 60 фоизи ҳаҷми умумии ҷараёни об баровард мешавад. Дар натиҷа тақсимоти солонаи маҷрои дарёи Сир ба куллӣ тағйир ёфт: ба ҷойи давраи нисбатан пасти зимистони камобӣ дар зимистон обхезии калон ба амал меояд, ки бо пайдоиши яхбандӣ ва роҳбандиҳо ҳамроҳ мешавад. Ҳамаи ин боиси обхезӣ дар поёноби Сирдарё, дар наздикии шаҳри

Қизилурда мегардад. Хусусан, аз обанбори Токтогул дар ибтидои солҳои 2000-ум истихроҷи калон анҷом дода шуда буд. Мушкилии масъалаҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ низ ба чунин ҳолатҳо ва омилҳои таъсиррасон вобастагӣ дорад, ки дар расми 2.9 пешниҳод гардидаанд:

**Ҳолатҳо ва омилҳои таъсиррасон ба мушкилоти масъалаҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ**

- сатҳи пасти фаъолияти самараноки сохторҳои байнидавлатии ваколатдор оид ба идоракунии ҳамоҳангсозии захираҳои обу энергетикӣ дар минтақа;
- характери тавсиявӣ, на ин ки ҳатмӣ доштани қарорҳои дар сатҳи байнидавлатӣ қабулшуда ва ҳамоҳанг нашудани фаъолияти сохторҳои миллӣ дар соҳаи тақсимот ва истифодаи об;
- нобоварии мутақобилан ба кишварҳои Осиёи Марказӣ бинобар ноустувории мавқеъҳои онҳо;
- норасоии сармоягузорӣ ҷиҳати дастгирии инфрасохтори гидротехникӣ, инчунин, менеҷерони соҳибихтисос дар соҳаи об;
- мавҷуд набудани «миёнарави»-и беғараз дар масъалаҳои баҳсбарангез

**Расми 2.9 Ҳолатҳо ва омилҳои таъсиррасон ба мушкилоти масъалаҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ. Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти** [92].

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки мушкилоти шадиди хушкшавии баҳри Арал низ вуҷуд дорад. Нобаробарӣ байни фаъолияти иқтисодии инсон ва захираҳои табиӣ бештар вобаста ба бухрони баҳри Арал ба вуҷуд омад, ки аз чор се ҳиссаи ҳаҷми худро то аввали асри мазкур аз даст дод. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки миқёси бухрони Арал бадшавии бебозгашти иқлимро ҳатто, дар минтақаҳои дурдаст ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ аз байн рафтани обанбори хеле муҳимро низ пешгӯйӣ менамояд. Чанд даҳсола пеш баҳри Арал чорумин обанбори калонтарини алоҳидаи ҷаҳон ба ҳисоб мерафт, соҳилҳои он хеле сераҳолӣ буданд ва дар минтақаҳои соҳил саноати моҳидорӣ ба роҳ монда мешуд. Аз рӯйи анъана ҳар сол ба Арал қариб 56 км$^3$ об ҷорӣ мешуд, вале аз охири солҳои 60-ум бо сабабҳои тараққиёти васеи обёрии ниҳолҳои пахта об кам шудан гирифт. Дар тули сӣ сол он тақрибан даҳ баробар коҳиш ёфт ва дар солҳои 90-ум баҳри Арал ба ду қисм: «хурд» ва «калон» тақсим гардид. Қисмати якумро – Сирдарё ва қисмати дуюмро - Амударё ташкил медиҳад.

Масоҳати сатҳи баҳри Арал бештар аз ду баробар кам шудааст. Тавре намояндагони Созмони Милали Муттаҳид қайд мекунанд, нопадид шудани баҳри Арал сахттарин офати экологии замони мост, ки аз ҷониби инсон ба вуҷуд омадааст. «Буҳрони Арал» тамоми зиддиятҳоро дар истифодаи иқтидори оби Осиёи Марказӣ рад намекунад. Норасоии об барои эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва маишӣ дар тамоми кишварҳои минтақа беш аз пеш назаррас мегардад. Дар давраи аз соли 1960 то соли 2000 ҳаҷми умумии обгирӣ қариб ду баробар афзуд. Аз ин ҳаҷми маҷрои дарёҳо беш аз 90 фоизро кишоварзӣ масраф карда, қариб 1/3 маҷмуи маҳсулоти дохилии тамоми давлатҳои Осиёи Марказиро таъмин менамояд. Обйекти дуюми муҳимтарини истифодаи оби минтақавӣ нерӯи обӣ мебошад. Аммо ба рушди он мушаххасоти технологии танзими ҷараёни мавсимӣ ба манфиати бахши кишоварзӣ монеъ мешавад. Нерӯгоҳҳои калони барқии обии Қиргизистон ва Тоҷикистон, асосан, бо мақсади таъмини низомҳои ирригатсионии мамлакатҳои ҳамсоя фаъолият мекунанд. Ин аз истифодаи захираҳои об дар фасли зимистон барои истеҳсоли нерӯи барқ дар обанборҳои Қирғизистону Тоҷикистон монеа эҷод менамояд ва на танҳо барои дурнамои содиротӣ монеъ мешавад, балки танишҳои афзоянда дар таъмини  ниёзҳои дохилии ҳарду кишварро ба нерӯи барқ эҷод мекунад. Аҳолии Тоҷикистон чанд сол боз дар вазъияти махсусан вазнин қарор дорад, ки дар фасли зимистон ҳатто, дар пойтахт, баъзан қувваи барқ хомӯш мегардад. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, заминаи институтсионалии таркибии муносибатҳои иқтисодии байниҳамдигариро такмил додан лозим аст.

Барои мувофиқкунонии низоми идоракунии захираҳои об дар сатҳи миллӣ тадриҷан гузаштан ба усули тартибии идоракунӣ дар доираи воҳидҳои маъмурӣ, на гидрографӣ, суръат бахшидан ба ташкили ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, таъмини тафриқаи пардохтҳои обӣ, дар амал татбиқ намудани идоракунии талабот ба об ва рушди шаклҳои гуногуни истифодаи хусусӣ, расонидани он вобаста ба

шароити мушаххас, коллективӣ ва саҳомии об дар асоси фаъолияти бозории обтаъминкунӣ зарур мебошад. Ин таҳрири Кодекси оби кишварҳои минтақа ва мукаммалкунонии заминаи қонунгузорӣ ва меъёриро тақозо менамояд.

Равишҳои асосии рафъи камсамарии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, ба андешаи мо, як қатор тадбирҳои бунёдии бештарро тақозо мекунанд. Изҳороти чандинкаратаи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ оид ба мақсади рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об бо сабабҳое, ки аксари онҳо объективӣ эътироф шудаанд, то ҳол рушди дуруст нагирифтаанд. Чунин мушаххасоти ба зумраи онҳо дохил мешаванд:

- ❖ дар натиҷаи барҳам додани низоми кооператсияи истеҳсолӣ номутаносибии тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт;
- ❖ маҳдудияти назарраси дастгириҳои давлатии рушди инфрасохтори об ва андешидани чораҳои молиявӣ;
- ❖ мушкилоти муваққатии иқтисодии тамоми кишварҳои минтақа ва ғ.

То имрӯз ҳадди ақал дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар бораи зарурати нигоҳдошти сохторҳои мавҷудаи байнидавлатии ҳамоҳангсози ҳамкориҳо дар масъалаҳои об ва таҳкими иқтидори молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии онҳо мувофиқа ҳосил шудааст. Дар баробари ин, дар бобати инкишофи шаклҳои ташкилии ҳамкории дарозмуддат нуқтаҳои гуногунҷанба қайд карда мешаванд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои зерин қобили қабул ҳисобида мешаванд:

- ❖ такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳуқуқи байналмилалӣ;
- ❖ оид ба таҳияи роҳҳои ҳалли мушкилоти байнидавлатии об ҷалб намудани ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳамчун истифодабарандагони об эътироф шудаанд;

- оид ба механизми молиявии таҳкими ҳамкории бахшҳои обталаби иқтисодиёти кишварҳои манфиатдор ташкил намудани консорсиуми обию барқӣ;
- нисбати кормандони мақомоти минтақавӣ либерализатсия намудани қоидаҳои гумрукӣ, байнисарҳадӣ, ва ғ.;
- оид ба масъалаҳои актуалии экологӣ зарурати рушди таъминоти иттилоотии аҳолии мамлакатҳои минтақа, ҳаққи истифодаи ва ҳифзи об, пардохти ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодаи вобаста ба истифодаи об ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар минтақа истифодабарии муосири об ба талаботи истифодаи оқилонаи об ҷавобгӯ буда наметавонад. Тағйироти кунунии иҷтимоию иқтисодии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар низоми тақсимоти захираҳои об ҳамчун фоидаи иқтисодӣ осори худро гузошта, ба рушди низоми истифодаи оқилонаи об мусоидат намекунанд. Бартараф намудани андешаҳои мухталиф дар ташкили низоми идоракунии самараноки фонди об дар минтақа оид ба истифодабарӣ ва тақсимоти самараноки неъматҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки низоми экологии истифодаи об медиҳанд, назаррас мебошад. Истифодаи механизми ташкилию иқтисодӣ дар асоси баҳодиҳии аз ҷиҳати илмӣ асосноки ин захираҳо ҳамчун танзимкунандаи асосие, ки ба ташаккул ва рушди истифодаи оқилонаи об имкон медиҳад, ба шумор меравад. Ба ин муносибат номукаммалии равиш дар механизми мавҷудаи иқтисодии идоракунии протсесҳои истифодаи об як қатор ихтилофҳоро ба амал меоварад. Аз ин нуқтаи назар, фаъолсозии механизми корпоративии ҳамкории обӣ дар минтақа ба муносибати ҳамаҷониба ниёз дорад, ки ҷанбаҳои молиявӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва экологиро дар бар мегирад. Идоракунии самараноки захираҳои об метавонанд ба рушди устувор, коҳиши низоъҳо ва беҳбудии зиндагии мардум мусоидат намояд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Бо дарназардошти тамоми мушкилиҳои эҳтимолӣ ва сабабҳои мавҷуда чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ мунтазам роҳҳои самаранок истифода бурдани захираҳои оби худро мавриди омӯзиш ва ҷустуҷӯ қарор медиҳанд. Вазъияти мазкур раванди ҳамкориҳои минтақавиро дар соҳаи об барои кишварҳои ҳамҷавор муҳим гардонида, давлатҳои Осиёи Марказӣ саъю кӯшиш намуда истодаанд, ки дар доираи афзалиятҳои муайян ҳамкории судмандро роҳандозӣ намоянд. Вобаста ба ин, метавон хулосаҳоямонро чунин дастабандӣ кард:

1. Афзалияти якум рушди ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои оби фаромарзӣ буда, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ идоракунии самараноки обро талаб менамояд, инчунин, бояд доир ба амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ ва бехатарии саҳои об гуфтушунидҳо роҳандозӣ карда шаванд. Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории судманди минтақавӣ сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд дар асоси Барномаи «Рӯзномаи сабз барои Осиёи Марказӣ», ки дар Ҷаласаи 4-уми машваратӣ, 21 июли соли 2022 дар шаҳри Чолпон-Атаи Қирғизистон қабул гардида буд, фаъолият намуда, манфиати иқтисодию иҷтимоии ҳамаи давлатҳоро ба инобат гиранд.
2. Афзалияти дуюм барои давлатҳои минтақа ҳал намудани тадбирҳои миллии таъмини об ба шумор мераванд, ки ҳамаи онҳо дар сатҳи миллӣ ба миён омада, ба идоракунии зиддибуҳронии об мусоидат мекунанд. Барои ҳалли тадбирҳои миллӣ кишварҳои минтақа сиёсати пешгирифтаи худро доро мебошанд. Масалан, дар Ӯзбекистон ва Туркманистон Консепсияи рушди захираҳои об то соли 2030 амал намуда, тамоми масъалаҳои марбут ба обро фарогир мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Барномаи ислоҳоти захираҳои об барои солҳои 2016-2025 ва дар Қирғизистон Консепсияи рушди кишоварзӣ барои солҳои 2021-2025 қабул гардида, масъалаҳои дар самти об мавҷуд

бударо дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии истифода ва ҳифзи захираҳои об, инчунин, истифодаи самараноки онҳо тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

3. Илова ба ин, дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳолатҳои мавсимӣ захираҳои маҳдуди об ба назар расида, баъзе мушкилот дар ин самт пайдо мегардад, ки дар баробари норасогии об, инчунин, ифлосшавии он низ ба мушоҳида мерасад ва ба иқтисодиёти кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, афзоиши норасоии об ба шуғли аҳолӣ ва амнияти озуқаворӣ низ таъсири манфии худро гузошта, ҳамзамон, ифлосшавии захираҳои об вазъи экологии тамоми ин давлатҳоро коста мегардонад. Маълум аст, ки кишварҳои минтақа, дар баробари рушди соҳаи саноат, инчунин, ба соҳаи кишоварзӣ низ машғул мебошанд. Тақрибан 60 фоизи аҳолии давлатҳои минтақа ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, соҳаи кишоварзӣ барои руши иқтисодии мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ саҳми муассир дорад. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки тамоми кишварҳои минтақа ҳангоми истифодаи захираҳои об ба норасогии он аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намуда, ҳамзамон, манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии далатҳои ҳамҷаворро ба инобат гиранд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ СОҲАИ ОБ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 3.1. Таҳияи заминаҳои консептуалии механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об

Дар шароити афзоиши мушкилоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ заминаи консептуалӣ, вазифаҳо, принсипҳо ва механизмҳои идоракунии захираҳои об ба таври назаррас тағйир меёбад. Дар шароити муосир парадигмаи нави об дар доираи ҳамкориҳои минтақавии об танзими бозори захираҳои обро дар бар мегирад, ки «идоракунии захираҳо" ва «идоракунии талабот" ба обро дар асоси сарфа ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи об муттаҳид мекунад. Афзалиятҳои истифодаи захираҳои об ба манфиати ҷомеа ва муҳити зист нигаронида шуда, ҷанбаҳои экологии идоракунӣ тавассути қонеъ гардонидани талаботи экосистемаҳои об ва пешгирии таъсири зараровари об амалӣ карда мешаванд. Аз сабаби он, ки захираҳои об ва мушкилоти об характери глобалӣ пайдо мекунанд, ҳамкориҳои минтақавии об ба ниҳоди асосии танзимкунандаи захираҳои об табдил меёбанд. Зарурати рушди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

**1. С**амти нави ҳамкориҳои байналмилалӣ, ки дар доираи самти экологии сиёсати ҷаҳонӣ таҳлил карда мешавад, торафт инкишоф меёбад. Дар ин маврид масъалаи об дар сиёсати минтақавӣ бо тамоми тамоюлҳои асосии рушди он дар доираи консепсияи рушди устувор торафт зич алоқаманд мегардад. Ин равандҳо, пеш аз ҳама, афзоиши ҷаҳонишавӣ, минтақавӣ, мушкилоти мусоидат ба рушди соҳаи тандурустӣ ва маорифро дар бар мегиранд, ки аҳаммияти дарки ҳамаҷонибаи илмии хусусияти масъалаҳои обро дар сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳама сатҳҳо муайян мекунанд.

**2. С**иёсигардонии масъалаи об, ки бо афзоиши босуръати тақозо ба он дар ҷаҳон камбуди оби ошомиданӣ дорад. Ба гуфтаи коршиносон, дар

ояндаи наздик метавонад дар як қатор манотиқи ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ миёни истифодабарандагони об низоъҳо ба амал оянд. Сиёсатгардонии масъалаҳои об, инчунин, бо табиати хусусан, фаромарзӣ будани аксари ҳавзаҳои дарёҳо афзоиш ёфтааст. Дар робита ба ин, баррасии ҷанбаҳои гуногуни истифодаи об дар самти такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ҳамчун шарти ба эътидол овардани ҳама гуна низоъҳо ва пешгирии номутаносибии манфиатҳои кишварҳои минтақа таваҷҷуҳи хоса дорад.

**3.** Ҳамчун манбаи махсуси рушди инсонӣ ба тадриҷ ташаккули низоми байналмилалии идоракунии захираҳои обиро ташаккул додан зарур аст. Рушд ва ташаккули он дар заминаи тақвияти ҷараёнҳои ҳамкорӣ ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ сурат мегирад, ки ба пешгирии татбиқи тамоюлҳои манфии марбут ба норасоии об дар ҷаҳон нигаронида шудааст. Масъалаи истифодаи захираҳои об ва таҳлили ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт барои Тоҷикистон, ки аз рӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ бойтарин захираҳои об дорад, муҳим мебошад [79].

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи объектҳои обҳои фаромарзӣ робитаҳои гидрологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меоваранд. Моҳияти ҳаётан муҳимми захираҳои об як ангезаи тавонои ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Аслан, об назар ба ҷудо кардани одамон ва кишварҳо бештар муттаҳид мешавад ва заминаи консептуалии муносибатҳои обҳои фаромарзӣ бояд принсипи асосии истифодаи баробар аз захираҳои умумии обӣ ва масъулияти тарафайн барои ҳифзи онҳо бошад. Маҳз дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об вазъи об дар минтақа беҳбуд меёбад.

Ба андешаи Каган М. С., «қабати кунунии рушди фаъолияти иқтисодии кишварҳои минтақа дар самти истифодаи захираҳои оби дар ҳудуди фазоии геосистемаҳои ҳавзавӣ ташаккулёфта ҳалли масъалаҳои мураккабро дар асоси тағйир додани асосҳои консептуалии ҳамкориҳои минтақавии об тақозо менамояд. Ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об бояд

дар асоси равиши системавӣ – якпорчагии система, бунёд карда шавад» [60]. Дар идомаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф, инчунин, қайд намудааст, ки «ташкили самарабахши кооператсия ба шарофати паҳншавии усули системавӣ имконпазир ва зарур мегардад. Инҳо шартҳои зарурии системаи таърихан инкишофёфтаи истифодаи оби минтақавӣ мебошанд. Якпорчагӣ на танҳо ба ҷанбаи фазоии мавҷудияти низомҳо, балки ба ҷанбаи муваққатӣ, мурофиавӣ низ дахл дорад» [60].

Аз ин рӯ, ташкили ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об тақозои ҷаҳони муосир мебошад. Вобаста ба ин, механизми нави хоҷагидорӣ идоракунии корпоративии истифода ва ҳифзи захираҳои обро аз тарафи истифодабарандагони он, ки онҳо ҳам маблағ пардохт менамоянд, пешбинӣ менамояд. Дар доираи ин равиш, пардохти об дар шакли саҳм аз ҳисоби истифодабарандагони об барои нигоҳдории захираҳои об ва таҷдиди тамоми техника ва технологияи истифодаи об сурат мегирад.

Яъне, муаммои асосӣ дар ин раванд ҷамъоварии маблағ ва таҷдиди тамоми воситаҳои техникии истифодаи об ба шумор меравад, ки бояд истифодабарандагон ва манфиатбарандагони захираҳои об мавриди амал қарор диҳанд.

Дар робита ба ин олимони рус Бистритская Н. С. ва Давидов А. В. чунин андеша даранд: «Нақши давлат дар ин ҳолат бо ҷамъоварии як қисми маблағҳо дар шакли андоз маҳдуд мешавад, ки баъдан барои додани қарз ва субсидия барои сохтмони иншооти нави об, инчунин ҷуброни даромади аз даст рафтаи ташкилотҳои хоҷагии об дар ҳолати аз ҷониби давлат додани имтиёзҳо барои пардохти об ба категорияҳои алоҳидаи истифодабарандагони об истифода мешавад. Низом ва андозаи пардохт барои истифодабарии объектҳои об бояд хароҷоти татбиқи тадбирҳои барқароркунии устувори захираҳои обро пӯшонад» [87].

Айни замон, таъминоти оби нӯшокӣ дар асоси татбиқ намудани технологияи муосир, инчунин, истеҳсоли нерӯи барқ ва низомҳои нави истифодаи захираҳои об дар соҳаҳои саноату хоҷагидорӣ вазифаи муҳим

ва асосӣ ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки принсипи ҳавзаи идоракунии равандҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои об эҷоди технологияҳои нав ва низомҳои истифодаи об ва ба назар гирифтани равандҳои табиии ташаккули захираҳои обро дар ягонагии равандҳои технологии истифодаи он талаб мекунад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Бондаренко В. Л., Приваленко В. В., Саратикян Г. А. ва Лещенко А. В. «имконияти ба роҳ мондани чунин равандҳои истифодаи самараноки оби кишварҳои минтақа дар ҳолате ба амал меояд, ки дар раванди ташкили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, ягонагии равандҳои сунъии захираҳои об ва равандҳои табиии ташаккули захираҳои об, ки дар ниҳояти кор қонуниятҳои ташаккули объектҳои обро муайян мекунанд, ба назар гирифта мешавад. Ташкили ҷамъоварии об аз манбаъ, барорабии об ба истеъмолкунандаи об, нақшаи технологии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таҷҳизоти обпошӣ дар замини обӣ ва ғ. равандҳо ва ё унсурҳои раванди технологии истифодаи обро ташкил медиҳанд. Ягонагии равандҳои табиии ташаккули захираҳои об бо равандҳои техногении истифодаи об ба принсипҳои «ягонагии система» ва «қобилияти экологӣ» асос ёфтааст [88].

Мавриди зикр аст, ки ташкили ҳамкории минтақавӣ ба воситаи якпорчагӣ дар асоси принсипи «ягонагии низом»-и табиӣ-техногении низомҳое, ки дар минтақа амал мекунанд, муайян карда мешавад. Ин якпорчагӣ дорои сохтори низоми дохилии худ, унсурҳои ҳамкорӣ ва алоқамандии мутақобила (иншоот,низомҳо) мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳои мақсадноки истифодаи захираҳои оби минтақа заруранд. Бо дарназардошти ин, мо шаклҳои ташкилии ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахшро дар расми 3.1 пешниҳод намудаем:




**Расми 3.1 Шаклҳои ташкилии ҳамкории судманди тарафайн ва заминаҳои косептуалӣ дар соҳаи об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [88].

Аз маълумоти дар расм пешниҳодгардида маълум мегардад, ки барои ташкили самараноки ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахш дар байни кишварҳои минтақа шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, ҷалб намудани захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ, техника ва технологияи пешқадам бо мақсади таъмини муҳофизат ва истифодаи оқилонаи об яке аз муҳимтарини онҳо ба шумор меравад.

Ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, ки ба «ягонагии низом» замина ёфтааст, аз самтҳои ҳамкории зерин иборат мебошад:

А) самти техникӣ:

- ❖ оид ба барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи мелиоратсия ва хоҷагии об таҳия ва татбиқи барномаи тадбирҳои афзалиятнок, миёнамуҳлат ва дарозмуддат;

- мукаммалгардонии техника ва технологияи обпошӣ, баланд бардоштани самаранокии низомҳои обёрии дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагӣ;
- татбиқи реҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- барӯйхатгирии вазъи техникии зерсохтори обёрӣ, аз ҷумла ташкил кардани ҳолатҳои таъмиру барқарорсозии истгоҳҳои обкашӣ;
- ҷиҳозонидани низомҳои обёрӣ бо асбобҳои обченкунӣ [53].

Б) самти экологӣ:

- рафъи офатҳои табиӣ ва пешгирӣ намудани он, инчунин, батадриҷ ҳал намудани масъалаҳои хисороти об;
- татбиқи барномаҳои амалкунанда дар самти беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои минтақа;
- дар доираи мунтазами барномаҳои давлатии экологӣ ба таври комплексӣ ҳал намудани масъалаҳои ҳифзи захираҳои об;
- амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳо оид ба пешгӯйии ҳаракатҳои фалокатовари пиряххо дар асоси тадқиқоти мақсадноки глятсиологӣ [113].

Б) Техникӣ:

- таҳия ва татбиқи барномаи тадбирҳои афзалиятнок, миёнамуҳлат ва дарозмуддат оид ба барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи мелиоратсия ва хоҷагии об;
- баланд бардоштани самаранокии низомҳои обёрии байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ, такмили техника ва технологияи обпошӣ, ба нақшагирии заминҳои асосӣ ва ҷорӣ ва азнавсозии комплексии заминҳои обӣ дар асоси барномаҳои дарозмуддат;
- истифодаи оқилонаи об бо роҳи такмили ноҳиябандии заминҳои агроландшафтӣ, мелиоративӣ ва гидромодулярӣ;
- барӯйхатгирии вазъи техникии инфрасохтори обёрӣ;

- ❖ таҷҳизонидани низомҳои обёрӣ бо асбобҳои обченкунӣ ва таъмини ҳисоби қатъии об бо мақсади ҷорӣ намудани меъёри истифодаи об дар хоҷагиҳо [113].

Дар натиҷа, тибқи ақидаи Петров Г.Н. ва Ахмедов Х. М. имкониятҳои зерин ба миён меоянд:

- танзими захираҳои об ва таъсиси низоми муосири идоракунӣ ба роҳ монда мешавад;

- барои рушди зерсохтори об ва ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои байнидавлатии танзим ва ҳифзи об маблағгузории устувор таъмин карда мешавад;

- такмили муносибати маҷмуӣ ба идоракунии захираҳои об;

- ифлосшавии об ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштараки истифодаи экологии захираҳои об пешгирӣ карда мешавад;

- қабули қарорҳо ва таҳияи банақшагирӣ бо мақсади устувории идоракунии захираҳои табиӣ бо назардошти арзёбии робитаҳои низомҳои обӣ, озуқаворӣ, барқӣ ва муҳити зист;

- амалӣ намудани истифодаи технологияи муосири сарфаи об ва усулҳои нави обёрӣ;

- тақвият бахшидан ба раванди ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» тавассути истеҳсол ва рушди энаргияи «сабз» ;

- омода намудани категорияҳои гуногуни мутахассисон, махсусан, ҷавонон дар соҳаи захираҳои об [77].

Дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об имкониятҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди устувори кишварҳои минтақа васеъ мегарданд. Вобаста ба ин, дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ҳамкории ҷомеаи илмӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар мавзуи мазкур назаррас шуморида мешавад.

Ҳамкории минтақавии соҳаи об дар асоси ба назар гирифтани ягонагии равандҳои техногении истифодаи захираҳои об ва равандҳои

ташаккули табиии захираҳои об имкон медиҳад, ки масъалаҳои обӣ дар ҷанбаҳои зерин ҳал карда шаванд:

**Ҷадвали 3.1 Ҷанбаҳои ҳалли масъалаҳои обӣ ва ташаккули табиии захираҳои об**

| Ҷанбаҳо | Шарҳ |
|---|---|
| **Сиёсӣ** | -пешгирии низоъҳо, ҳалли осоиштаи масъалаҳои баҳсбарангези ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об;<br>-ташкил намудани қарордоҳои тарафайн оид ба нигоҳдошти вазъи сиёсӣ ҳангоми истифодаи оқилонаи об. |
| **Иқтисодӣ** | -истифодаи мутақобилан судманди захираҳои об дар ҳавзаҳои фаромарзӣ ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоию иқтисодии истифодаи об;<br>-коҳиш додани талафот ҳангоми обёрӣ намудани заминҳо дар кишварҳои минтақа бо мақсади баланд бардоштани даромаднокии иқтисодии захираҳои об. |
| **Экологӣ** | -нигоҳдории иқтидори захиравӣ ва таъмини устувории экологии низомҳои обии ҳавзаҳои фаромарзӣ.<br>-ба инобат гирифтани вазъи экологии давлатҳои минтақа. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Истифодаи самараноки захираҳои обии минтақавӣ баланд бардоштани сатҳи дониш ҷиҳати ҳолат ва шакли динамикаи захираҳои обии минтақа дар шароити тағйирёбии иқлим, дар асоси таҷдиди низоми мониторинг, таҳияи технологияҳои нав, усулҳо ва моделҳои ҳисобу китоби гидрологӣ ва пешгӯйиҳоро талаб мекунад. Ин тадбирҳо дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об имконпазиранд. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об таҳия ва татбиқи технологияҳои геоинформатсионӣ ва усулҳои моделсозии мувофиқатию такрорёбанда фаъолият ва рушди комплексҳои хоҷагии обро дар минтақа ҳамчун воситаи муассири тадқиқоти илмӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва идоракунии фаврии захираҳои обиро талаб мекунад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки таъмини қабули чораҳои муассир оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои манфӣ, таҳияи усулҳои арзёбӣ ва пешгӯйии ҳодисаҳои фавқулодаи гидрологӣ, захираҳои сармоягузориро тақозо менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории

дорои аҳаммияти минтақавӣ дар доираи ҳамкории мамлакатҳои минтақа нақши муҳим дорад.

Дар замони имрӯза консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки ҳамкории минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад. Ҷанбаи муҳимми фаъолияти муосири КБҲХО кӯшишҳо бо мақсади таҳкими эътимод ва рушди платформаи ҳамкории ташкилотҳои хоҷагии об ва доираи васеи субъектҳои марбут ба истифодаи захираҳои об мебошад. Низоми иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ, дастгоҳи ҳуқуқии таъмини ҳамкорӣ дар соҳаи хоҷагидории об ва фаъолияти гурӯҳҳои кории КБҲХО оид ба мушаххаскунонии қоидаҳои танзим ва истифодаи захираҳо чӣ дар ҳавзаи Сирдарё ва чӣ дар Амударё идома дорад, такмил дода шуд [88].

Муҳим он аст, ки ҳамаи ин самтҳо на танҳо дар шакли таҳияи мизи корӣ, балки дар муҳокимаҳои васеъ ҳангоми конфронсҳои илмӣ ва нашри мунтазам сурат мегиранд. Онҳо заминаи ҳамоҳангсозии амалҳои байни КБҲХО ва ташкилоти донорӣ мегарданд.

Ҳамоҳангсозии чорабиниҳо дар комплекси хоҷагидории об ва ҳамкории байни марказҳо ва субъектҳои онҳо пурзӯр мегардад. Истифодабарандагони об низ дар раванди идоракунии об фаъолона иштирок мекунанд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки маблағҳо барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини хоҷагии об мутамарказ карда шуда, сиёсати ягонаи техникӣ дар самти танзими иншооти гидротехникӣ ва бехатарии объектҳои обӣ татбиқ карда шаванд.

Ба андешаи олими ватанӣ Одинаев Ҳ. А. дар шароити муосир муҳимтарин шартҳои татбиқи ҳамкориҳои воқеан фаврии минтақавии обӣ механизмҳои танзими истифодаи об, дар асоси ба инобат гирифтани принсипҳои низоми муназзамӣ такмил додан ва ҳамоҳангсозии қонунгузории об мебошанд, ки асоси он дар чорабиниҳои зерин пешниҳод гардидаанд:

- ❖ муайян намудани дурнамои нави рушди хоҷагии об барои дурнамои дарозмуддат;
- ❖ таҳияи тадбирҳо оид ба такмили механизмҳои низоми идоракунии истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ дар доираи ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об;
- ❖ такмили кори комплексҳои минтақавии хоҷагидории об ва татбиқи онҳо;
- ❖ баланд бардоштани самаранокии механизми иқтисодии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва ғайра [130].

Мавриди зикр аст, ки дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ бояд тибқи принсипҳои зерини консептуалии Дублин, ки соли 1992 қабул гардидаанд, ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об, роҳандозӣ карда шаванд:

- ❖ принсипи институтсионалӣ, ки барои ҷорӣ намудани идоракунии муштараки об тағйироти институтсионалиро талаб менамояд;
- ❖ принсипи экологӣ, ки ба беҳтар намудани вазъи экологӣ дар минтақа ҳангоми идоракунии захираҳои об мусоидат менамояд;
- ❖ принсипи инструменталӣ ин ҳангоми истифодаи об дар обёрӣ намудани заминҳо идоракунии обро ҳамчун захираи иқтисодӣ талаб менамояд [130].

Таърихан, ҷамоатҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ обро барои обёрӣ ва истифодаи хоҷагӣ якҷоя истифода мекарданд ва дар ҳолати зарурӣ онро ба таври навбатӣ равона мекарданд. Дар баробари ин, ягон қоида ва қонунҳои расмӣ вуҷуд надоштанд. Баробари интенсификатсияи истифодаи об барои таъмин намудани комплексҳои калони ирригатсионӣ, ки аз ибтидои солҳои шастум то миёнаи солҳои ҳаштод ба вуҷуд омадаанд, базаи захираҳои об аз ҷиҳати сифат ва ҳаҷми худ тағйир ёфт. Аммо дар шароити назорати мутамарказ ва вобастагии байни давлатҳо норасоии об ҳанӯз мушкили калон набуд. Рақобат барои коҳиши захираҳо пас аз ба даст овардани истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ

оғоз шуд, ки онҳо ба зарурати хусусигардонӣ дучор шуданд ва об ба як моли иқтисодӣ - бозоргир, фурӯхташаванда, фоидаовар ва истисморшаванда, табдил ёфт, ки нарх ва тақсимоти он ба як масъалаи интихоб ва баҳси сиёсӣ табдил ёфт. Дар солҳои 1990-ум, дар кишваршҳои минтақаи Осиёи Марказӣ идоракунии об низ тағйир ёфт, зеро онҳо ба татбиқи ислоҳот шуруъ намуданд ки қабл аз ҳама, ба сохтори институтсионалии онҳо дар бахши об таъсири худро расониданд. Сохторҳои институтсионалӣ на танҳо мақомоти давлатӣ ташкилотҳо ва шахсони алоҳидае мебошанд, ки ба идоракунии захираҳои об машғуланд, балки санадҳои ҳуқуқии онҳо (қонунҳо, қоидаҳо, дастурҳо, созишномаҳои хаттӣ ва ғ.), тартиби расмии ҳамкории онҳо ва, инчунин, механизмҳои ғайрирасмӣ (анъанаҳо, урфу одатҳои динӣ, этникӣ ва ҷомеа) низ ба ҳисоб меравад, зеро онҳо ба раванди идоракунии захираҳои об ҳамаҷониба таъсир мерасонанд. Қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, қабл аз ҳама, тағйироти хусусияти ташкилӣ ва истифодабарии иншооти обёришаванда, идоракунии об дар сатҳи хоҷагидории дохилӣ ва ё дар маҷмуъ, ҳардуро фарогир мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки равишҳои анъанавии қабули қарорҳои идоракуниро принсипи бонизоми ҳамкории минтақавӣ рад мекунад ва зарурати ба назар гирифтани омилҳои берунаи муосир, ки таъсири худро ба объекти идоракунӣ (низомҳои обӣ) мерасонанд, аз ҷумла ҷаҳонишавии бозор, истифодаи имкониятҳои иқтисоди виртуалӣ, тағйирёбии хусусияти иқтисодии муносибатҳои бозорӣ ва ғ. пеш меояд.

Дар ин бобат Герасенко В. П. қайд менамояд, ки «..консепсияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар доираи соҳаи об такмил дода мешавад, ки омилҳои беруниро пурра ба инобат гирифта, дар заминаи равиши муносибсозӣ ба ягонагии муназзамии вазифаҳои идоракунӣ дар сатҳи уфуқӣ ва амудии қабули қарорҳо, нишондоди рушди мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунӣ асос ёфтааст. Дар низоми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ба мониторинги устуворӣ ва

серҳаракатии мушаххасоти рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши афзалиятнок дода мешавад»[96]. Мушкилоти гуногуни иқтисодию иҷтимоиии давлатҳои ҳамҷавори минтақа дар таҳияи консепсияи идоракунии ҳамкории минтақавӣ бо таъсири хусусиятҳои зерини асосӣ дар сатҳи маҳал муайян карда мешавад: - дур будан аз маркази вилоят ва ноҳияҳо дараҷаи рушди инфрасохтори вилоят; - хусусиятҳои иқлимӣ ва табиии кишварҳои минтақа;- иқтидори захиравӣ (конҳои канданиҳои фоиданок, захираҳои об ва ҷангалзор, зичии аҳолӣ ва ғ.), ҳолати экологии минтақа ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки дар ҳалли мушкилоти идоракунии рушди устувори минтақа истифодаи усули бонизом ба мо имкон медиҳад, ки оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об роҳҳои ҳалли муносибатҳои мутақобилаи соҳавӣ, ҳудудӣ ва хоҷагидории онҳоро коркард ва таҳия намоем.

**Ҷадвали 3.2 Муносибати мутақобилаи равишҳои ҳудудӣ, соҳавӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои об дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об**

| Аломатҳо | Идораи ҳудудӣ (кишварҳои минтақа, ноҳия) | Идораи соҳавӣ (соҳа, шуъба) | Идораи иқтисодӣ (субъекти тиҷоратӣ: корхона, муассиса) |
|---|---|---|---|
| Асоси ҷомеа | Ягонагии ҳудудӣ, шароити табиӣ, захираҳои маҳаллӣ, инфрасохтор, шароити зиндагонии аҳолӣ | Ягонагии техника ва технология, кадрҳои касбӣ, низоми идоракунӣ, мушкилиҳои истеҳсолӣ, дурнамои рушд | Истиқлолияти иқтисодӣ, ки дар асоси оинномаи худ ва тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ амал мекунад |
| Нақши асосӣ дар иқтисодиёти миллӣ | Татбиқ дар ҳудуди сиёсати байнидавлатӣ худ | Таъмини иқтисодиёти миллӣ ва содироти молҳо, истифодаи захираҳои об | Таъмини иқтисодиёти миллӣ ва содироти молҳо дар асоси истифодаи захираҳои об, пардохтҳои андоз ба буҷети давлатӣ, иштирок дар рушди инфрасохтор |
| Самти асосии тараққиёт | Вусъатёбии худидоракунӣ, таъмини онҳо бо кори даромаднок, мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ. | Идоракунии сиёсати техникии соҳавӣ, ки ба афзоиши даромаднокии корхонаҳо мусоидат мекунад | Таъмини фаъолияти даромадноки корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва сохторҳои соҳибкорӣ, аз ифроиши сатҳи зарурии кору хизматрасониҳо аз ҷониби муассисаҳо |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси маводи тартибдодашудаи муаллифони адабиёти [135].

Бояд тазаккур дод, ки Консепсияи наве, ки ба мукаммалгардонии механизмҳои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об тааллуқ дорад, ҷанбаҳои зеринро талаб менамояд:

- «бо мақсади пайгирии пайвастаи динамикаи тағйирёбии параметрҳои шароити дохилӣ ва берунии ҳамкории минтақавӣ ташкил намудани мониторинг;
- такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки ҷиҳати татбиқи самаранокии баландтарини иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти ҳамаи параметрҳои минтақавии рушди онҳо, дар замон ва фазо, имконият фароҳам месозад;
- беҳсозии робитаи мутақобилаи байни муносибатҳои ҳудудию соҳавӣ ва иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии об» [66].

Вобаста ба ин, вазъи имрӯзаи муҳити иҷтимоию иқтисодии хориҷӣ ва дохилӣ ҷиҳати имконияти васеъкунонии механизми ҳамкорӣ дар соҳаи обро тақозо менамояд. Умуман, айни замон яке аз нуктаҳои муҳимми фаъолсозии ҳамкориҳо дар соҳаи об ин масъалаи ба ҳам пайвастани механизмҳои соҳавӣ, ҳудудӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Сабаби объективии ба кор андохтани ин механизмҳо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки дар се шакл: ҳудудӣ, соҳавӣ ва иқтисодӣ (дар сатҳи субъектҳои соҳибкорӣ) зуҳуроти худро меёбад. Ин механизмҳо дар ягонагии диалектикӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, ҳар як объекти идоракунии минтақавӣ ба як қаламрави мушаххас ва соҳаи мушаххас «истинод»-и фазоӣ дорад [135].

Хусусияти ҳудудии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат зарурати ба давлатҳои алоҳида ва соҳаҳои махсусгардонидашуда вобаста кардани субъектҳои хоҷагиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ҳар як фаъолияти меҳнатӣ дар ҳар як қаламрав дорои ихтисоси худ ва самти дахлдори соҳавӣ мебошад. Вобаста ба якҷоягии механизмҳои ҳудудӣ, соҳавӣ ва иқтисодӣ, дар доираи ҳамкории соҳаи об ба дараҷаи якум, дуюм ва сеюм ҷудо

намудани ин равишҳо нодуруст мебошад. Дар ин равиш, истифодаи истилоҳҳои «ҳамоҳангсозии манфиатҳо», «тобеият», «вобастагии мутақобила», «робитаи мутақобила», «фаъолияти мутақобила» қобили қабул аст. Ба монанди ҳама гуна ашё ва ҳодисаҳое, ки дар ягонагии диалектикӣ, ҳудудию соҳавӣ ва иқтисодӣ қарор доранд, механизм дар низоми ҳамкории соҳаи об, аз як тараф, ба ҳамдигар вобаста ва алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, дар байни онҳо ихтилофҳои муайян мавҷуданд. Ягонагии диалектикии ин механизмҳо ва синхронизатсияи инкишофи онҳо аҳаммият ва мураккабии пайвастагии мутаносиби ин равишҳоро дар доираи ҳамкории об муайян месозад. Аҳаммияти ин масъаларо барои мамлакатҳои минтақа омилҳои асосии зерин: мавҷудияти сохтори хеле тараққикардаи истеҳсолоти гуногунсоҳа, ҷойгиршавии шумораи зиёди субъектҳои нисбатан мустақили маъмурию ҳудудӣ, зарурати ҳалли мушкилоти назарраси ба ҳам алоқаманди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар чаҳорчӯби иқтисоди минтақа такмили механизмҳои ҳамкориҳои обӣ, ба назари мо, василаи муҳиммест, ки ихтилофоти мавҷударо миёни давлатҳои минтақа дар мавриди истифодаи самараноки захираҳои об аз байн мебарад.

Бояд тазаккур дод, ки дар оянда мушкилоти ҷиддии минтақавии обӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об дар асоси консепсияи якпорчагии низомӣ чораҳои вокунишро барои пешгирии оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ, башардӯстона ва сиёсӣ талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, ба назари мо, дар чаҳорчӯби ҳамкориҳо дар соҳаи об тадбирҳои зеринро бояд дар авлавият қарор дод:

1. Баҳодиҳии объективии коршиносии камбудии обу барқ ва оқибатҳои он барои Осиёи Марказӣ. Муассисаҳои байналмилалие, ки қобилияти гузаронидани чунин арзёбӣ доранд (СММ, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд ва ғ.). Бояд арзёбии мазкурро дар асоси афзалиятҳои бештар дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳои минтақа ва созмонҳои минтақавии марбут ба масъалаҳои захираҳои об ташкил кунанд.

2. Дар асоси натиҷаи чунин арзёбӣ ҳукуматҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ барои беҳбудии вазъ тадбирҳои заруриро ба нақша гирифтаанд, ки метавонанд дар сатҳи баланд ва устувор амалӣ шаванд.

3. СММ, ниҳодҳои байналмилалии молӣ ва шарикони дуҷонибаи байналмилалӣ, ки дар минтақа (Осиёи Марказӣ) фаъолият мекунанд, бояд аз механизмҳои дипломатии мавҷуда истифода баранд, то аз ташаннуҷи эҳтимолии муносибатҳои байнидавлатии обӣ ва аз хуруҷи зиддиятҳои мавҷуда ба мунокишаи ошкоро пешгирӣ кунанд. Бо ин мақсад, ба андешаи мо механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об бояд такмил дода шаванд.

Такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об инҳоро дар бар мегирад (расми 3.2)




**Расми 3.2 – Такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [120].

Илова бар ин дар партави тағйирёбандаи шароити иқлим, ҳам аз рӯйи таъсири тағйирёбии давраҳои иқлим ба таъмини об ва ҳам аз рӯйи таъсири эҳтимолии гармшавии глобалӣ ба захираҳои обию энергетикии Осиёи Марказӣ бояд дурнамои дарозмуддат дар соҳаи об ва тавозуни энергетикӣ дар минтақа таҳия гардад.

Истифодаи оқилонаи об, татбиқи технологияи сарфаи обёрии зироатҳои хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ, таъсиси навъҳои ҷадид ва маҳдудияти ҳадди ақаллӣ истеъмоли об аз ҷониби аҳолӣ масъалаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳамин тариқ, барои обёрии 1 гектар замини корам 7-10 ҳазор $м^3$ кифоя аст, аммо дар бисёре аз минтақаҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ бошад, барои обёрӣ 2-3 баробар зиёд об сарф карда мешавад. Низоми обёриро нав кардан лозим аст, зеро бештар аз 95 фоизи каналҳо рӯйпӯши сунъӣ надоранд.

Ҳамчунин, дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ баланд бардоштани самаранокии истифодаи оқилонаи захираҳои об, татбиқи барномаҳои миллӣ ва ба даст овардани созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷониба, инчунин, таҳияи лоиҳаҳои муштарак оид ба истифодаи самараноки захираҳои об низ мувофиқ ба назар мерасад. Маҳз созиш дар заминаи манфиати мутақобила ҷиҳати коркарди механизми тақсимоти кофии захираҳои об ва пайдоиши манбаъҳои алтернативӣ имконият фароҳам меорад.

### 3.2. Баланд бардоштани нақши ҳамкории минтақавии соҳаи об дар низоми истифодабарии захираҳои оби кишварҳои Осиёи Марказӣ

Дар айни замон, низоми муқарраршудаи идораи автономии давлатии иқтисодиёти обӣ, ки ба тақсимоти маъмурию ҳудудии субйектҳо асос ёфтааст, ба мазмуни низоми минтақавии хоҷагӣ дар соҳаи об ҳамчун объекти таркибии идоракунӣ мувофиқат карда наметавонад. Имрӯз ҳар як субъекти минтақа манофеъ ва мақсадҳои идоракунии худро амалӣ менамояд, ки ин дар паст будани самаранокии унсурҳои он ифода меёбад.

Аз ин рӯ, бар ин назар аст, ки мушкили асосии захираҳои об дар як кишвар нест ва масъала на дар миқдораш, балки дар идораи захираҳои бузурги обии минтақа мебошад. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об ҳамзамон ҳамчун механизми такмили идоракунии захираҳои обии минтақавӣ амал мекунад.

Зеро дар доираи ҳамкориҳо ҳаҷми зарурии об бо сифати қобили қабул ба ҷойи зарурӣ ва дар вақти зарурӣ бо истифодаи муташаккилона аз захираҳои технологӣ ва дигар захираҳои пешниҳод ва пардохти хизматрасонии обӣ таъмин карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар доираи ҳамкориҳои мутақобила таъмини ҳаҷми лозимаи об бо дарназардошти тамоми сарчашмаҳои имконпазири об, истифодаи оқилонаи захираҳои об, ба ҳам пайвастани манфиатҳои минтақа, инчунин, ба бехатарии экологӣ мусоидат менамояд, амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки механизмҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи об дар ду сегмент (блокҳо) ва ё амалҳои беруна ва дохила кор мекунанд. Дар аввал механизмҳои ҳамкории ҳам байналмилалӣ ва ҳам макроиқтисодӣ, бахши дуюм бошад, маҷмуи механизмҳоеро дар бар мегирад, ки бевосита ба такрористеҳсолӣ ва истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ алоқаманданд. Ҳамин тариқ, кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки механизмҳо ва принсипҳои ҳамкории аз ҷониби мақомоти СММ оид ба захираҳои байналмилалии об таҳияшуда, ба воқеияти минтақаи Осиёи Марказӣ мутобиқ карда шавад.

Дар байни таҷҳизоти танзимкунанда дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳо дар соҳаи захираҳои оби минтақа, аз қабили кумаки техникӣ ва донорҳо, тавофуқ вуҷуд дорад, ки консепсияи идоракунии об дар сатҳи ҳавза беҳтарин равиш мебошад. Зеро он ҷиҳати мубориза барои афзоиши аҳолӣ ва талаботи озуқаворӣ бо истифода аз тамоми захираҳои об ва манбаъҳои мавҷуда, ки аз ҷиҳати сифати об қобили қабуланд, инчунин, барои нигоҳдошти экосистемаи ҳаётан муҳим, имконият фароҳам меорад. Консепсияи ташкили ҳамкориҳои минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи системаи

муттаҳидшуда барои ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқат дар банақшагирӣ, рушд ва истифодаи тамоми захираҳои оби минтақа ангезаҳо эҷод мекунад. Принсипи асосии консепсия истифодаи сиёсати минтақавии об мебошад, ки дар доираи меъёрҳо ва қоидаҳои таҳияшуда тавассути сохтори ташкилии мувофиқашуда татбиқ мегардад. Ин равиш, инчунин, истифодаи равандеро дар бар мегирад, ки ба иштироки тамоми кишварҳо ва минтақаҳо (иштирокчиёни корбарон) дар банақшагирии захираҳои мавҷудаи обӣ асос ёфтааст.

Дар доираи ҳамкориҳои обӣ тағйироти тадриҷии институтсионалӣ дар якҷоягӣ бо навовариҳои техникӣ ба амал меоянд. Нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар дохили ҳар як кишвар ва берун аз он тағйироти асосии институтсионалии пешбинишуда ислоҳот дар тақсимот ва танзими обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, заминаҳои ҳуқуқии ҳамроҳ, инчунин, таъсиси низоми ҳуқуқии обии амалкунандаи одилона ва чандир, барои ҳама манбаъҳои обӣ мебошанд. Табиист, ки истифодаи тамоми манбаи об ба сохтори ташкилию меъёрию ҳуқуқӣ талаботи иловагиро талаб мекунад[145].

Татбиқи консепсия ва принсипҳои ҳамкории минтақавӣ ислоҳоти афзоянда, аз ҷумла таъсиси созмонҳои нав ва мутобиқсозии сохторҳои кӯҳна, инчунин, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба рушди ҳамкориҳои соҳаи захираҳои об то ба ҳавзаи дарёҳоро талаб мекунад. Дар умум, бояд ба баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои об дар тамоми зерсоҳаҳои обии минтақа, аз ҷумла обёрӣ, таъмини оби нӯшокӣ, гидроэнергетика, моҳидорӣ ва ғ. ҳамкории судманди соҳаи об дар сатҳи ҳавза равона карда шавад. Таъсиси механизми самараноки ҳамкории минтақавӣ метавонад тақсимот ва истифодаи одилонаю самараноки захираҳои обиро таъмин намояд. Сохтори оқилонаи ташкили ҳамкориҳои минтақавии об имкон медиҳад, ки ба низом ҳам дар сатҳи боло ва ҳам дар поён таъсир расонад. Мусаллам аст, ки дигаргуниҳо дар сатҳи боло, асосан, танзим ва навсозии функсияҳои идоракунии системаҳои

ирригатсионӣ ва заҳкаш, ҷанбаҳои маъмурӣ, инчунин заминаи меъёрию ҳуқуқиро фарогир мебошад, масалан, иваз кардани расмиёти шаффофтар ва баъзе расмиёти мавҷуда дар сатҳи минтақа. Дар сатҳи поёнӣ ба характери кори низом, ки бевосита ба комёбӣ барои сарфакоронаю самаранок истифода бурдани иншооти ирригатсионию заҳбурҳо, инчунин, мубориза и зидди обхезӣ дахл дорад, таъсир мерасонад. Ин тағйирот, инчунин, иштироки истифодабарандагони об ва ҷонибҳои манфиатдорро дар фаъолият ва идоракунии низомҳо ҷорӣ мекунад.

Инчунин, бояд гуфт, ки истифодаи обро тавассути низоми муқарраршудаи меъёрҳои тақсимоти об хубтар ба нақша гирифтан ва бодиққат назорат кардан мумкин аст ва дар ин ҳолат истифодаи низомҳои иттилоотӣ метавонад самараноктар гардида, дар якҷоягӣ барои ҳамоҳангсозии ҳамаи манбаъҳои об ва кам кардани падидаҳои номатлуб, аз ҷумла шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ шароит фароҳам оварад.

Бо дарназардошти талаботи афзоянда ба ҷустуҷӯи нақшаҳои бештар самаранок ва босуботи идоракунии захираҳои об, ҳалли афзалиятноки мушкилоти мавҷудбуда дар бахши обии кишвар «бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015 таҳти № 791 «Барномаи ислоҳоти бахши оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» бо мақсади ислоҳот бахшидан дар соҳаи оби мамлакат қабул шуд. Ҳадафҳои асосии ислоҳоти соҳаи об, пеш аз ҳама, таъмини кафолатноки ҳамаи истеъмолкунандагони об ва ноил гардидан ба низоми аз лиҳози иқтисодӣ самаранок ва аз лиҳози экологӣ устувори истифодаи захираҳои об ба шумор меравад» [125].

Инчунин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» зикр гардидааст, ки кишвар «... дар давраи ибтидоии гузариш ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об қарор дорад»[6].

Бояд қайд намуд, ки такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ба пешгирии буҳрони об, ки кишварҳои минтақаи Осиёи

Марказӣ дучор меоянд, нигаронида шудааст. Мушкилоти асосии ташкили ҳамкориҳои минтақавии об дар Осиёи Марказӣ хусусияти институтсионалӣ доранд.

Аз ин лиҳоз, барои такони татбиқи консепсияи ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар асоси якпорчагии системавӣ зарур аст, ки лоиҳаи муштарак оид ба масъалаҳои ташкилӣ таъсис дода шавад, ки он дар самти татбиқи принсипҳои нави ҳамкорӣ як қадам хоҳад буд. Ба таври мисол, водии Фарғона, ки се давлат — Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро дарбар мегирад, лоиҳаи махсус тартиб додан мумкин аст. Лоиҳа пайваста тағйироти институтсионалиро дар ҳудуди гидрографии «гидромодулҳо» бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва истифодабарандагон дар ин раванд ҷорӣ хоҳад кард. Бо ҷалби корбарон, натиҷаи ниҳоии ин раванди хеле тулонӣ, қаноатбахш мегардад [135].

Лоиҳаи мазкур бо ибораи мушаххас бо мақсади кам кардани талафоти об, баланд бардоштани ҳосилнокии он ва ба вуҷуд овардани механизми нави истифодаи об дар доираи ҳар як хоҷагии минтақа пешбинӣ шудааст. Вале вазифаи аввалиндараҷа ҷорӣ намудани механизми нави истифодаи об дар сатҳҳои гуногун дар асоси принципи гидроагрегат мебошад. Масалан, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) сатҳи истифодабарандагони ниҳоӣ мебошанд. АИО идораи низомҳои обёришавандаро дар минтақаҳое, ки пештар ба колхозҳои калон тааллуқ доштанд, ба зиммаи худ гирифта, барои аз канали магистралӣ кашидани об, ба нақша гирифтани истеҳсоли зироат ва эҳтиёҷоти об, инчунин, дар баробари заминҳои дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа масъул ҳисобида мешаванд. АИО воҳидҳои худмаблағгузор буда, барои обтаъминкунӣ, хизматрасонӣ ва обрасонӣ аз деҳқонон маблағ ҷамъоварӣ мекунанд ва маъмурияти идоракунии об ва идоракунии молиявии худро ба уҳда мегиранд. «Ташкилоти канали хоҷагидории об», ки як зина боло аст, барои идоракунии об дар қад-қади каналҳои магистралӣ байни иншооти обгиранда ва нуктаҳои хоҷагӣ

масъул хоҳад буд. Дар он ҷое, ки имконият ва дар он ҷое, ки аз ҷиҳати техникӣ имконпазир бошад, масъулият ба дигар вилоятҳою минтақаҳо дода мешавад. Таҷриба ва заминаи меъёрии таъсис ва фаъолияти АИО дар Қирғизистон мавҷуд аст. Дар давлатҳои дигар вазъият фарқ мекунад, дар он ҷиҳати дастгирии кофӣ бо мақсади ташкил, рушд ва фаъолияти АИО дар сатҳи давлатӣ ба аъзои онҳо имкони деҳқони мустақил шуданро фароҳам месозад. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле босуръат пеш меравад. Дар Ӯзбекистон ҳанӯз дар тамоми мамлакат ислоҳоти замин ба таври куллӣ ба амал бароварда нашудааст. Зимнан зикр гардид, ки ҳарчанд хадамоти машваратӣ оид ба идоракунии захираҳои об ва тиҷорати аграрӣ, инчунин, интиқоли донишҳои кишоварзӣ ба барномаи лоиҳаҳои аз хориҷ маблағгузоришаванда шомил шудаанд, вале дар бисёре аз лоиҳаҳо воқеан чунин дастгирӣ таъмин нестанд.

Барои дарёфти роҳҳои такмили ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об бояд аз маҳорати таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода кард. Дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳуқуқи инсон ба дастрасии озоди обӣ дар як қатор асноди СММ ва дигар созишномаҳои муҳимми байналмилалӣ муқаррар шудааст.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо истифода аз нақшаи тағйирпазир чунин фаъолият мекунанд:

а) «шартномаҳои имтиёзнок, ки тибқи онҳо барои фаъолияти сармоягузорӣ бахшҳои хусусӣ низ масъуланд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ба шартномаҳои имтиёзнок, асосан, шартномаҳои соҳаи таъминоти об, иҷора ва бахши канализатсияро дар бар мегиранд. Низоми зикргардида аз ҷиҳати иқтисодиёт манфиатовар буда, он ба муҳлати 20-50 сол ва дар баъзе мавридҳо то 75 сол ҳамчун шартномаҳои дарозмуддат пешбинӣ гардидааст. Чунин низом дар Олмон имконнопазирии иқтисодиро нишон дод.

б) шартномаҳои иҷора, ки мақомоти маҳаллӣ барои сармоягузорӣ ба рушди ин низомҳо ва ширкатҳои хусусӣ бошанд, мутобиқи талаботи

онҳо барои ҳолати шабакаҳои обтаъминкунию канализатсия масъул ҳисобида мешаванд »[135].

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло мо метавонем модели институтсионалии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ва ташкили саноати «хоҷагии об»-ро дар минтақа пешниҳод намоем. Хусусияти асосии ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи муҳити об дар он аст, ки мо доираи як объект, яъне «фонди об» ё «хоҷагии об»-и минтақаро арзёбӣ менамоем. Ин мушаххасот ва ё сатҳи вазифавии ҳамкориро чунин баён намудан мумкин аст:

- раванди идоракунии маъмурию давлатӣ;
- ташаккул додани идоракунии бонизом;
- идоракунии назоратию бозҷӯйӣ.

Бояд зикр намуд, ки мақоми ваколатдори ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об идоракунии маъмурии давлатиро бо вазифаҳои ба он хос татбиқ менамояд. Идоракунии ташаккули бонизом ин чунин фаъолият ба шумор меравад:

а) ташкил намудани сохторҳои мушаххас, объектҳо, маҳсулот, хизматрасонӣ, фондҳо ва ғайра, ки маҷмуи онҳо барои ноил шудан ба мақсади мушаххаси кишварҳои минтақа пешбинӣ шудааст;

б) таъмини ҳаракати мақсадноки ҷараёнҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ [15].

Тавре ки дар адабиёти соҳавӣ қайд гардидааст: «Идоракунии хоҷагии об бояд дар тамоми зинаҳои идоракунӣ мувофиқи қарорҳои "Нақшаҳои рушди устувори фонди об" ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, таснифоти ҳифзи об ва захираҳои об бояд аз рӯйи объектҳои муҳимтарини гидрогеологию гидрологӣ ва экологӣ роҳандозӣ карда шавад. Маълумоти мазкур барои воситаҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (вазоратҳои саноат, идораҳо, мақомоти иҷроияи кишварҳои минтақа, соҳибкорон, ҷамъиятҳои саҳомӣ) ва таҳияи механизмҳо ҳамчун асос хизмат карда метавонад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки қарорҳои муфид,

мураттаб ва асоснокро фақат дар ҳамин асос таҳия қабул кардан имконпазир ба шумор меравад».

Ҳадафи асосии «Нақшаи рушди устувори фондии об» бояд мувофиқан шароит овардан барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва фароҳам овардани устувории экологии объектҳои об дар тамоми минтақа бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, на аз маълумоти партовҳои санитарӣ ва нишондиҳандаҳои маҳаллии консентратсияи максималии (КМИ) истифода бурда мешавад, балки низоми нишондиҳандаҳои интегралӣ мавриди таҳқиқ ва истифода қарор мегиранд, аз ҷумла:

- раванди фаъолияти кимиёвии аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- раванди кофӣ ва зарурии истифодаи захираҳои табиӣ; захираҳои потенсиалии истифодаи оқилонаи об; гирифтани оби равон ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи бебозгашт;
- барои ноил шудан ба сатҳи муайяни сифати об муайян кардани нишондиҳандаҳои мақсаднок [150].

Нишондодҳои мазкур бинобар он сабаб зарур ҳисобида мешаванд, ки ҳеҷ як истифодабарандаи об ба маблағгузорӣ барои муҳайё намудани шароити дигар субъектҳои хоҷагидор муҳиммият надорад, зеро натиҷаҳои мусбати молиявии онҳо ба ҳам мувофиқ намеоянд ва пӯшондани чунин намуди хароҷот имконнопазир аст. Илова бар ин, истифодабарандаи об бояд хароҷоти худро дар марҳилаи пеш аз сармоягузорӣ ҳисоб карда тавонад.

Ба ақидаи Шалгимбаева, А. С. барои тартиб додани ««Нақшаи рушди устувори фонди об»-и пешниҳодгадида лозим меояд, ки оид ба шартҳои мушаххаси истифода, ҳифзу барқарорсозии захираҳои об ва муҳити обии объектҳои мушаххаси об муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шаванд. Мебояд ин ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ кардани низоми шартномаҳои стандартии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва

қарорҳои доир ба истифодаи оқилона ва самаранокии об, ки ба хусусиятҳои муҳити обӣ мувофиқанд, таъмин карда шавад». [150].

Ба андешаи мо, масъалаи рафъи буҳрони низомноке, ки дар назди давлатҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад, танҳо тавассути таъсиси институти махсусгардонидашуда дар доираи кооператсияи об, ба он додани вазифаҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ, яъне бо роҳи ташкили ҶСК «Обҳои Осиёи Марказӣ», ки ба воқеияти муосири иқтисодӣ мувофиқ аст, ҳал кардан мумкин аст.

Ташаккул ва татбиқи асосҳои техникӣ-иқтисодии ҶСК «Обҳои Осиёи Марказӣ» ба андешаи Усубалиев, Т.У. нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

- «ҷудо намудани карзҳои имтиёзноки дарозмуддат;
- бо мақсади амният ва истифодаи оқилонаи захираҳои об такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таҳлил ва барӯйхатгирии захираҳои об дар минтақаи “Осиёи Марказӣ”;
- ба сармоягузорони хусусӣ пешниҳод намудани саҳмияҳои ҶСК «Обҳои Осиёи Марказӣ» [81].

Бинобар сабаби оне, ки дар шароити кунунӣ механизмҳои пештараи иқтисодии табодули обу барқ кор намекунанд, масъулияти ниҳоят мураккаб дар назди кишварҳои Осиёи Марказӣ ба амал овардааст. Ба ақидаи мо, василаи аз ин бунбасти тулонӣ тақсими масъулият байни ҳамаи иштирокчиёни истифодакунандаи ин захираҳо ва ҳамоҳангсозии пурраи амалҳо оид ба об ва дигар захираҳои табиӣ шуда метавонад. Тибқи андешаи мутахассисони хоҷагии қишлоқ ва соҳаи энергетика иҷрои вазифи мазкур комилан имконпазир мебошад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об ва таъмини истифодаи устувори онҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ корҳои зеринро анҷом додан мувофиқи мақсад аст:

1. «Кишварҳои минтақа мувофиқи таҷрибаи таърихии минтақа ва бо дарназардошти таҷрибаи омӯхташудаи байналмилалии тақсими захираҳои оби фаромарзӣ зарур аст, ки “Маҷмуи обу энергетикиро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ” таъсис диҳанд, ки принсипҳои тақсими захираҳои умумии зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ дар он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

2. Бо мақсади таъмир ва истифодаи низоми ягонаи обтаъминкунии минтақа, инчунин, маблағгузории барӯйхатгирӣ таъсиси Бонки Рушди Осиёи Марказӣ зарур шуморида мешавад. Даромади бонкро барои ин максадҳо аз ҳисоби ба тадриҷ ҷорӣ намудани ҳаққи обу обёрӣ дар ҳолатҳои нахустин ба даст овардан мумкин аст.

3. Бо мақсади ба тартиб даровардани заминаи ҳуқуқии танзими истифодаи об дар дохили кишвар ва берун аз он таъмин намудани имкониятҳои ҳадди ақали ҳамкории мақомоти минтақавии хоҷагии об.

4. Бо роҳи муайян ва тасдиқи нархи муайяни об, барои пӯшонидани хароҷоти мустаҳкамнамоии соҳилҳои дарё ситонидани маблағ аз истеъмолкунандагони хориҷӣ ва дохилӣ, кофтуков, пешгӯйӣ ва дигар чорабиниҳои мунтазам ҷорӣ намудани механизмҳои бозории тақсимоти об» [135].

Бояд қайд намуд, ки дар Остона як нишасти ғайрирасмӣ моҳи сентябри соли 2006 бо иштироки раҳбарони ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, ва Узбекистон баргузор карда шуд. Дар ин нишаст масъалаҳои асосии минтақавӣ бо мақсади таҳияи чораҳои муштарак мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Арзёбии минбаъдаи раванди таъсиси Консорсиуми байналмилалии обу энергетикӣ барои ҳалли мушкилоти истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа яке аз масъалаҳои мубрами нишасти ғайрирасмии мазкур ба шумор мерафт [115].

«Дар мавриди идеяи таъсиси Бонки обии минтақаи Осиёи Марказӣ, Бонки Осиёии Марказӣ, Биржаи махсус, Консорсиуми байналмилалии обу энергетикӣ, ва дигар марказҳои муштараки молиявӣ оид ба истифода

ва идоракунии захираҳои об, энергетикӣ, меҳнатӣ ва заминӣ, инчунин, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баррасӣ кардани ин масъала бамаврид аст. Аз сабаби оне ки объектҳои об, аз ҷумла кулҳо, обанборҳо, дарёҳо, ҳавзҳо ва каналҳо бо объектҳои обҳои табиӣ, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ иртиботи экологӣ ва гидравликӣ доранд ва барои истифодаи комплексӣ, аз ҷумла обтаъминкунии маишӣ, моҳипарварӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва ғ. пешбинӣ шудаанд, онҳо объектҳои моликияти хусусӣ буда, мувофиқан ба низоми муомилоти мол шомил шуда наметавонанд» [60].

Ҳамин тавр, мо метавонем пайдарпайии зерини марҳалаҳоро барои ҳамгироии манфиатҳои кишварҳои гуногун ҷиҳати ҳалли мушкилоти обию энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз қабули «Паймони обию энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ» оид ба ташкил ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ҳамчун заминаи асосии Ҳуҷҷати консептуалӣ ва меъёрӣ пешниҳод намоем, ки вобаста ба он масъалаҳои зеринро ҳал намудан лозим аст:

«Марҳилаи 1. Ташкил намудани Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба истифодаи захираҳои энергетикӣ, обӣ, меҳнатӣ ва заминӣ. Ба фаъолияти мунтазами ин комиссия олимон, сиёсатшиносон, намояндагони аҳли ҷамъият, экологҳо ва шуъбаҳои гуногунро ҷалб кардан зарур аст, то ки шаффофияти фаъолияти он бештар таъмин карда шавад.

Марҳилаи 2. Барои идоракунии фаврии захираҳо дар асоси механизмҳои бозорӣ тавассути биржаи махсус ташкил намудани Консорсиуми энергетикию обӣ. Дар марҳилаи муҳимми мазкур бояд технологияҳои мубодила, механизми муқаррар кардани нархи одилонаи дороиҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла об, нерӯи барқ, газ, маҳсулоти кишоварзӣ, технологияҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии истифодаи об ва хоҷагии қишлоқ бояд муқаррар карда шуда, стандартҳои захиравӣ таъсис ва ба қайд гирифта шаванд. Сохтмони нерӯгоҳи барқии обӣ дар минтақа бояд бо сармоягузории ҳамаи ҷумҳуриҳои ба об манфиатдор ва бо ҷалби

сармояи хусусӣ ба лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ бо мақсади пешгирии шиддати байнидавлатӣ ва байни миллатҳо табдил дода шавад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки барои ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила интихоби асъор (сабади асъор) яке аз омилҳои калидии ин марҳила ба шумор меравад.

Марҳилаи 3. Муайян намудани тамоми ҷанбаҳои асосии лоиҳаи истифодаи муштараки захираҳои меҳнатӣ, заминӣ ва обию барқии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, сипас, таҳлилисамараи иқтисодӣ ва фоидаи пешбинишуда, инчунин, интихоби арзёбии оқилонаи хароҷоти лоиҳа;

Марҳилаи 4. Оид ба татбиқи лоиҳаи истифодаи муштараки захираҳои меҳнатӣ, заминӣ ва обию барқӣ аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти маълумоти нав оид ба тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири онҳо ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қабул намудани қарорҳои муфид» [102].

Ҳамин тариқ, муҳтавои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ҷузъи ҷудонашавандаи кӯшишҳои ҷомеаи экологӣ, олимон ва мутахассисони комплекси хоҷагии об мебошад, ки ба ҳалли мушкилоти шадиди об ва экологии минтақа нигаронида шудааст. Дурнамои консептуалии ин мушкилот ва тадбирҳои комплексии ба нақша гирифташудаи ҳалли онҳо имкон медиҳад, ки Барномаи татбиқсозӣ оид ба ислоҳоти идоракунӣ, бозсозӣ ва модернизатсия, таҳияи механизми сармоягузорӣ ба соҳа ва ғайра таҳия карда шавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумлаи роҳҳои муассиртарин барои ҳалли мушкилиҳои обӣ, инчунин. ҷамъоварии захираҳои зарурии молиявӣ нуктаҳои зерин пешбинӣ карда шаванд:

- ❖ барои такрористеҳсолии захираҳои об ташкил намудани сохторҳои масъул;
- ❖ бо мақсади таъмин намудани таҳия ва татбиқи ислоҳоти соҳа об таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ;

- бо мақсади идоракунии оқилонаи захираҳои об ташкил намудани мақомоти ҳудудӣ (ё ҳавзаӣ);
- механизмҳои танзими иқтисодиро дар амал ҷорӣ намудан;
- барномаҳои мақсадноки рушд ва азнавсозиро таҳия намудан;
- бо мақсади рушди соҳа таҳияи барномаҳои маблағгузории он;
- пайваста ташкил намудани мониторинги муҳити зист;
- иштироки аҳолӣ дар муҳокимаи мушкилот ва қабули қарорҳо, инчунин, дастрасии комил ба ахбор [139].

Ҳамин тавр, оид ба такмили механизмҳои истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои об ҳамкории судманди минтақавӣ дар соҳаи об чунин самтҳоро муайян мекунад: ҳифзи захираҳои обии кишвар ва минтақа; таъмини устувори кафолатноки оби нӯшокӣ ва ба роҳ мондани идоракунии самараноки соҳа бо мақсади рушди иқтисодӣ; баланд бардоштани некӯаҳволии иҷтимоию иқтисодӣ ва муҳайё намудани шароити муътадили фаъолияти экинизом, раванде, ки ба рушд ва идоракунии ҳамоҳангшудаи об, замин ва захираҳои марбут ба он мусоидат мекунад.

### 3.3. Такмили механизмҳои институсионалии ҳамкориҳои минтақавии рушди соҳаи об

Дар самти фаъол гардонидани фаъолияти иштирокчиёни ҳамкориҳои обӣ байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ такмили механизмҳо ва сохтори институтсионалӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба андешаи мо, дар доираи сохтори институтсионалӣ, на танҳо шахсони алоҳида, ташкилот ва мақомоти давлатӣ ба ин ё он тарз дар низомҳои истифодаи об ҷалб шудаанд, инчунин такмили санадҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳо, низомномаҳо, созишномаҳои хаттӣ, дастурамалҳо, тартиби расмии ҳамкории онҳо, инчунин, механизмҳои ғайрирасмӣ – расму оинҳо, анъанаҳо, анъанаҳои динӣ, этникӣ ва иҷтимоиро низ баррасӣ кардан лозим аст.Зеро ҳамаи онҳо ба самти рушди ҳамкориҳои об, сатҳи истифодаи оқилонаи об, технологияҳои қабули қоидаю меъёрҳои нави

истифодаи якҷояи об ҳамаҷониба таъсир мерасонанд. Вале онҳо, пеш аз ҳама, дигаргуниҳои ташкилиро дар истифода ва нигоҳубини иншооти ирригатсионӣ, истифодаи захираҳои об дар сатҳи дохили хоҷагӣ ва ё якҷоягии ҳар дуро дарбар мегиранд. Самтҳои такмили механизмҳои институтсионалии ҳамкориҳои об дар айни замон бо татбиқи се принсипи Дублин (1992) зич алоқамандaнд, аз ҷумла: (ниг. ба расми 3.3)




**Расми 3.3 Принсипҳои Дублин оид ба самтҳои такмили механизмҳои институтсионалии ҳамкориҳои об**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [104].

Маълум аст, ки мушкилоти экологӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мушоҳида гардида, онҳо, қабл аз ҳама, бо мушкилоти истифодаи захираҳои обӣ алоқамандӣ доранд. Мушкилоти экологӣ аз тарафи манфӣ, асосан, дар шакли бад шудани сифати муҳити зист, зиёд гардидани офатҳои табиӣ, нарасидани захираҳои об ва ғайраҳо ба амал меомаданд. Ин мушкилот, махсусан, ба ҳифзи захираҳои об ва маърифати истифодабарии об алоқамандии зич дорад [7].

Ҳалли ин мушкилот аз сатҳи рушди сохтори институтсионалии ҳамкориҳои минтақавии об вобаста аст. Ба андешаи мо, сохтори

институтсионии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи обро бояд ҳамчун маҷмуи институтҳои намудҳои гуногуне баррасӣ кард, ки матритсаи амалҳои иштирокчиёни ҳамкорӣ ва рафтори хоҷагиву иқтисодии онҳоро муайян намуда, муносибатҳоро дар низоми ҳамкории минтақавии об ба танзим дарорад [80].

Мавриди зикр аст, ки ҳайати иштирокчиёни ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об танҳо бо мақомоти давлатӣ ва идоракунии кишварҳои минтақа маҳдуд намешавад. Он, ҳамчунин, фаъолияти институтҳои байналмилалӣ, субъектҳои истифодабарандагони об, иттиҳодияҳои инфрасохторӣ, субъектҳои соҳибкории минтақа ва дигар созмонҳои ҷамъиятиро ба монанди иттифоқҳои касаба, палатаҳои савдою саноат ва ғайраро дар бар мегирад, ки манфиатҳои умумии аъзои муттаҳидшудаи ҳамкориро ифода мекунанд.

Бинобар ин, ҳангоми ташаккули ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об, бояд манфиатҳоеро, ки барои гурӯҳҳои гуногуни иштирокчиёни он аҳаммият доранд, муайян намуд. Мақомотҳои дахлдор вазифадоранд, ки манфиатҳои ҳамаи субъектҳоеро, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсир мерасонанд ва ё метавонанд таъсир расонанд, мутобиқ намоянд. Иштирокчиёни ҳамкорӣ дар соҳаи об аз таҳиякунандагон ва ташаббускорони асосии сиёсат дар соҳаи идоракунии об объективона тақозо менамояд, ки принсипҳоеро, ки онҳо муносибатҳои худро бо дигар иштирокчиён дар асоси он бунёд мекунанд, дақиқ муайян кунанд. Мақсади сохтори институтсионалӣ мусоидат намудан ба фаъолияти зерин мебошад:

- ташвиқи муколамаи васеъмиқёс ва ба даст овардани консенсус, ки боиси афзоиши эътимод байни ҳамаи кишварҳои ширкаткунанда ва ҷонибҳои манфиатдор дар соҳаи истифодаи об мегардад;

- оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи об дар асоси ҳамкориҳои мутақобилан судманд муайян намудан ва афзалият додани ташаббусҳою чорабиниҳо;

- кумак ба инкишофи ҳамкории иқтисодии минтақавӣ, аз ҷумла сафарбар намудани захираҳои зарурии молиявию техникӣ барои тезонидани пешрафт [46].

Бояд қайд намуд, ки сохтори институтсионалӣ (низоми муассисаҳо) дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар расми 2.10, саҳифаи 106 пешниҳод гардидаанд, инчунин, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалии зерини муҳим таҳия шудааст, ба монанди:

- ✓ Конвенсия оид ба тағйирёбии иқлим (1998);
- ✓ Конвенсия оид ба ҳифзи муҳоҷирати намудҳои ҳайвоноти ваҳшӣ (2000);
- ✓ Конвенсияи Орхус оид ба иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ дар масъалаҳои муҳити зист ва оид ба ба дастрасӣ ба иттилоот (2001);
- ✓ Созишнома оид ба ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист (2000);
- ✓ Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мониторинги муҳити зист (2001);
- ✓ Созишнома дар бораи принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи объектҳои обҳои фаромарзӣ (2000)[37].

Бо вуҷуди ин, бо сабаби муносибатҳои байниҳамдигарии гуногун ва номувофиқатии заминаи меъёриии ҳуқуқии кишварҳои минтақа самаранокии кофии созишномаҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифодаи муштараки захираҳои об мушоҳида карда намешавад. Бинобар ин, мушкилоти баҳсбарангези байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар танзими муносибатҳои обӣ ва энергетикӣ мушоҳида карда шуда, манфиатҳои мухталифи давлатҳои поёноб ва болооби дарёҳо асоси ихтилофотро ҳамоно ташкил дода истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз омилҳои муҳимми муттаҳидкунандаи ҳамгироии минтақавӣ ки барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ маъмул аст, ин ҳалли масъалаи истифодаи одилона ва самараноки об ба шумор

меравад. Инчунин, асоси лоиҳаҳои муштараки кишварҳои минтақа оид ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ин миқёси офатҳои эҳтимолии экологӣ ва огоҳ будан аз воқеияти он шуда метавонад. Аз таҷрибаи гузаштаи ҳалли мушкилоти баҳснок бармеояд, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба истифодаи оқилона ва устувори захираҳои об мусоидат мекунанд, оғоз намудани лоиҳаҳои муштарак ва амиқи иқтисодӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкил намудани низоми таҳияи созишномаҳои байнидавлатӣ дар кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад [39].

Аҳаммияти стратегии масъалаҳои захираҳои об аз ҳудуди як давлат ва минтақа берун мебарояд, ки ин дар навбати худ зарурати рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутаносибан ҳалли масъалаҳои баҳсбарангези истифодаи муштараки обро дар асоси меъёрҳои қонуни байналмилалӣ тақозо менамояд. Пайваст шудани давлатҳои минтақа ба Конвенсияи ҳифзи маҷрои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ барои гуфтушунид бо давлатҳои ҳамҷавор дар самти ҳифзи захираҳои об ва истифодаи муштараки он замина гардид. Кишварҳои минтақа дар фаъолияти Шурои байнидавлатии экологии ИДМ фаъолона ширкат меварзанд, ки дар доираи он арзёбии муҳити зист, маърифати экологӣ ва низомҳои умумии мониторинги муҳити зист таҳия гардида, оид ба бехатарии экологӣ Конвенсияи ИДМ татбиқ карда мешавад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таҳияи Конвенсияи чаҳорчӯбаи оид ба ҳифзи захираҳои об ва Стратегияи экологии кишварҳои тозаистиқлол ширкат мекунанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Комиссияи байнидавлатӣ оид ба рушди устувор (КБРУ), Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии об (КБҲХО) иштирокчии фаъоли ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи рушди муҳити зист ва ҳифзи минбаъдаи он, инчунин, Фонди байналмилалии наҷоти Арал (ФБНА) ва мақомоти кории он ба шумор меравад. Ҷумҳурӣ

дар коркарди нақшаи амалиёти минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба муҳофизати муҳити зист иштирок меварзад [125].

Барои истифодаи таъсирбахши назарраси захираҳои об ва энергетикии минтақа стратегияи муштарак барои ҳамаи кишварҳои минтақа зарур аст. Ба ақидаи олимони ватанӣ Умаров Ҳ. У., «Тоҷикистон ҳамчун як кишвари болооби муҳимми минтақавӣ, ки вазифаи асосии он истифодаи оқилонаи захираҳои обии минтақа ва муайянсозии принсипҳои кори объектҳои обии байнидавлатии дар ҳудудҳои давлатҳои ҳамсоя воқеъгардида ба шумор меравад, дар татбиқи сиёсати ягонаи барқию обии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Консорсиуми байнидавлатии обию энергетикӣ саҳми муассир дорад. Амалӣ гардидани бомуваффақияти лоиҳаи зикргардида ба таҳияи модели беҳтарини низоми идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкории муассири кишварҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои ҳамкориҳои одилона дар соҳаи об мусоидат менамояд» [145].

Беҳтар намудани истифодаи нерӯи обию энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ташкили механизми муассири молиявию иқтисодӣ, инчунин, аз сатҳи такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки барои ҳамкорӣ намудани давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мустақиман аз мавҷудияти заминаи мушаххаси шартномавӣ вобастагии калон дорад. Айни замон, оид ба рушди минбаъдаи заминаи меъёрӣ ҷиҳати таҳкими ҳамбастагӣ мутобиқи фаъолияти самараноке, ки ниҳодҳои ваколатдори давлатҳои минтақа анҷом додаанд, заминаи устувор гузошта шудааст [148].

Бояд ёдовар шуд, ки тамоми тадбирҳои мазкур дар соҳаи обу энергетика таҳия намудани принсипҳои ягонаи татбиқи самтҳои ҳамкориро талаб менамояд.

Ҳамон тавре баён карда шуд, ҳамкорӣ дар бахшҳои обу энергетика байни кишварҳои минтақа як масъалаи печида ва мушкилест, ки ҳалли мусбии худро бояд пайдо намояд. Дар ин бобат тамоми ниҳодҳои

баналхалқӣ, бахшҳои иқтисодиёт ва манфиатҳои мухолифи давлатҳо ба ҳамдигар вобаста мебошанд. Қобили зикр аст, ки механизмҳои институтсионалӣ дар самтҳои асосии ҳамкорӣ барои нигоҳдошти вазъи кунунии соҳаи обу энергетика бояд такмил дода шаванд. (расми 3.4)




**Расми 3.4 Такмили механизмҳои институтсионалӣ самтҳои асосии ҳамкории соҳаи обу энергетика (Таҳияи муаллиф)**

Дар робита ба ин, оид ба муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ дар қабули қарорҳои муфид номутаносибии муайян ба амал меояд. Ин ҳолат шаҳодат аз он медиҳад, ки қаблан як механизми таъсиррасони институтсионалӣ дар шакли як созмони байниҳукуматӣ, ки ба муносибатҳои обию энергетикии давлатҳои минтақа таъсири танзимкунанда ва бидуни низоъ дошта бошад, вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, ба ақидаи мо, таъсиси чунин сохтор як масъалаи бунёдии ҳамкориҳо дар ин самт ба шумор меравад. Ин сохтор кори

муътадили тамоми комплекси обию барқиро дар минтақа бояд таъмин намояд.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати татбиқи муносибатҳои шартномавӣ бо мақсади фаъолияти бефосила ва муътадили маҷмааи барқию обии минтақа дар самтҳои зерин чораҷӯйӣ намудан лозим аст:

- ❖ таъмини иҷроиши қарорҳои Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии об оид ба тартиби кори обанборҳо;
- ❖ таъмин намудани иҷрои созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои обию барқӣ;
- ❖ таъмини иҷрои ҷуброни барқию сӯзишворӣ мувофиқи созишномаҳои қабулшуда [3].

Монеаҳои зерин дорои хусусияти институтсионалӣ буда, барои татбиқи ин шартҳо бояд бартараф карда шаванд:

- ❖ набудани барномаҳои минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ оид ба муносибгардонии дигаргуниҳои меҳнатӣ дар минтақа;
- ❖ аз тарафи баъзе кишварҳои наздисарҳадӣ барои таъмин намудани эҳтиёҷоти худ худсарона гирифтани об.

Бо мақсади амалӣ намудани шарти дуюм бояд мушкилот ва монеаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- ❖ гуфтушунид намудан оид ба ҳалли эҳтиёҷоти мавсимӣ ва иҷрои созишномаҳои қаблан баимзорасидаи давлатҳои минтақа;
- ❖ оид ба истифодаи оқилонаи муштарак ва мубодилаи захираҳои обию барқӣ, инчунин, ба инобат гирифтани манфиатҳои кишварҳои минтақа[43].

Дар натиҷаи таҳқиқи корҳои илмию таҳқиқотӣ маълум гардид, ки «...ниҳодҳои мавҷудаи танзимкунанда, аз ҷумла, Иттиҳодияҳои хоҷагии оби ҳавзаҳои оби Амударё ва Сирдарё, Комиссияи байнидавлатии координатсионии хоҷагии об ва Маркази муштараки танзими барқӣ оид ба ҳал намудани мушкилоти ошкоршуда сабабҳои объективӣ пурра қодир нестанд. Бо ин мақсад, кору фаъолияти ин ниҳодҳоро низ дар оянда фаъол

намудан амри зарурӣ маҳсуб меёбад ва дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки ташаккули як ниҳоди фаромиллии танзимкунандаи ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи обу энергетика лозим шуморида мешавад» [76].

Дар баробари ин, бо тадбирҳои ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ зарурати ҳамоҳангсозии сиёсати миллии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ афзоиш меёбад, зеро ҳатто, тавассути танзими маҷрои об дар як вақт манфиатҳои тамоми кишварҳои минтақаро қонеъ намудан имконнопазир аст ва ин раванд ба танзим даровардани ҷубронро дар минтақа талаб менамояд. Дар вазъияти имрӯзаи давлатҳои минтақа танҳо дар сурати қонеъ гардондани эҳтиёҷоти обёрии Тоҷикистону Ӯзбекистон чунин созиш имконпазир мегардад.

Сабабҳои нокомии таъминоти ҷубронпулӣ ҳам дар натиҷаи қобилияти ғайрипардохтии истеъмолкунандагони сӯзишворию об ва ҳам дар натиҷаи ғайримукаммалии механизми баҳодиҳии ҳаҷми ҷубронпулӣ ба амал меояд. Дар робита ба ин, ҳарчанд баъзе аз коршиносон бар ин назаранд, ки нерӯи барқро метавон ба Покистон, Чин ва Ҳиндустон содир кард, аммо иқтидори хеле муҳимми манобеи барқароршавандаи энергия то кунун мавриди истифода қарор нагирифтааст. Бояд гуфт, ки Ҷмҳурии Тоҷикистон аз рӯйи иқтидори гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ишғол мекунад ва 7-10 фоизи ҳаҷми умумии нерӯи барқро истифода мебарад.

Дар айни ҳол онҳо дар ҳолати лойшавӣ қарор доранд, ки ин назар ба иқтидори лоиҳаи сохтмони неругоҳи барқию обӣ боиси 30 дарсад коҳиш ёфтани самаранокии онҳо мегардад. Инро ба назар гирифта, неругоҳҳои азими барқию обии амалкунанда таъмири асосӣ ва азнавсозиро талаб мекунанд. Бояд гуфт, ки новобаста аз дурнамои сармоягузорӣ ба рушди гидроэнергетика, минтақа метавонад тавассути нерӯи барқ беш аз 71 дарсади худро таъмин намояд, вале барои чунин лоиҳаҳои мушаххас пайдо намудани сармоягузорон хеле мушкил аст [52].

Дар низоми ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об татбиқи манфиатҳои тарафҳои иштироккунандаи ҳамкории минтақавии соҳаи обию энергетикӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Маҷмуи иштирокчиёни равандҳои обу энергетикии Осиёи Марказиро шартан ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

А) контури дохилӣ:

- давлатҳои афзалиятноки энергетикӣ;
- ҳолатҳои афзалиятноки обёрӣ;

б) контури беруна:

- давлатҳо – донорҳои эҳтимолӣ;
- институтҳо ва ташкилотҳои байналмилалии рушд [58].

Сатҳи пасти истиқлолияти нерӯи барқӣ дар шароити мавҷудияти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ хоҳиши Тоҷикистону Қирғизистонро барои рушди нерӯи барқии обӣ муайян мекунад. Дар баробари гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ин кишварҳо аввалан, маъданҳои табиии худро ҳамчун моли дорои арзиши бозорӣ баррасӣ карданд; дуюм, барои худтаъминкунӣ дар истеъмол ва истеҳсоли нерӯи барқ кӯшиш мекунанд; сеюм, ҷиҳати ба таври максималӣ истифодаи захираҳои мавҷудаи нерӯи барқии обӣ ҷидду ҷаҳд доранд. Дар ин шароит ба ташаккули матритсаи институтсионалии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об рафтор ё мавқеи кишварҳои алоҳидаи минтақа таъсир мерасонад, ки ҷустуҷӯйи «нуқтаи гузаргоҳ» ё майдониеро, ки манфиатҳои онҳоро ҳамоҳанг месозад, тақозо мекунад. Дар ин замина, мавқеи Тоҷикистон аз “сер” кардани бахши гидроэнергетикии иқтисод иборат аст. Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар шароити буҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ дар Тоҷикистон миқёси ғояи миллиро касб мекунад [124].

Тоҷикистон ҳамчун далели асосии ҳалли низоъҳои байнидавлатӣ оид ба тақсимоти захираҳои об ва энергетикӣ тезисро дар бораи зарурати бунёди комплексҳои нави барқи обӣ ба миён мегузорад, зеро дар ҳавзаҳои ҳар як ду дарёи асосӣ як комплекси бузурги обанбор фаъолият мекунад:

дар Сирдарё - дарёи Токтогул, дар Вахш - Норак. Барои ба таври муассир ба тартиб андохтани ҷараён комплекси нави нерӯи барқии обӣ сохта, бо хамин реҷаи кори обёрию энергетикиро байни нав ва куҳна тақсим кардан лозим аст.

Мавқеи Қирғизистон ба ҳалли мушкилоти афзоиши иқтидори тавлидкунандаи гидроэнергетикаи ватанӣ нигаронида шудааст. Ҷустуҷӯйи фаъоли сармоягузорон барои бунёди НБО-и нави Қамбар-Ота-2 идома дорад. Қамбар-Ота-1, ки дар поёноби рӯдхонаи Норин ҷойгир аст, аллакай. 40 фоиз анҷом ёфтааст ва ҷумҳурӣ умедвор аст, ки бо истифода аз захираҳои худ сохтмони онро ба анҷом расонад. Коршиносон лоиҳаи НБО-и Қамбар-Отаро бузург ва қодир ба беҳбуди вазъи Қирғизистон аз нигоҳи таъмини нерӯи барқи худ медонанд [4].

Мавқеи Қазоқистон ба таъмини шароит ҷиҳати таъмини кафолатноки захираҳои об дар мавсими кишт ва истифодаи бехатари каскади (резишгоҳи табии ё ин, ки сунъӣи об) Норин-Сирдарё дар мавсими ғайрикоркунӣ нигаронида шудааст. Таъмини ҷиҳатҳои дар боло зикршуда танҳо бо реҷаи кори обанборҳои каскади (резишгоҳи табии ё ин,ки сунъӣи об) Норин-Сирдарё, ки ҳамаи кишварҳои ҳавза мувофиқа кардаанд, имконпазир аст.

Тибқи мавқеи Ӯзбекистон, об (мувофиқи қонуни байналмилалии об) бояд манбаи дастраси умум бошад. Дар масъалаи истифодаи оби дарёи умумӣ ҳеҷ як давлат набояд нисбат ба дигар давлатҳо имтиёз ё ҳуқуқи бештар дошта бошад. Узбекистон ҷонибдори эътирофи вазъи таърихан муқарраршуда дар соҳаи тақсимоти байнидавлатии об ва истифодаи об дар ҳавзаи ҳар як дарёи мушаххас мебошад. Гузашта аз ин, амали як давлат набояд ба давлати дигар зарар расонад. Бояд гуфт, ки ҳамаи мамлакатҳои ҳавзаи дарёи Сир ба танзими дарозмуддати обанбори Токтогул манфиатдор мебошанд [76].

Бояд тазаккур дод, ки қисми зиёди аз ниҳодҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, ИА, Чин, Русия, Эрон, Ҳиндустон

Покистон  оид ба оне, ки лоиҳаҳои рушди маҷмааи обию барқии Осиёи Марказӣ манфиати геополитикӣ доранд, на тиҷоратӣ изҳори нигаронӣ менамоянд.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар равандҳои мураккаби байнидавлатии танзими захираҳои обию барқии минтақа доир ба ташкили ҳамкориҳои минтақавӣ муассисаҳо ва созмонҳои байналмилалии рушд ҳамчун ҳакам баромад карда, мусоидат менамоянд. Онҳо, инчунин, таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодӣ, машваратӣ, таҳлилӣ, техникӣ ва молиявии лоиҳаҳоро анҷом медиҳанд. Дар байни онҳо бузургтарин Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки рушд Осиё, Бонки исломии рушд, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, (USAID) ЮСАИД ва Фонди ҷаҳонии экологӣ мебошанд [40].

Рушди минбаъдаи ҳамкорӣ ва амиқи ҳамкориҳо дар соҳаи обию энергетикӣ кӯшишҳои иловагии тамоми ҷонибҳои манфиатдор - давлатҳо, сохторҳои ҳамгироии байнидавлатӣ, институтҳои байналмилалии рушд, созмонҳои ғайриҳукуматиро тақозо мекунад. Дар марҳилаи кунунӣ равандҳои асосии шартномавӣ оид ба масъалаҳои обу энергетика дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Фонди байналмилалии наҷоти Арал инкишоф меёбанд. Новобаста аз мавҷудияти тавофуқи бунёдӣ баррасӣ ва ҳамоҳангсозии пешниҳодҳо оид ба зарурати таҳияи механизми афзалияти мутақобила ва мутавозини танзими равандҳои обу энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ, дар сатҳи сарони кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо тул кашидааст. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Қазоқистон ба манфиати амнияти миллӣ ва тақвияти пешвоёни минтақавӣ метавонад корҳоро дар соҳаи обу энергетика пурзӯр ва фаъол намояд. Умуман, имрӯз инкишофи фаъолиятҳои мазкур дар ду самт ба мақсад мувофиқ аст:

Якум, самти беруна – таҳким бахшидани фаъолияти дипломатӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки механизми таъсиррасонандаи обу энергетикаро  дар Осиёи Марказӣ ба танзим медарорад;

Дуюм, самти дохилӣ - идомаи минбаъдаи тадбирҳои идоракунӣ ва ҳифзи об, ки ба баланд бардоштани қобилияти танзими иншооти гидротехникӣ дар кишварҳои минтақа нигаронида шудааст.

Татбиқи минбаъдаи сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти дипломатӣ ба эҷоди механизми муассири танзими обию энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Дар ин радиф, бояд татбиқи мақсаднок ва методии манфиатҳои умумӣ бо дарназардошти ҳаҷми умумии дарёҳо ҳамчун воҳиди гидрологӣ, ки бояд дар маҷмуъ, идора карда шавад, дар асоси меъёру муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии об роҳандозӣ карда шавад. Вобаста ба ин, ҳар як давлати дохили минтақа дар асоси ин талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба об, ҳақдор аст, ки, агар ин давлат бе иҷозаи ҳамсояҳо ва роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба ин манобеъ дахолат кунад, ба муқобили  ҳар давлати дигари ин минтақа мавқеи худро муайян намояд.

Имрӯзҳо ақидае вуҷуд дорад, ки бояд дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои ҳар як тараф, яъне ниёзҳои кишварҳои поёноб ба об ва кишварҳои болооб ба манбаҳои барқӣ механизми дарозмуддат ва муассири танзими обию барқӣ асос ёбад. Механизми танзим бояд хусусияти фарогир дошта бошад ва ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии об асос ёбад ва, эҳтимолан, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ пурра кардани он мувофиқи мақсад бошад. Барои ҳамоҳангсозии самараноки равандҳои обу энергетикӣ, сохтори боломиллӣ лозим аст, ки онҳоро ҳам уфуқӣ ва ҳам амудӣ танзим карда тавонад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки гузаронидани фаъолияти сиёсӣ тавассути каналҳои дипломатӣ қисми калидии  кор ба шумор меравад, аз инҳо иборат мебошад:

- ба ҳамдигар дар асоси нуфузи ҷамъшудаи байналмилалӣ таъсири муайян мерасонад, то ки мавқеи ягонаи давлатҳои афзалиятноки обёришавандаро  инкишоф диҳад;

- ❖ дар асоси дутарафа — ташаббуси машваратҳои муштарки ҳамаи давлатҳои минтақа ва дар асоси мавқеи мувофиқшудаи давлатҳои афзалиятноки ирригатсионӣ бо давлатҳои афзалиятноки энергетикӣ гуфтушунидҳои баробарӣ мегузаронад;
- ❖ дар асоси бисёрҷониба – иқтидори давлатҳои пешбарро ба манфиати ҳалли муноқишаҳои обӣ-энергетикӣ дар чаҳорчӯби САҲА, СҲШ, МҲТБО (Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё), ИИАО (Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё), СҲИ (Созмони ҳамкориҳои исломӣ) – ро татбиқ менамояд [42].

Дар доираи фаъолияти дар боло зикршуда такмили механизмҳои институтсионалии ҳамкориҳои об дар самтҳои зерин бамаврид аст:

- ❖ фаъолгардонии фаъолияти минбаъда оид ба таъсиси Консорсиуми байналмилалии обу энергетикии Осиёи Марказӣ;
- ❖ ворид шудан ба инфрасохтори гидроэнергетикии кишварҳои манфиатдор бо роҳи сармоягузорӣ ва маблағгузории муштараки ин иншоот бо мақсади таъмини низоми мусоиди фаъолияти иншооти гидроэнергетикӣ барои кишварҳои минтақа;
- ❖ ташкили ниҳодҳои ташкилии механизми таҳкими мақомоти минтақавии Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии об бо тавсеаи салоҳият ва уҳдадориҳои онҳо ва ғ.

Дар хулоса ҳаминро бояд қайд намуд, ки ба пайдоиши низоъҳои фаромарзӣ, мушкилоти ҷиддии истифодаи захираҳои об роҳ надодан, инчунин, ба роҳ мондани тартибот дар тақсимоти об, маҳдудкунии об ва баҳисобгирии рушди инфрасохтори обию энергетикии худ ба мақсад мувофиқ аст. Ин тадбирҳо вобастагиро аз сиёсати об ва мавқеи давлатҳои дарёи боло ва миёна коҳиш дода, инчунин, захираи обии заминҳои обёришавандаро зиёд мекунанд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Дар хулосаи боби сеюм бояд зикр намуд, ки ҳамаи шарикон ва ҷонибҳои манфиатдор дар кишварҳои минтақа бояд механизми асосии

ҳамкорӣ дар соҳаи обро дарёфт намуда, бо дарназардошти манфиатҳои давлатҳои ҳамҷавор ҳамкории судманди минтақавиро роҳандозӣ намоянд. Зеро ҳамкориҳои судманди бисёрҷониба дар шароити ҳолатҳои зудтағйирёбандаи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти хосса пайдо намуда, такмили механизми идоракунии самараноки захираҳои об ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҳамаи ҷонибҳо мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин, дар натиҷаи таҳқиқоти боби сеюм чунин хулосабарорӣ карда шуд:

1. Ҳангоми бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ дар тамоми кишварҳои минтақа бояд истифодаи самараноки технологияи муосири инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми истеҳсоли нерӯи барқ, фаъолияти мунтазами соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, инчунин, дигар соҳаҳои иқтисодиёт низоми нави истифодаи захираҳои об мавриди амал қарор дода. Бояд зикр намуд, ки ҷараёни ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои об тибқи принсипҳои амалкунанда баробар идора карда шуда, дар асоси татбиқи техника ва технологияи муосир, инчунин, такмил додани раванди технологии истифодаи захираҳои об ба роҳ монда шуда, бояд ба сатҳи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳои минтақа мусоидат намояд.

2. Дар хотима чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ҷузъи асосӣ ва ҷудонашавандаи саъю кӯшиши ҷомеаи шарвандии кишварҳои минтақа ва олимону муҳаққиқони соҳаи об муҳтавои дахлнопазири ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ба шумор меравад, ки ҳалли мушкилоти экологии кишварҳои минтақа ва масъалаҳои ҳалталаби захираҳои об аз он вобастагӣ доранд. Вобаста ба иҷрои ҳадафҳои дурнамои консептуалии мушкилоти мазкур ва чорабиниҳои ба нақша гирифташудаи ҳалли онҳо лозим шуморида мешавад, ки Барномаи мукаммали татбиқсозӣ оид ба ислоҳоти идоракунии захираҳои об ва ҳолатҳои экологии минтақа таҳия ва қабул карда шавад.

3. Маълум карда шуд, ки сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти кишварҳои минтақа ба такмил додани механизми таъсирбахши ба низомдарории бахши обу энегетика дар Осиёи Марказӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, бо дарназардошти ҳаҷми умумии дарёҳои мавҷуда бояд татбиқи мақсадноки манфиатҳои умумӣ дар маҷмуъ, идора карда шуда, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи об амалӣ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, чунин шуморида мешавад, ки бо мақсади истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ва энергетикии минтақа таҳия ва қабули дурнамои муштарак барои ҳамаи кишварҳои минтақа амри зарурӣ ҳисобида шуда, метавонад дар такмили муносибатҳои судманди иқтисодию иҷтимоии тарафҳои манфиатдор нақши муассир дошта бошад.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

## *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои об дар қаламрави давлатҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон) барои ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, инчунин, ҳамкорӣ дар бахши ҳифзи муҳити зист аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Оқибатҳои тағйирёбии иқлим торафт равшантар мешаванд ва ҳамкории бештари давлатҳоро талаб мекунанд. Масъалаҳои ҳифз ва сифати захираҳои об, ки дар садаи гузашта аз мадди назар дур монда буданд, барои ҳамкориҳои минтақавӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар муҳим диниста мешаванд. Механизмҳои институтсионалӣ ва иқтисодии ҳамкориҳои минтақавӣ ва идоракунии об, ҳарчанд дар аввалҳои солҳои 90-ум таъсис ёфтаанд, ҳоло дар ҳалли ихтилофоти афзоянда бар аввали иҷрои лимити истихроҷи об ва тақсими об дар Осиёи Марказӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ ҳастанд. Ба танзим даровардан ва ҳал намудани масъалаҳои истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об барои дар ҳолати амну осоишта зиндагӣ намудани аҳолӣ ва рушди устувори иқтисоди минтақаи Осиёи Марказӣ амри зарурӣ шуморида мешавад. Зарурати такмили механизмҳои нави ҳамкориҳо дар миқёси ҷаҳонӣ торафт бештар мегардад. Вазъияти тақсим ва истеъмоли захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба амнияти кишварҳои дигар (берун аз ин минтақа) ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати энергетикӣ бевосита таъсир мерасонад [3-М; 5-М; 6-М; 7-М].

2. Тағйироте, ки чӣ дар иқтисодиёти кишварҳои минтақа ва чӣ дар дар вазъи экологӣ ба вуқуъ мепайвандад, талаб мекунад, ки масъалаҳои мушкили ҳифзу барқарорсозии манбаҳои обӣ, инчунин, истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо дар заминаи ташаккули муносибатҳои манфиатбахши иқтисодӣ дар бахши истифодабарии об дар асоси мукаммалгардонии механизмҳои ҳамкории ҳамаҷониба бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа амиқтар омӯхта

шаванд. Мавриди зикр аст, ки мушкилоти баҳодиҳии арзиши потенсиалии захираҳои обӣ дар илми иқтисодӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, фақат дар минтақа танҳо усулҳои мушаххаси иқтисодӣ бо мақсади ба танзим даровардани истифодаи об мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Масалан, пардохтҳо барои истифодаи об ба арзёбии самараноки иқтисодии захираҳои об алоқаманд нестанд ва пардохтҳое, ки ҳоло истифода мешаванд, барои истифодаи оқилонаи об, кам кардани хароҷот дар соҳаи об ва истифодаи самараноки иқтидори захираҳои оби минтақа ба таври кофӣ ҳавасманд нестанд. Инчунин, низоми кунунии идоракунии захираҳои об ба принсипи ҳавзавӣ-ҳудудии истифодаи самаранок ва оқилонаи об номувофиқ буда, татбиқи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи обро таъмин карда наметавонад. Дар робита ба ин, лозим аст, ки дар асоси таҳқиқи масъалаҳои болозикр сохтори институтсионалии ҳамкории хоҷагии об ва низоми механизмҳо дар солҳои наздик ислоҳ карда шавад [1-М; 3-М; 5-М; 6-М; 10-М].

3. Нобаробар тақсимот намудани захираҳои об дар байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ сабаби бархӯрди манфиатҳои байни кишварҳои обтаъминкунанда ва истеъмолкунандаи он гашта метавонад. Зеро амнияти ҳаёти шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидории онҳо, инчунин, иқтисодиёти кишварҳои минтақа бештар аз истифодаи оқилонаи захираҳои обии умумии дарёҳои фаромарзӣ ё байналмилалӣ вобаста аст. Истифодаи густурда ва тақсимоти нодурусти захираҳои об аз ҷониби кишварҳои гуногун, инчунин, номутаносибии истеъмоли об сабабҳои асосии норасоии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ мегардад. Васеъшавии заминҳои обёришаванда ва афзоиши шумораи аҳолии минтақа, баланд гардидани талабот дар соҳаҳои иқтисодӣ ба захираҳои об, инчунин, обшавии пиряххо, ки сабаби кам шудани ҷараёни умумии об ва захираи яххо мегардад, метавонад боиси камшавии захираҳои об дар дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ гардад.

Афзоиши аҳолӣ дар минтақа, васеъ шудани майдони заминҳои обёришаванда (бо навъи анъанавии обёрӣ бартарӣ дорад), афзоиши талабот ба захираҳои об аз бахшҳои иқтисодӣ (обшавии пиряххо, ки боиси кам шудани таъминоти ях ва ҷараёни умумии оби дарёҳои минтақа мегардад) камшавии захираҳои обии Осиёи Марказиро меафзояд. Ин захираҳои обиро торафт маҳдуд мекунад, ки боиси норасоии об ва мутаносибан ноустувории рушди иқтисодӣ мегардад [2-М; 4-М; 5-М; 8-М; 11-М].

4. Дар натиҷаи мавҷуд набудани фазои муносиби институтсионалӣ ва заминаи (институтҳои дахлдори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва экологӣ) ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои об ва муносибатҳои байнидавлатӣ дар иҷрои уҳдадориҳои давлатҳои минтақа нокомии марҳилавии назаррас ба вуҷуд меоянд, ки дар шартномаҳо дарҷ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ ягон нуктаи боз ҳам равшану самарабахши манъкунанда ва маҳдудкунанда вуҷуд надорад ва муносибатҳо дар соҳаи об, асосан, тавассути созишномаҳои тарафайн танзим карда мешаванд. Бо дарназардошти манфиатҳои миллии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бояд ташаккули заминаи институтсионалии минтақавӣ бунёд карда шавад. Чунки дар масъалаи мухолифатҳои замони муосир ва истифодаи минтақавии захираҳои об бархӯрди манфиатҳо бо он вобастагӣ дорад, ки онҳо шарти зарурии таъмини аҳолӣ бо об, мавҷудияти бахши кишоварзӣ ва воситаҳои ба даст овардани нерӯи барқ барои баъзе давлатҳо маҳсуб меёбад [2-М; 3-М; 6-М; 7-М; 12-М].

5. Барои давлатҳое, ки ҳамчун таъминкунандаи захираҳои об муаррифӣ гардидаанд, аз ҷумла Тоҷикистон ва Қирғизистон, бинобар сабаби оне ки аксари ҳудуди марзии онҳоро кӯҳистон ташкил медиҳад, рушди гидроэнергетика аҳаммияти килидӣ дошта, дар соҳаи танзими истифодаи об манфиатҳои онҳоро мутаносибан муайян месозад. Ҳал намудани ин мухолифатҳо дар асоси тавозуни манфиатҳои иқтисодии

кишварҳои минтақа, ки дорои захираҳои об мебошанд, имконпазир аст. Онҳо бояд ба қонунҳои бозоргирии об ва ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такя карда, пардохти ҳаққи хизматрасонии обро тақозо намоянд. Мунoқишаҳои мавҷуда оид ба истифодаи минтақавӣ ё байнидавлатии захираҳои об низ шиддат гирифта, оқибатҳои манфии экологӣ доранд. Бояд тазаккур дод, ки ҷараёни ҳамкориҳои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба пардохти маблағи захираҳои об мухолиф мебошанд. Бинобар ин, ҳалли мусбати худро дарёфт намудани мушкилоти зикргардида ҳалли масъалаҳои арзиши иқтисодии об ва бозорпазирии захираҳои обиро мутаносибан тақозо менамояд [2-М; 3-М; 6М; 7-М; 9-М].

6. Ҳалли масъалаи истифодаи самараноки захираҳои об тавассути такмили механизмҳои иқтисодии ҳамкориҳои минтақавӣ метавонад, як катализатори ҳалли ихтилофоти байнидавлатӣ дар минтақа гардад. Ин ҳамчунин метавонад масъалаҳои баҳсбарангези истифодаи захираҳои обии фаромарзиро бартараф ва, ба ин васила, барои рушди иҷтимоию иқтисодии тамоми минтақа шароити мусоид фароҳам оварад. Ташкили истифодаи самараноки об дар минтақа ва назорати он метавонад ба механизми тавонои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ табдил ёбад. Дар робита ба ин, таҳия ва тасдиқи Стратегияҳои миллии об ва дар заминаи он таҳия ва қабули Стратегияҳои минтақавии об бо мақсади бартараф кардани мухолифатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои обию барқии дарёҳои фаромарзӣ ва такмил додани созишномаҳои байнидавлатӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ҷуброни камбудии нерӯи барқ дар мавсими кишт, ки ба рушди иқтисоди миллии Қирғизистону Тоҷикистон мусоидат мекунад, таҳияи консепсияи истифодаи самараноки захираҳои обу энергетикӣ дар минтақа, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузории вобаста ба нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои гармидиҳии барқӣ умедворкунанда ба назар мерасад.

Нерӯгоҳҳои бузурги барқии обии Тоҷикистон ва Қирғизистон, асосан, бо мақсади таъмини низоми ирригатсионии мамлакатҳои ҳамсоя фаъолият мекунанд. Вале ин ба истифодашавии захираҳои оби обанборҳои Тоҷикистону Қирғизистон барои истеҳсоли нерӯи барқ дар фасли зимистон имкон намедиҳад, инчунин, ба дурнамои содироти он мушкилот эҷод намуда, ташаннуҷи афзоянда дар таъмини ниёзҳои дохилии ҳарду кишварро ба нерӯи барқ эҷод мекунад [1-М; 4-М; 5-М; 8-М; 9-М; 10-М].

***Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

1. Самтҳои асосии масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои обии минтақа дар доираи ҳамкориҳои об бояд чунин бошанд:

- дар ҷамъбасти сохтмони муштараки иншооти гидротехникӣ ва ширкат варзидан дар раванди сармоягузорӣ кумаки техникӣ расонидан;

- кумаки техникӣ расонидан ҳангоми барқарорсозии низомҳои обёрии заминҳои кишоварзӣ, ки дар натиҷаи хатарҳои экологӣ ва офатҳои табиӣ зарар дидаанд;

- бо мақсади таҳлили идоракунӣ ва истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои обҳои зеризаминии ҳудудҳои як қатор давлатҳои минтақа дар таҳқиқоти гидрогеологӣ мусоидат намудан;

- ба роҳ мондани низоми мониторинги дастаҷамъӣ доир ба сифати захираҳои об ва ҳолати онҳо.

2. Ба ақидаи муаллиф ҷиҳати беҳтар намудани рушди минбаъдаи ҳамкорӣ ва амиқи ҳамкориҳо дар соҳаи обию энергетикӣ кӯшишҳои иловагии тамоми ҷонибҳои манфиатдор - давлатҳо, сохторҳои ҳамгироии байнидавлатӣ, институтҳои байналмилалии рушд, созмонҳои ғайриҳукуматиро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки ҳамкориҳои устувори байни ниҳодҳои ҳамҷавор дар самти истифодаи захираҳои об ва энергетикӣ бояд марҳила ба марҳила беҳтар карда шаванд.

3. Мусаллам аст, ки истифодаи оқилонаи об, таъсиси навъҳои ҷадид ва маҳдудияти ҳадди ақалли истеъмоли об аз ҷониби аҳолӣ ва татбиқи технологияи муосири сарфакунандаи об барои обёрии зироатҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ, масъалаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми истифодаи захираҳои об аз технологияҳои муосири каммасраф дар тамоми кишварҳои минтақа истифода карда шуда, мувозинати тақсимоти об дар байни онҳо дуруст роҳандозӣ карда шавад.

4. Муаллиф чунин тавсияи амалӣ пешниҳод менамояд, ки бо мақсади такмили ҳамкориҳои судманд дар соҳаи об ва энергетика ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро таҷдиди назар карда, бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаҷониба ва мутақобилан судманди ҷонибҳои истифодабарандаи об таҳия ва қабул карда шаванд.

5. Муаллиф чунин мешуморад, ки бе дастгирии молиявии давлат ва тақвият бахшидани нақши он дар нигоҳдорӣ ва истифадаи самараноки об, инчунин, ҳалли мушкилоти соҳаи об имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки бо мақсади истифодаи самараноки об тавассути дастгирии молиявии давлат ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, рушди бозори хизматрасонии об, таҳким ва ҷалби минбаъдаи сармояи хориҷӣ ба хоҷагии об ба мақсад мувофиқ мебошад.

6. Ҳангоми истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об тадбирҳои зарурӣ на танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар миқёси кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, умуман ба назар гирифта шаванд. Илова бар ин, зурур аст, ки оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об бояд маҷмуи тадбирҳо дар шаҳру ноҳияҳо ва хоҷагиҳои тамоми кишварҳои минтақа роҳандозӣ карда шаванд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегия ва консепсияҳо


[1] Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2 апрели соли 2020 №1688

[2] Маҷмуи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶДММ "ЭР-граф", Душанбе-2022, 413 с.

[3] Отчет «Стратегическое планирование и устойчивое управление развитием водных ресурсов в Центральной Азии». Ташкент, НИЦ МКВК, 2014-287 с.

[4] Перспективы интеграции в освоении энергетических и водных ресурсов в Центральной Азии // Интеграционный комитет ЕврАзЭС. М.: 2004. -57 с.

[5] Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.- Қарори Ҳукумати Ҷумҷҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, №627

[6] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.


## II. Захираҳои электронӣ


[7] [Захираи электронӣ]: mts.tj MTC-Наҷоти арал-наҷоти зиндагист -2023, (санаи муроҷиат: 12.10.2024.)

[8] [Захираи электронӣ]: Central Asia: Water in Conflict, International Crisis Group (ICG), Asia Report No 34, 30 May 2002. Доступнопоадресу: http://www.crisisgroup.org/ Curse of Cotton (2005): The Curse of Cotton: (санаи муроҷиат 15.09. 2023)

[9] [Захираи электронӣ]: Central Asia's Destructive Monoculture, International Crisis Group, Asia Report No. 93, 28 February 2005. Доступнопоадресу: http://www.crisisgroup.org/ (Состояниена 13.4.2011) Die EU und Zentralasien: StrategiefüreineneuePartnerschaft [ЕСиЦентральная Азия: Стратегия нового партнерства](2017): (санаи муроҷиат 21.07.2023)

